Ҳасани Деҳлавӣ

Мунтахабот



Ҳасани Дехлавӣ

Мунтахабот



Нашриёти „Ирфон"
Душанбе
1965

Тоҷик 1
Ҳ 48

Тартибдиханда
М. БАҚОЕВ, Л. САЛОМАТШОЕВА

PDF is edited from
zarowadk.ru

Мукаддима

Ҳасани Деҳлавӣ дӯст ва ҳамасри Хусрави Деҳлавӣ (1253—1325) буда, яке аз шоирони намоён ва ғазалсароёни боистеъдоди форсизабони Ҳиндустон ба шумор меравад.

Ҳасани Деҳлавӣ аз худ осори пурқиматро боқӣ гузоштааст, вале бо таассуф бояд қайд намуд, ки осор ва ҳаёти ӯ то ҳоло пурра ва ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст.

Бидуни як қатор тазкира ва сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси Ҳасани Деҳлавӣ дар феҳрастҳои дастнависҳои шарқии китобхонаҳои дунёе ба муносибати тавсифи нусхаҳои девони шоир маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар бисьёр китобҳои умумӣ доир ба таърихи адабиёти форсу тоҷик оид ба Ҳасани Деҳлавӣ сухан намеравад.

Ҳатто муаллифи «Шеър-ул-Аҷам» Шибли Нӯъмонӣ, ки аз ҳампатанони Ҳасани Деҳлавӣ ба шумор меравад, дар асари худ бо овардани чанд байт аз ашъори шоир дар фасли Хусрави Деҳлавӣ қаноат намудааст.

Дар соли 1933 дар Ҳиндустон «Куллиёт»-и Ҳасани Деҳлавӣ аввалин бор нашр мегардад ва Мавлавӣ Масъуд Алӣ нисбат ба ин «Куллиёт» дебоча менависад, ки дар он муаллифи мазкур дар хусуси ҳаёт ва эҷодиёти Ҳасани Деҳлавӣ маълумоти хеле муҳим дода, як қатор лаҳзаҳои торики ҷараёни зиндагии Ҳасанро равшан кардааст.

Дебочаи Масъуд Алӣ дар давраи ҳозира оид ба замон, ҳаёт ва фаъолияти Ҳасани Деҳлавӣ чизи беҳтарин ба шумор меравад.

То ҳоло доир ба Ҳасан ягон асари ҷудогона таълиф нагардидааст, ки дар он замон, ҳаёт ва эҷодиёти шоир ҳартарафа ва пурра таҳқиқ ва тадқиқ шуда бошад, ҳол он ки эҷодиёти ин муаллиф ба адабиёти минбаъдаи форсу тоҷик таъсири зиёд расондааст.

Номи шоир Ҳасан ва лақаби ӯ Наҷмиддин мебошад. Муаллиф дар дебочаи «Фавоид-ул-фуод» ном асараш худро Ҳасани Алои Саҷзӣ меномад. Мувофиқи нишондоди баъзе муаллифони тазкираҳо Ало ё худ Алоуддин гӯё номи падари Ҳасан бошад. Саҷзӣ ё худ Сиҷзӣ ба Систон мансуб будани гузаштагони Ҳасанро нишон медиҳад.

Муаллифони сарчашмаҳо шоирро бо номи Хоҷа Ҳасан ва Амир Ҳасан низ ёд кардаанд.

Зодгоҳи Ҳасанро муаллифони тазкираҳо шаҳри Деҳлӣ нишон додаанд, вале ӯ дар ҳақиқат дар Бадоюн (шаҳрест дар ҷанубии шарқии Деҳлӣ) ба дунёё омадааст, худи шоир дар ин хусус ин тавр ишора кардааст:

Парварда фазли эзадаш, иршоди ғайбӣ муршидаш,
Буда Бадоюн мавлудаш, Деҳлист маншо дошта.

Соли таваллуди Ҳасанро на тазкиранависону муаррихон қайд кардаанд ва на худи шоир. Лекин Ҳасан дар кадом сол чанд сола будани худро нишон додааст ва аз рӯи ин дар кадом сол таваллуд ёфтани шоирро ба осонӣ таъин кардан мумкин аст.

Як нусхаи девони Ҳасан, ки дар феҳристи дастхатҳои форсии китобхонаи «Индиа оффис» дар таҳти рақами 1223 тавсиф шудааст, дар соли 943 ҳиҷрӣ (1536—1537 милодӣ) китобат гардидааст. Ин нусха дорои дебочае будааст, ки он ба қалами худи шоир тааллуқ доштааст. Дар дебоча гуфта мешавад, ки муаллиф ашъори ин девони худро дар синни 63-солагӣ дар 20 зилқаъдаи 715 ҳиҷрӣ (15 феврали 1316 милодӣ) танзим кардааст [1]. Ҳамон навъе ки аз ин таърих маълум

[1] Catalogue of Persian manuscripts in the library of the vndia office by Hermann Ethe, Oxford, 1903, p. 708,

мегардад, Ҳасан дар соли 652 ҳиҷрӣ (1254 милодӣ) таваллуд ёфтааст.

Ҳасан дар шаҳри Деҳлӣ нашъунамо меёбад ва шояд аз ин рӯ нисбати Деҳлавиро гирифта бошад. Дар кадом сол Ҳасан аз Бадоюн ба Деҳлӣ омадааст, маълум нест.

Дар бораи айёми хурдсолии Ҳасани Деҳлавӣ ҳеҷ гуна ахбороте дар даст надорем. Баъзе маълумотҳое, ки дар тазкираҳо доир ба Ҳасан дода шудаанд, танҳо ба давраи ба балоғат расидани шоир таллуқ доранд ва аксари ин маълумотҳо тахминӣ ва ривоятӣ мебошанд. Ҳасани Деҳлавӣ ғайр аз забони форсӣ, ки забони модарии ӯст, забони арабиро низ медонистааст, ки агар аз як тараф баъзе порчаҳои шеърии арабии дар девони шоир овардашуда ба ин шаҳодат диҳанд, аз тарафи дигар гӯё ӯ оид ба забони арабӣ «Қавоид-ун-наҳв» ном асар таълиф намудааст.

Дар байни солҳои 1280—1285 Ҳасани Деҳлавӣ бо дӯсти ҳуд Хусрави Деҳлавӣ дар Мултон дар хидмати ҳокими шаҳри мазкур Муҳаммадсултон — писари калони султони Деҳлӣ Ғиёсуддин Балбан (1265—1287) буд.

Дӯст ва муаррихи муосири Ҳасани Деҳлавӣ Зиёуддин Баранӣ, ки ба хонаи ӯ ва Хусрави Деҳлавӣ рафтуомад доштааст, дар ин бора дар «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» ном асари ҳуд чунин менависад: «...ва Амир Хусрав ва Амир Ҳасан ба хидмати ӯ (яъне Муҳаммадсултон) чокар буданд ва панҷ сол ӯро дар Мултон хидмат кардаанд ва миёни нудамои он шоҳзода мавоҷиб ва инъом ёфта. Ва донише, ки дар он шоҳзода буд, дар чанд маҷлиси фазоил ва латоиф ва дониш ҳунари ин ду шоирро идрок кард ва аз ҷумлаи нудамо эшонро бзргузид ва назму насри ин ҳарду устод хуш кард ва ҳардуро аз мухлисони ҳуд гардонид ва аз дигар надимон дар боби эшон бештар лутф кардӣ ва инъоми бештар ва ҷомаи беҳтар эшонро додӣ».

Дар соли 1285 Муҳаммадсултон дар ҷанги зидди муғул кушта мешавад, Ҳасан ва Хусрав низ дар ин ҷанг иштирок кардаанд. Дар марги ин ҳоким ва умуман ба воқеаи кушта шудани ӯ Ҳасан дар назм ва Хусрав дар назм марсияҳо мебахшанд.

Баъди воқеаи мазкур ҳарду шоир аз Мултон ба Деҳлӣ меоянд. Чанд вақт Ҳасан дар лашкар хизмат мекунад, дар бораи дар лашкар буданаш Ҳасан дар чанд ҷои осораш зикр кардааст, аз ҷумла дар байте менависад.

Акнун, ки вақти лашкарӣ омад чӣ сон равам,
Аспам гарав, силоҳ гарав, чорпо гарав.

Ҳасан баъдҳо дар қатори Хусрави Деҳлавӣ дар дарбори султон Алоуддини хилҷӣ (1296—1316) хизмат мекунад ва ба ин султон қасидаҳои бисьёр бахшидааст. Ба дарбори ин ҳукмрон Ҳасан ба василаи малик Изуддин, ки бародари Малик Нусрат ном сарлашкари султон буд ва нисбат ба Ҳасан лутфу меҳрубониҳо зоҳир намудааст, роҳ меёбад, вале кадом сол ба дарбори Алоуддин наздик шудани Ҳасан ва то кадом сол дар он ҷо хизмат кардани ӯ маълум нест.

Дар байни солҳои 1302—1322, чи тавре ки аз рӯи «Фавоид-ул-фуод»-и муаллиф аниқ маълум аст, шоир асосан дар Деҳлӣ будааст ва дар ин вақт Ҳасан аз рӯи ақидату муҳаббате, ки нисбат ба Низомуддин авлиё (роҳбари ҷараёни тасаввуфии «чиштия» дар асрҳои XIII ва XIV дар Ҳиндустон) доштааст, ба қатори муридони ӯ дохил мешавад.

Ӯ дар зиндагӣ як шахси хушсӯҳбат ва дорои ахлоқи нек будааст, худи шоир оид ба ин масъала чунин ишора мекунад:

Дурустам, ростам, якрою якрӯй,
Каҷӣ дар ман набинӣ як сари мӯй.

Ҳасан ҳаёти камбағалонаро аз сар мегузаронид, бо вуҷуди ин ӯ қаноатмандиро пешаи худ месозад:

Бурун ифлос дорему дарун заъф,
На зар моро дар ин тадбиру на зӯр.

* * *

Маро дар умр худ хона набудаст,
Магар дар олами бехонумонӣ,

* * *

Ҳар чанд, ки нест бар ҷигар об,
Як қатра зи ҷӯи кас наҷӯем.

Дар соли 1327 Султон Муҳаммад Туғлуқ бинни Ғиёсуддин (1325—1351) пойтахти салтанати Деҳлиро аз Деҳлӣ ба Девгир (Давлатобод) мекӯчонад ва Ҳасан низ ба Давлатобод меравад. Мувофиқи шаҳодати баъзе муаллифони сарчашмаҳо Ҳасани Деҳлавӣ соли 1327 вафот мекунад, вале як қатор тазкиранависони дигар соли вафоти ӯро 1338 нишон додаанд, ба ҳар ҳол ӯ дар байни солҳои 1327—1338 аз дунъё чашм мепӯшад ва мадфани ӯ ҳоло дар Аврангобод (Давлатободи пешина) мавҷуд будааст.

Ҳасан аз 13-солагӣ ба навиштани шеър шурӯъ мекунад ва дар 63 солагӣ девони худро мураттаб намудааст. Зиёуддини Барани дар асари мазкур дар ҳаққи Ҳасан навиштааст:

«...ва ӯро таълифоти назму наср бисъёр аст... ва Амир Ҳасанро низ чанд девон аст ва саҳоиф ба наср ва маснавиёт бисъёр аст...» Дар бораи танҳо як ва ё якчанд девон доштани Ҳасан ҳоло чизе гуфтан душвор аст ва дар вақти ҳозир аз ин муаллиф фақат як девони мукаммал мавҷуд аст.

Дар соҳаи наср аз Ҳасани Деҳлавӣ ду чиз боқӣ мондааст:

1) Марсияи ӯ дар марги Муҳаммадсултон.

2) «Фавоид-ул-фуод» («Фоидаҳои дил»).

«Фавоид-ул-фуод» иборат аз панҷ ҷилд буда, таълифи он 3 сентябри 1322 ба анҷом расидааст ва асар малфузоти Низомуддин Авлиро дар бар мегирад.

Ҳамон навъе ки аз рӯи китоб маълум мегардад, Ҳасан дар муддати понздаҳ сол (28 январи 1308—2 сентябри 1322) қариб дусад шаб ба хидмати пири худ Низомуддин ҳозир шуда, ҳар гуфтушунниде ки дар маҷлиси Низомуддин ба амал омадааст, муаллиф онро ба тариқи саддошт баён кардааст. Масъалаҳои баёнкардаи Низомуддин бештар характери динӣ ва тасаввуфӣ доранд, вале дар асар ба ин ё он муносибат баъзе масъалаҳои тарҷиманиҳолии худи муаллиф низ

инъикос ёфтаанд. Забони асар хеле содда ва равон аст, лекин маҳсияи дар наср навиштаи Ҳасан аз ҷиҳати забони худ хеле мушкилфахм аст. Шояд Ҳасан дар давраҳои аввали эҷодиёти худ мушкилнависиро машқ карда, баъдтар аз он даст кашида бошад.

Осори назмии Ҳасан аз рӯи намудҳои шеърӣ хеле гуногун буда, қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанд, маснавӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Қисми зиёди девони шоирро ғазал ва қасида ташкил додааст ва қасида дар девон аз рӯи ҳаҷми худ баъди ғазал ҷои дуввӯмро ишғол кардааст.

Ҳасан дар қасоиди худ Низомуддин авлиё, султони Деҳлӣ Алоуддин (1296—1316), бародари ин султон Алмосбек мухотаб ба Улуғхон ва писари Алоуддин Хизрхонро мадҳ намудааст. Аксарияти қасидаҳои Ҳасан дар таъриф ва тавсифи Алоуддин навишта шудаанд. Як қисми қасидаҳои ин муаллиф характери тарҷимаи ҳолӣ доранд.

Мақоми асосиро дар осори шоир ғазал ташкил медиҳад, ки адади он дар ҳудуди 800 буда, Ҳасани Деҳлавӣ бештар ва асосан ба воситаи ин намуди шеърӣ машҳур ва маъруф гардидааст.

Мавзӯи асосии ғазалиёти шоир ин таъриф ва тавсифи ҳусни зебои ёр, дарди фироқи ҷонсӯзи ошиқ, шикоят аз бахти бад, нозу истиғно ва бемеҳрии маъшуқ, шодӣ ва хурсандӣ дар ҳангоми висол, сидқу вафо нисбат ба маҳбуб, май ва майгусорӣ, тасвири табиат, масъалаҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва монанди онҳо мебошад.

Васфи ёру маҳбуба дар ғазалиёти Ҳасан ҷои алоҳидаро ишғол менамояд, худи шоир низ ин масъаларо зикр намуда, вазифаи асосии худро аз васф намудани хубон ҳисоб мекунад ва ғазалҳояшро ҳам аз ин сабаб ҳамвору дилкаш медонад:

Агар авсофи ҳусни ту набошад,
Ғазалҳои Ҳасан аҳсан нагӯем.

* * *

Зар захира монду сим аз ҳар касе,
Аз Ҳасан авсофи хубон ёдгор.

* * *

Ҳасан ҳамвора дар васфи қади туст,
Аз он шеъраш бувад ҳамворгуна.

Дар зимни мавзӯъҳои ишқӣ-лирикӣ шоир баъзе фикрҳои зидди хурофоти динӣ (албатта ба таври хеле пассив), шикоят аз дуньё ва аҳли он, шикоят аз аҳволи сахти худ ва амсоли инҳоро баён менамояд.

Ғазалиёти шоир равону ширин ва дилкашу латиф буда, масъалаҳои ишқу ошиқӣ дар онҳо аз таҳи дил суруда шудаанд.

Ҳасани Деҳлавӣ шоири ширинкалом буда, дар ғазал ашъори Саъдиро пайравӣ ва татаббӯъ мекард ва борҳо нисбат ба Саъдӣ мӯътақид будани худро қайд кардааст, масалан:

Ҳасан гуле зи гулистони Саъдӣ овардаст,
Ки аҳли маънӣ гулчини он гулистонанд.

* * *

Гар бинӯшӣ дурдии хумхонаи дард, эй Ҳасан,
Доди маънӣ шеваи Саъдии шерозӣ диҳӣ.

* * *

Дар хуми маънӣ Ҳасанро шираи нав рехт ишқ,
Шира аз хумхонаи масте, ки дар Шероз буд.

* * *

Аз наъмаи Ҳасан нав шуд дебочаи ҳусн оре,
Ҷилди суханаш дорад шерозаи шерозӣ.

Ҳасан дар ғазалсарой равияи Саъдии Шерозиро пеш гирифта ва дар ин масъала кӯшиши ӯ бенатиҷа намондааст, аз ин сабаб вай дар ватани худ ба Саъдии Ҳиндустон машҳур гардид. Суханварони Ҳинд мегӯянд ки ин лақабро ба ӯ додаанд, албатта, танҳо ғазалсароии ӯро дар назар доштаанд.

Забони ғазалиёти Ҳасан содда, равон ва ҳамафаҳм буда, муаллиф аз мақолу зарбулмасалҳои халқӣ хеле васеъ истифода намудааст, масалан:

Маслиҳат нест, ки пандам диҳӣ эй хоҷаи ҳукм,
«Ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад».

* * *

Мебигзарад оби мижаи мо зи сари мо,
Некӯ масале ин, ки «ҳам аз мост, ки бар мост».

* * *

Рухсате деҳ, ки ба дандон биканам холи лабат,
Охир эй ҷон масале ҳаст, ки холе кам гир.

Ҳасан дар ғазалиёти худ санъатҳои шеърӣ, аз он ҷумла таҷнисро хеле устодона ва моҳирона истифода кардааст, ки дар зер барои намуна чанд мисол меорем:

Як рӯз миён ба зулф бастӣ,
Гумроҳ шуд андар он миён дил.

* * *

Боз банди карашма боз макун,
Нозат аз ҳад гузашт, ноз макун.

* * *

Эй зи ҷоми лабат ҷаҳоне маст,
Рафтам аз даст агар нагирӣ даст.

Ҳасан дар достонсароӣ низ даст задааст ва як достони на чандон калони худ — «Ишқнома»-ро таълиф менамояд, ки онро муаллиф дар аввали зилҳиҷҷаи соли 700 ҳиҷрӣ (августи 1301 милодӣ) эҷод кардааст, ки ҳаҷми он 606 байт мебошад.

Шоир ин асарро дар муддати як шаб навиштааст ва мазмуни онро аз байни халқ гирифтааст:

Муҳаббат лавҳ буду ишқ хона,
Аз он номаш ниҳодам «Ишқнома».
Намудам андар ин чандон тафаккур,
Саводи якшаба буд ин ҳама дур(р).
Ба соли ҳафсад ин дур шуд намуда,
Душанба, ғарраи зулҳиҷҷа буда.
Чу дар назм омад ин абьёти дилкаш,
Шумурдам ҳосил омад шашсаду шаш.
На аз худ кардам ин афсона манзум,
Ки машҳур аст ин қисса дар он бум.

Ҳасани Деҳлавӣ дар таърихи адабиёт пеш аз ҳама бо ғазалиёти худ маъруф аст ва ӯ шоири ғазалсарост. Ӯ маҳз ба воситаи ғазалиёти худ ба намояндагони минбаъдаи адабиёти тоҷик таъсир расондааст ва ин қатор шоирон ӯро ба некӣ ёд кардаанд.

Дар як қатор сарчашмаҳо гуфта мешавад, ки гӯё таъсири эҷодиёти Ҳасан ба шоири ғазалсарои асри XIV тоҷик Камоли Хуҷандӣ низ ҳаст аст ва Камол аз мавзӯъҳои Ҳасан истифода намудааст, ки байти зерини шоири асри XVI Абдураҳмон Мушфиқӣ ишора ба ҳамин масъала аст:

Назми ту Мушфиқӣ ба камоли Ҳасан расид,
То гуфтай, ки пайрави пири Хӯҷандиям.

То кадом андоза ба ҳақиқат наздик будани ин масъаларо тадқиқотҳои оянда нишон хоҳад дод.

Муаллифи машҳури асри XV Камолиддин Биной дар хусуси дар ғазал пеш гирифтани равияи Ҳасанро чунин мегӯяд:

Биной мешавад охир баландовоза чун Хусрав,
Ки дар таври ғазал тарзи Ҳасан меоварад берун.

Ҳилолӣ навиштааст:

Ҳилолӣ аз камоли шеър дорад мансаби шоҳӣ,
Ки сӯзи Хусравасту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ.

Зайниддин Восифӣ фармудааст:

Онон, ки соҳибони камоланд, Восифӣ,
Шеъри ту кай кунанд зи шеъри Ҳасан чудо?

Ба ғазалҳои Ҳасан бисьёр шоирон назира навиштаанд. Ҳасан дар қатори Хусрав дар масъалаи такмили ғазал роли калон бозидааст ва ӯ яке аз устодони ғазал ба шумор меравад.

* * *

Осори то ба давраи мо омадарасидаи Ҳасан он қадар бисьёр набошад ҳам, вале дар масъалаи тараққии минбаъдаи адабиёт, хусусан ғазал роли калон бозидааст. Мунтахаби осори ӯ бо хатти имрӯзаи тоҷикӣ то ҳоло дастраси оммаи хонандагон нагардидааст.

Нашриёти «Ирфон» талаботи рӯзафзуни хонандагонро ба назар гирифта, нашри мунтахаби осори ӯро ба плани худ дохил кард.

Дар ҳангоми тартиб додани «Мунтахабот»-и Ҳасани Деҳлавӣ ду сарчашмаи асосӣ мавриди истифода қарор додем:

1. Дастхати «Девон»-и Ҳасани Деҳлавӣ, ки дар таҳти рақами С 1662 дар китобхонаи Институти шӯъбаи ленинградии халқҳои Осиёи АФ СССР нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи мазкур дар байни дигар дастнависҳои девони шоир, ки дар китобхонаҳои мамлакати мо маҳфузанд, қадимтар буда, дар соли 1502 китобат шудааст.

2. «Девон»-и Ҳасани Деҳлавӣ, ки дар Ҳайдарободи Дакан дар соли 1933 чоп гардидааст. Нусхаи чопӣ дар асоси панҷ дастхати девони Ҳасани Деҳлавӣ тартиб дода шудааст. Ҳамон навъе ки аз гуфтаҳои муаллифи муқаддимаи «Девон»-и Ҳасан маълум мегардад, нусхаҳои хаттие, ки дар ин нашр мавриди истифода қарор гирифтаанд, мувофиқи замони китобати худ то андозае қадимианд.

Нусхаи хаттии китобхонаи Институти шӯъбаи ленинградии халқҳои Осиёи АФ СССР низ аз ҳар ҷиҳат дастхати хуб аст.

Дар асоси ашъори маҷмӯа асосан ана ҳамин нусхаи хаттӣ гузошта шуд; достони «Ишқнома» (ба тариқи интихоб) аз рӯи нусхаи чопӣ гирифта шуд, зеро дар ҳеҷ як кадом нусхаҳои дастхати девони Ҳаса-

ин Деҳлавӣ, ки дар китобхонаҳои Иттиҳоди Советӣ нигоҳ дошта мешаванд, ин асар дохил нашудааст.

Дар вақти навиштани калимаву ибора ва ё мисрае, ки дар нусхаи хаттӣ то дараҷае нодуруст, шубҳанок ва ё худ носаҳеҳ ба назар мерасид, аз рӯи нусхаи чопӣ ислоҳ карда шуд.

Дар ҳангоми ба ин ё он сабаб ихтисор карда шудани байт ва ё порчаи шеърӣ се нуқта гузошта шуд.

Луғати калимаҳои душворфаҳм дар поварақи ҳар як саҳифа дода шуд. Барои ғазалиёт дар мундариҷа мисраи аввали ҳар як ғазал нишон дода шудааст.

«Мунтахабот»-и Ҳасани Деҳлавӣ характери оммавӣ дорад, аз ин рӯ аз овардани фарқҳои дар нусхаҳои гуногуни осори Ҳасан дучор шуда қасдан худдорӣ намудем.

«Мунтахабот»-и Ҳасани Деҳлавӣ, ки ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ аввалин дафъа ба хонандагони мӯҳтарам пешкаш карда мешавад, намунаҳои беҳтарини осори назмии ин шоири маъруфро дар бар мегирад. Азбаски «Мунтахабот»-и Ҳасан ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ бори аввал нашр мешавад, аз ин сабаб маҷмӯа аз баъзе камбудӣ ва нарасогиҳо холӣ нахоҳад буд. Аз хонандагони азиз ва мутахассисон умедворем, ки бо қайду маслиҳатҳои худ барои дар оянда хубтар ва пурратар нашр гардидани осори Ҳасани Деҳлавӣ ба тартибдиҳандагон ёрмандӣ ва кӯмакҳои калон хоҳанд расонид.

Л. Саломатшоева, М. Бақоев

Газалиёт



Эй рӯи ту моҳи маҳфили мо,
Ҷуз ишқи ту нест дар дили мо.
Мо ишқи туро ба ҷон харидем,
Ин аст зи умр ҳосили мо.
Аз хулду наим бениёзем,
То кӯи ту гашт манзили мо.
Аз рӯи ту нест шарм маҳро,
К-ояд ҳама шаб муқобили мо.
Бечора Ҳасан туру ниҳон гуфт,
Пайдост, ки кист қотили мо.

Эй сабо бӯи ту мебояд маро,
Сабр дар сина намеояд маро.
Гарчи боғ осоиши ҳар хотир аст,
Хотир он ҷо мснаёсояд маро.
То бидидам гулситони рӯи ту,
Гул ба дида хор меояд маро.
Гул чӣ хоҳам кард чун рӯи ту нест,
Бе ту рӯи гул намебояд маро.
Гар дилам хун гашт чун ғунча, чӣ шуд,
Як дамат сад шодӣ афзояд маро.
Алғараз ту лаб чу гул бикшо аз он-к
Ин ғараз аз ғунча накшояд маро.
То ҳавохоҳи туам ҳамчун Ҳасан
Гулсифат садбарг мезояд маро.

Эй дардҳо фузуда дили дӯстдорро,
Ёрӣ набошад, ин ки напурсанд ёрро.
Ман мунтазир ки рӯи муборак бубинамат,
Оина пеш дошта акси нигорро.
Дилҳои мо хароб шуд аз чашми масти ту
Волии зулмпеша фитод ин диёрро.
Туркони ғамзаи ту ба ғавғо баромаданд,
Рӯзӣ надод тавбаи парҳезгорро.
Қадри чу ман саге набувад ин иноятат,
Доғе бинеҳ, ки кор биёяд шикорро.
Дорам дили пуроташу ошӯби рӯзгор,
Худро бисӯзам акнун, ё рӯзгорро.
Мискин Ҳасан зи васли ту мондаст бенасиб,
Бо ғам қарор дода дили беқарорро.

Эй камар баста бевафоиро,
Бартараф карда ошноиро.
То чӣ ғоят кашам ҷафо охир,
Ғояте ҳаст ҳар ҷафоеро.
Ваҳ намеёбамат ҷудогона,
То сифатҳо кунам ҷудоиро.
Зоҳиде к-он ду лаъли майгун дид,
Маъзират кард порсоиро.
Ақл бигрехт аз маҳаллаи ишқ,
Шаҳр зиндонст рустоиро.
Дил чаро надҳамат, ки парвона,
Ҷон фидо кард рӯшноиро.
Эй Ҳасан, ними ҷон, ки ҳаст бидеҳ,
Чӣ тавон кард бенавоиро.

Эй чашму чароғи дил, охир назаре бар мо,
В-эй оби ҳаёти ҷон, охир гузаре бар мо.
Гар нимшабе ногаҳ толеъ [1] нашавӣ чун маҳ,
Ҷуз бод кӣ меорад аз ту хабаре бар мо.
Ҷуз субҳ кӣ меронад аз мо нафасе бо ту,
Бигзар чу насими гул вақти саҳаре бар мо.
Ҳалвои муроди мо бар завқ намеояд,
Бифрист зи лаъли худ андак шакаре бар мо.
Роҳи дили мо дидӣ барбаста ба хори ғам,
Аз боғчаи раҳмат бикшой даре бар мо.
Гар боғ ту оройӣ, в-ар роғ ту фармойӣ,
Ҳоким натавонад шуд ҷуз ту дигаре бар мо.
Хуш гуфт Ҳасан бо ту андар шаби танҳойӣ,
К-эй чашму чароғи дил, охир назаре бар мо.

[1] *Толеъ шудан* — баромадан.

Эй дар ду лабат ҳама шакарҳо,
Рӯи ту назораи назарҳо.
Аз соғари ишқ дар раҳи ту,
Ғалтида ба ним ҷуръа сарҳо.
Рафтам ба паноҳи дину тақво,
Тири ту гузашт аз сипарҳо.
Дарди дили ман ҳама шуниданд,
Ту бехабарӣ аз ин хабарҳо.
Гуфтӣ: «Сар неҳ, чу дил ниҳодӣ»
Ин низ ниҳем бар дигарҳо.
Боре зи сагони хештан пурс,
К-он бонги кӣ буд дар саҳарҳо?
Аз бехатарон наёяд ин кор,
Кори Ҳасан аст ин хатарҳо.

Ба пеши сурати хуби ту моҳро чӣ бақо?
Ба ҷанби[1] хоки дарат молу ҷоҳро чӣ бақо?
Шикаст кавкабаи маҳ зи як баромаданат,
Чу офтоб бурун тохт, моҳро чӣ бақо?
Туӣ хулосаву бас рӯзу шаб туфайли туанд,
Ту дер бош, сафеду сиёҳро чӣ бақо?
Ду чашми ман ду гувоҳанд, ишқро ту бигӯӣ,
Ба як инояти қозӣ гувоҳро чӣ бақо?
Ту омадӣ гулу лола бирехтанд аз шарм,
Биҳишт омада мушти гиёҳро чӣ бақо?
Агар ба рӯи ту ҷоме хӯрам гунаҳ гирӣ,
Ба пеши ояти раҳмат гуноҳро чӣ бақо?
Бисӯхт аз тафи ишқат ҳама вуҷуди Ҳасан,
Чу оташ омад бечора коҳро чӣ бақо?

[1] *Ҷанб* — паҳлу.

Боз о, ки орзӯи ту бисьёр шуд маро,
Дил дар шамоили ту гирифтор шуд маро.
Бе ту назар гумоштаам бар чаҳор сӯ,
Боз ин ду чашм дар раҳи ту чор шуд маро.
Чон аз фироқи рӯи ту осон равад, валек
Аз зистан ба ҳаҷри ту душвор шуд маро.
Чандон ба теғи ғамзаи ту ишқ бохтам,
То охирам даруни дил афгор шуд маро.
Ёро, касе ба чорагарӣ ёриам накард,
Боре Ҳасан ба нолагарӣ ёр шуд маро.

Чандин чӣ ноз омӯхтӣ он ғамзаи ғаммозро,
Дил бурдиву ҷон сӯхтӣ, ҳаддест охир нозро.
Ҳар чанд ҳиндуи туам чун дуздам аз лаълат шакар.
Ҳар сӯ камин биншондай туркони тирандозро.
Ҳаргиз напурсид аз касе гӯшанишинонро нишон,
Масте ки ӯ қибла кунад, ҳамчун туӣ таннозро.
Ғолиб наёяд ақли мо бар ишқи маҳрӯён, бале
Ҳадди кабӯтар кай бувад, к-ӯ сайд гирад бозро.
Сабҳа чӣ дар дастам диҳӣ, хирқа чӣ дар пешам ниҳӣ,
Бо зоҳидон нисбат макун ин пири шоҳидбозро.
Созе, ки буд, эй муддай, кардӣ аз ин маҷлис бурун,
Бо ту ба ҳам оташ занам ин маҷлиси бесозро.
Хош, эй Ҳасан, то зиндай, дил неҳ ба зиндони ғамаш,
Чора набошад аз қафас мурғони хушовозро.

Чеҳра нигор кард гул, чеҳраи ёри ман куҷо?
Бод баҳорбӯй шуд, бӯи баҳори ман куҷо?
Лавҳи замин ба ҳар замон аз қалами қазо кунун,
Ҷумла нигору нақш шуд, нақши нигори ман куҷо?
Тохтани сабо расид аз сафи субҳ дам ба дам,
Масти рикоби ёсумин чустсавори ман куҷо?..
Лашкари навбаҳорро сохта барг як ба як,
Гул ҳама арз медиҳад, орази ёри ман куҷо?
Пор ба боғ доштам хушдилие ба воҷибе,
Дафтари боғ тоза шуд, воҷиби пори ман куҷо?
Даҳр агар ба вақти гул гулрухе аз Ҳасан ситад,
Эй фалаки бунафшаваш, лолаузори ман куҷо?

Ман надонам худ чӣ созам ҳила то бинам туро
Ҷон ба лаб омад дар ин охир биё, бинам туро.
Гарчи ман бисьёр мехоҳам, ки рӯят бингарам,
Инчунин бахте, ки ман дорам, куҷо бинам туро?!
Дар дилам дардест чун дармони он дардам туӣ,
Рӯи дармонаш намо, баҳри худо, бинам туро.
Ман нахоҳам шуд ҷудо аз кӯи ту то зиндаам,
Ё маро дар кӯи ту бик(у)шанд, ё бинам туро.
Тарки хубон менагирӣ ҳамчу Саъдӣ, эй Ҳасан,
Оқибат рӯзе фитода дар бало бинам туро.

Ду рӯз шуд, ки шудам з-он маҳи ягона ҷудо,
Ҳама нишот шуд аз ман бад-ин баҳона ҷудо.
Манам ба нолаи зор аз ҷудоии он дӯст,
Чу зор нолаи мурғе зи ошьёна ҷудо.
Қабул кардаме ар ҷон ҷудо шудӣ аз тан,
Раво надоштаме сар зи остона ҷудо.
Зи тири ғамзаи ӯ кушта гашта бин шаҳре,
Ки ҳаст ҳар сари пайконшро нишона ҷудо.
Замона қасд ба ҷон мекунад, ситора ба хун,
Ғами ҷудоии он дилбари ягона ҷудо.
Чӣ толеъ аст маро к-ин чунин кушандам зор,
Ғамаш ҷудову ситора ҷудо, замона ҷудо,
Яке риояти ҳоли Ҳасан кунед, ки монд
Зи ёр дур, зи дил бехабар, зи хона ҷудо.

Навбат заданд, навбати айш аст, соқиё,
Айшам ба рӯи тозаи худ тоза кун, биё!
Охир расид навбати шаб, май бидеҳ, бубин
То навбати кадом ҳариф аст, соқиё.
Гар даври офтоб бишуд з-офтоби май,
Дар тирашаб ба даври қадаҳ дарфиган зиё.
Бе даври май зи ман накушояд дақиқае,
Гар бар сарам сипеҳр бигардонад осиё.
Хуни қароба рехта шуду рехта шавад
Хуни касе, ки созад ҷавшан зи бӯрьё.
Хуррам нагашт ҷуз, ки ба гӯгирди сурх май,
Табъи Ҳасан, ки зарри суханрост кимиё.

Нест имрӯз ҳеҷ ҳуш маро,
Пуртарак додаанд дӯш маро.
Ақл мағлуб шуд ҳам аз як давр,
Даври дигар намонд ҳуш маро.
Хоҷа, пандам чӣ медиҳӣ, ки гаҳе
Он тарафҳо набуд гӯш маро.
Ҷомаи ман ба ҷоми май гарав аст,
Ту ба зайли[1] карам бипӯш маро.
Сурмаи дидаи хирад гаштаст,
Гарди дӯкони майфурӯш маро.
Шаб чу девона кард нӯшлабе,
Ҳар дам аз бонги нӯш нӯш маро.
Чӣ диҳам шарҳи ҳоли хеш, ки кард
Гуфтаҳои Ҳасан хамӯш маро.

[1] *Зайл* — доман.

Назар кун ду чашми пуроби маро,
Ба ман бахш ҷони хароби маро.
Ду чашми ту қасди дилам мекунад,
Ба мастони худ деҳ кабоби маро.
Туро ҳар ду наргис фусунгар фитод,
Надонам, кӣ бастаст хоби маро.
Ҳадисе бигӯ, то мадоре бувад,
Бад-он ҷони ту хоку оби маро.
Зи ту шарбати васл кардам суол,
Нигар мӯҳр кардӣ ҷавоби маро.
Ба дашноми мақбули худ маҳв кун,
Дуоҳои номустаҷоби маро.
Ҳасан гуфт: «Хоки сагонат манам»,
Ба ҳар кас мабахш ин хитоби маро.

Дил шуду дунъё шуду дин, соқиё,
Гар ҳама рафтанд, ту боре биё.
Ҷоми ту бар дасти чу ман муфлисе,
Ҳуққаи ғайб аст пур аз кимиё.
То чу қароба нашавӣ софдил,
Хирқа накӯ н-оядат аз бӯрьё.
Ҳарчӣ ки бидҳӣ ҳам аз онат диҳанд,
Кардаам ин таҷриба аз осиё.
Ин дили гумраҳшуда нашнид панд,
Дидаи аъмо[1] чӣ кунад тӯтиё.
Боз куҷо истад ин оби чашм,
То надамад аз гили гӯрам гиё.
Эй, Ҳасан, аз зӯҳд чӣ овардай,
Зӯҳди дарун рахнаву берун риё.

[1] *Аъмо* — нобино.

Ди сӯи сарви лоларух пайғом додам бодро,
Бинвишта хатти бандагӣ он савсани озодро.
То пеши ӯ афтад магар ашке зи чашми дурфишон,
Дурҳо захира мекунам аз баҳри пешафтодро.
Маҷнун матои ақлу дин дар ишқи Лайлӣ сарф кард,
Панди падар монеъ нашуд расвои модарзодро.
Мехостам, к-аз дасти ӯ имрӯз фарьёде кунам,
Гирья гиреҳ шуд дар гулӯ, раҳ баста шуд фарьёдро.
Ди баъди фарзи бомдод аз дур дидам рӯи ӯ,
Ман дар ғазал хондан шудам рахна фитод авродро[1].
Ҳар кас раҳе дорад вале, чи суд к-аз рӯзи азал,
Бӯса ба Хусрав мерасад, теша задан Фарҳодро.
Мехостам як бӯсае, гуфтам хатоҳо мекунӣ,
Оре, хато бар мо равад, афтад ғалат Бағдодро.
Гар умр ин аст, эй Ҳасан, дар пои хубон сарф кун,
Чандин чӣ қаҳгил мезанӣ девори бебуньёдро.

[1] *Аврод* — дуоҳое, ки дар вақти муайян хонанд.

Моҳе ки қадаш таъна занад сарви чаманро,
Кардем дигар дар сари меҳраш дилу танро.
Хуршед дигар рӯй ба мардум нанамояд,
Гар з-онки бубинад рухи он моҳи Хутанро.
Эй сарви хиромон, ки ба маънӣ назанад лоф,
Бо қади ту озодии худ сарви чаманро.
Овора бикардаст гами фурқати рӯят,
Сад ошиқи саргаштаи маҳҷур чу манро.
Рӯзе агарат бар сари хоке гузар афтад,
Аз шавқи ту бар худ бидарад мурда кафанро.
Касро надиҳад лаъли гуҳарбори ту посух,
Худ нест магар бар даҳанат роҳи суханро.
З-он пистаи сарбаста равон кун шакаре чанд,
Яъне ба ҳадисе ду-се бикшой даҳанро.
Аз ақлу дилу ҳуш ба як бор баромад,
То бар рухи хубат назар афтод Ҳасанро.

Мубтало гаштам, мани бечора, то дидам туро,
Эй балоангез, ногаҳ аз куҷо дидам туро.
Дар ту дидам бехато бар синаам новак задӣ,
Шукр мегӯям, ки боре бехато дидам туро.
Нозанино, гарчи мегардӣ малул аз диданам,
Як замон биншин, ки баъд аз дерҳо дидам туро.
Ҳар замон гӯи киро дидӣ, ки девона шудӣ,
Сарвқаддо рост мегӯям, туро дидам, туро.
Хусрави хубон туӣ, хоҳад Ҳасан бӯсе зи ту,
Бар гадоӣ омадам, чун подшо дидам туро.

Моҳи ман, давре бигардон аз шароб,
Маст кун, к-аз дасти ғам гаштам хароб.
Як сари нохун ғами ман кам нашуд,
Як сарангуште фузунтар деҳ шароб.
Хокиёнро нест аз май серие,
Гӯй, андар рег мерезанд об.
Не хато шуд, чун ту наздики манӣ,
Зикри ғайре дур бошад аз савоб.
Чашми гирьёнам кушода шуд ба ту,
Дар шумори ман нашуд ин фатҳи боб.
Ҷониби мо чун гузар кардӣ, бале,
Дар харобиҳо ҳам афтад офтоб.
Маҷлиси хос аст, моему тӯй,
Раҳ наёбад имшаб андар чашм хоб.
Лаб ба мо медеҳ, дил аз мо меситон,
Ҳамчунин аз ту намак в-аз мо кабоб.
Рӯзе аз ҳукмат Ҳасан гардан натофт,
Ҳам ту аз вай имшабе сар бар матоб.

Хаҳӣ [1] дилбар, ки дилҳо аз ту шод аст,
Маро рӯят варои ҳар мурод аст.
Диламро гар фалак дарду ғам афзуд,
Ба рӯи шодиафзои ту шод аст.
Дили як шаҳр шуд, рӯзит хуш бош,
Ҳанӯз аз рӯзат ин худ бомдод аст.
Макун зулм, эй санам, чун зудсерӣ,
Гарат он сӯҳбати дерина ёд аст.
Хато гуфтам, ҷафову зулм кун, зулм,
Ки зулми ту муборактар зи дод аст.
Пас аз дере чу пешам омадастӣ,
Бидеҳ бода, ки бе он умр бод аст.
Калиди шодиву қуфли ғам инак
Бирав к-айём дар банду кушод аст.
Қароба дар салом овард соқӣ,
Даме биншин чи ҷои хайрбод аст.
Ҳасанро ҷаҳд кун, к-аз ғам раҳад боз,
Ки ғамро рӯзу шаб бо ӯ ҷиҳод [2] аст.

[1] *Хаҳӣ* — зиҳӣ.
[2] *Ҷиҳод* — ҷанг.

Турки ман ди каманд меандохт,
Банд бандам ба банд меандохт.
Ҳар куҷо дардноктар захме,
Бар дили дардманд меандохт.
Дар шикор омада зи ғамзаву зулф,
Тир мезад, каманд меандохт.
Кас чӣ донад, к-аз он ду дар як дам,
Чанд мебасту чанд меандохт.
У ҳамерафту маҳ бар оташи меҳр,
Аз ситора сипанд меандохт.
Ҷазъу[1] лаълаш ба домани ушшоқ,
Заҳр мерехт, қанд меандохт.
Мар Ҳасанро зи нози беҳади хеш,
Ҷон ба ҳадди газанд меандохт.

[1] *Ҷазъ* — мӯҳраи сулаймонӣ, ки сафеду сиёҳ бошад ва гоҳе аз лафзи ҷазъ чашм мурод доранд

Коре ки буд бо ту маро, пештар нарафт,
Сар рафт дар ҳавои туам, дарди сар нарафт.
Дил хост то ба боми висоли ту барравад,
Пояш ба гил фурӯ шуду якпоя барнарафт.
Ошиқ, ки ҷони рафта ба кӯи ту боз ёфт,
Ҷон дод ҳам ба кӯи ту, ҷои дигар нарафт.
Шабро хаёл омаду дар пеши чашми ман,
Хона зи мавҷи хун ба халал диду дар нарафт.
Омад, мижа ба сина фурӯ рафт солҳо,
Он оташе, ки дида будӣ аз ҷигар нарафт.
Бо он, ки хуни дил зи мижа рафт солҳо,
Он мардуми ду дида ҳанӯз аз назар нарафт.
Умрат ҳама ба кори бутон рафт, эй Ҳасан,
То умри туст корат аз ин хубтар нарафт.

Ёр, ки сад ёрӣ аз ӯ хостаст,
Тоза ниҳолест, ки нӯ[1] хостаст.
Рӯи хушу бӯи хушу хӯи хуш,
Ҳамчу гул андар ҳама тӯ[2] хостаст.
Худ натавон ёфт чунон обу гил
Гарчи сабо дар таку пӯ хостаст.
Ҷӯи биҳиштаст даҳонаш бубин,
То чӣ набот аз лаби ҷӯ хостаст.
Рост қадаш бар сифати сарв хост,
Чашми бадаш дур, накӯ хостаст!
Нодираҳусн омаду нодиртар он-к
Ҳамчу Ҳасан нодирагӯ хостаст.

---

[1] *Нӯ* – нав.
[2] *Тӯ* — тах, дарун.

Инсоф медиҳам, ки чу рӯи ту рӯй нест,
Гул дар мизоҷи лутф чу ту нармхӯй нест.
Ғунча ба сад ниқоб ҳамепӯшад аз ту рӯй,
Донад, ки бо ту рӯй намуданш рӯй нест.
Мегуфт лола: «Ҳаст маро ранге аз рухат»
Ӯро маҷоли ранг чӣ бошад, ки бӯй нест.
Субҳ ар чи сохт аз шабу аз рӯз дафтаре,
Ҳам нусхааш муқобили он рӯю мӯй нест.
Хокӣ дилам ғубори дилат ҳеҷ дарнаёфт,
Санг озмудан алҳақ кори сабӯй нест.

Бинмой рӯи худ, ки ба як рӯ намуданат,
Қувват гирифт қоидаи дил рабуданат.
Моҳи навӣ ту бар фалаки некӯй, ки бадр,
Комаш гирифт рӯз ба рӯз аз фузуданат.
Ҳастим нест шуд зи ту чун маҳ бар офтоб,
Беҳ з-он ки рӯсияҳ зиям аз дур буданат.
Гӯянд пушт ин тараф аст офтобро,
Аз шарм рӯй менатавонад намуданат.
Аз қаҳри ман ба дандон хой ҳанӯз лаб,
Чун сӯхтем боз намак чист суданат?!
Баҳри дирам кунӣ ҳама захми забон аҷаб,
Ҷуз бар сарам набошад теғ озмуданат.
Афсона шуд Ҳасан, зи ту ёрӣ надид ӯ,
Гар рағбате бувад ба фасона шунуданат.

Моҳ чунин рӯ, ки ту дорӣ, надошт,
Мушк чунин бӯ, ки ту дорӣ, надошт
Ғунча ба сад парда бипӯшид рӯӣ,
З-он ки чунин рӯ, ки ту дорӣ, надошт.
Моҳи нав андар ҳама рӯи фалак,
Ин хами абрӯ, ки ту дорӣ, надошт.
Таҳнияте гӯ, ки ба чандин ҷамол,
Чашми чу оҳу, ки ту дорӣ, надошт.
Каъба, ки сарҳо ҳама дар тавқи ӯст,
Ҳалқаи гесӯ, ки ту дорӣ, надошт.
Гесӯи ӯ ҳалқае аз оҳан аст,
Силсила аз мӯ, ки ту дорӣ, надошт.
Ҳеҷ касе шуд Ҳасан, аз хӯи ту,
Ҳеҷ кас ин хӯ, ки ту дорӣ, надошт.

Соқӣ, биёр ҷом, ки ҷонам сипанди туст,
Масти ту бедиле, ки ба ҷон мустаманди туст.
Имрӯз мову сояи беду симои най,
Ҳамсояро бигӯ, ки на ҳангоми панди туст.
Ошиқ зи дида гирьяи хунин кушод боз,
Эй шӯх, ин бало зи лаби нӯшханди туст.
Эй нақши хуб, аз ту шикоят намекунам,
Бар мо ҳар ончи меравад аз нақшбанди туст.
Кардам нисор ашку хиҷил мондаам ҳанӯз,
К-он лаълҳо на дархӯри[1] наъли саманди туст.
Чандин барои ҳукми сиёсат шитоб чист,
Оҳистатар, ки гардану по дар каманди туст.
Гуфтӣ Ҳасан баланд сухан шуд, раво бувад,
К-он андалеб ошиқи сарви баланди туст.

[1] *Дархӯр* — лоиқ, сазовор.

Ё раб, ки он ниҳоли нав аз бӯстони кист?
В-он гул, ки сабза мекунад аз гулситони кист?
Ё раб, мунаҷҷиме бирасон то бипурсамаш,
К-он офтоби шабравам аз осмони кист?
Дил хун шуд аз карашмаи абрӯи дилбарон,
В-он тирҳо шинохтаам, аз камони кист?
Донам ки ҳаст куштаи чашмаш чу ман ҳазор,
В-он чашмаи ҳаёт надонам, ки ҷони кист?
Шаҳре ба хуни дидаи худ ғарқ шуд тамом,
Он турки ниммасти хайолуда[1] они кист?
Эй бод, пайки савсани тоза магар туй,
Варна чунин паёми латиф аз забони кист?
Назми Ҳасан чу дид фалак боз монду гуфт,
Рахти ғариб менигарам, аз дӯкони кист?

[1] *Хайолуда, х(в) айолуда* — аракҳолуда.

Андар ғами туам, сару сомон чӣ ҳоҷат аст?
Чун дардам аз ту бошад, дармон чӣ ҳоҷат аст?
Ҷоно фидои дӯстии туст ҷони ман,
Ошиқ ба дӯст зинда бувад, ҷон чӣ ҳоҷат аст?
Ушшоқи рӯи ту ба тамошо намераванд,
Мурғи биҳиштро ба гулистон чӣ ҳоҷат аст?
'Як чашмзад лаби ту диҳад умри ҷовидон,
Чандин ҳадиси чашмаи ҳайвон чӣ хоҷат аст?
Ҳар к-ӯ ба ту расид, расидаш ҳама мурод,
Киштӣ расидаро нами борон чӣ ҳоҷат аст?
Хез, эй рақиб, бар дари хубон чӣ шистай,
Дарҳои осмонро дарбон чӣ ҳоҷат аст?
Ҳоҷатгаҳи Ҳасан дари роҳатрасони туст,
Уммед к-аз дарат бирасид, он чӣ ҳоҷат аст?

Маро аз зулфи ту мӯе басанд аст,
Фузулӣ мекунам, бӯе басанд аст.
Зи роҳатҳо, ки ҳаст андар ду зулфат,
Ду оламро сари мӯе басанд аст.
Чу лашкар мекашӣ бар қалби ушшоқ,
Сафи мағлубро хӯе басанд аст.
Зи ғамза ҷанги туркона чӣ орӣ,
Ҳам аз ҳоли ту ҳиндуе басанд аст.
Ман ар рӯи саломатро набинам,
Саломе аз накӯрӯе басанд аст.
Ҳасан гар толиби ҳабл-ул-матинӣ,[1]
Зи хубон тори гесӯе басанд аст.
Вагар меҳроб хоҳӣ баҳри тоат,
Аз эшон тоқи абрӯе басанд аст.

[1] *Ҳабл-ул-матин* — ин ҷо ба маънии занҷир, завлона.

Эй зи ҷоми лабат ҷаҳоне маст,
Рафтам аз даст, агар нагирӣ даст.
Дилаке доштам чу шишаи соф,
Зулфи майгунт зӯр карду шикаст.
Чашмат аз зулми зулф огаҳ нест,
Ҳоли шабро хабар надорад маст.
Ҳоли ту бар рухи ҷаҳонафрӯз,
Ҳиндуе омад офтобпараст.
Бо ту ин холу зулф гуфтан нест,
Рӯи инсоф чанд бояд хаст.
Ту аз он оламе, ки бар дари туст,
Сари ҳаҷдаҳ ҳазор олам паст.
Гар набинанд в-ар бубинандат,
Гуфтугӯи ту то қиёмат ҳаст,
Ғунча гирам, ки рух фурӯ пӯшад,
Даҳани булбулон, кӣ хоҳад баст?
Аз Ҳасан гар гусист хоҳад халқ,
Ӯ нахоҳад магар туро пайваст.

Чун ҷамоли ту ҳеҷ бӯстон нест,
Чун ту гул дар ҳама гулистон нест.
Маҳ, ки ӯ нур медиҳад чандин,
Дар ҳузури рухи ту чандон нест.
Он чӣ зулфасту зулм кардани ӯ,
Мо ҳама мекашему поён нест.
Ту биё, гар дилам равад гӯ рав,
Ранҷи ман аз дил аст, аз ҷон нест.
Хат кашидию ман шудам ошиқ,
Ростӣ ишқу мушк пинҳон нест.
Дӯш девонае чӣ хуш мегуфт,
Ҳар киро ишқ нест, имон нест.
Эй Ҳасан, ин чӣ менависӣ боз,
Қалам оҳиста дор фармон нест.

Ҳар ки дар ишқ по наяфшурдаст,
Сари худ дар ҳисоб нашмурдаст.
Ҳар ки ишқаш насӯхт нопухтаст,
Ҳамчу хокистаре, ки афсурдаст.
Бенасими шамоили хубон,
Гулситони ҳаёт пажмурдаст.
Дил ки сабраш зи даст берун шуд,
Дасти фарьёд бар фалак бурдаст.
Навҳагарро кӣ боз хоҳад дошт,
Ҳоса акнун ки модараш мурдаст.
Турки ман бин каманди ноз кушод,
Ин чӣ доми фиреб густурдаст.
Дӯш гуфтам, ки чандам озорӣ,
Ҳам бад-ин як сухан биёзурдаст.
Бандаро ҳадди ин итоб набуд,
Бо бузургон ҳамин қадар хӯрд аст.
Оқибат сар фидо кунад Ҳасанаш,
Ӡ-он ки мардона по бияфшурдаст.

Он шӯх бар он ваъда, ки медод намондаст,
В-андар дили бедодгараш дод намондаст.
Эй бод бигӯяш, ки на нома на насиме,
Гар пайк надорӣ чи шавад бод намондаст.
В-ар бар дили ман тохтан орад ту бигӯяш,
Як хона дар он ноҳия обод намондаст.
Сад бор бигуфтам, ки зи ёдам наравӣ ту,
Бадбахтии ман, к-он суханат ёд намондаст.
Бишкаст хазони ғами ту боғи вуҷудам,
Он сарв, ки дида будӣ озод намондаст.
Фарьёд, ки берӯи ту имрӯз чунонам,
К-андар тани ман тоқати фарьёд намондаст.
Чун умр саромад Ҳасан аз ишқ инон тофт,
Каҳгил чӣ кунад хона, ки буньёд намондаст.

Эй дӯст, туро бар сари вақтам гузаре нест.
Аз ҳоли дили бехабаронат хабаре нест.
Гуфтӣ ба гулистон шаву дар лолаву гул бин.
Чизе ки маро бо ту бувад, бо дигаре нест.
Эй ман саги кӯи ту мазан санги ҷафоям,
Донӣ, ки маро ҷуз дари ту ҳеҷ даре нест.
З-он май, ки лабат хӯрд, насиби мани мискин,
Камтар макун ин ҷуръа, агар бештаре нест.
Парҳез муяссар нашуд аз захм, ки зад ишқ,
Ҳила чӣ кунам тири аҷалро сипаре нест.
Эй хоҷаи оқил, ту дили хеш нигаҳ дор,
Бар дилшудагон айб гирифтан ҳунаре нест.
Сар дар сари савдои бутон кард Ҳасан боз.
Эй хок бар он сар, ки дар ӯ дарди саре нест.

Биё соқӣ, ки гул меҳмони боғ аст,
Маям деҳ, к-аз ҳама шуғлам фароғ аст.
Нишони тавба аз ман камтарак ҷӯй,
Ки имрӯзам ҳавои ҷӯю боғ аст.
Агарчи шустаам дил аз бутон пок,
Вале аз захмашон сад ҷой доғ аст.
Агарчи хастаам аз бода чун бод,
Ҳанӯз он бодҳо андар димоғ аст.
На аҳли хирқа, на аҳли харобот,
Ҳадиси ман — ҳадиси кабку зоғ аст.
Чи бинӣ андарунам парри товус,
Бурунам сар ба сар парри кулоғ аст.
Ҳасан, дилро зи таффи дард месӯз,
Ки он шабҳои ошиқро чароғ аст.

Эй кашида чу яке сарви саҳӣ боло рост,
Рост бар шакли най, лек най бо мо рост.
Қади хубони ҷаҳон росттар аз қадди ту нест,
Оре, он хилъати ғайб аст бар он боло рост.
Зоғро гарчи ниҳад кабк гаҳи рафтан каҷ,
Натавонад, ки ниҳад пеши ту ҳаргиз по рост.
То зи абрӯи каҷи хеш камон сохтай,
Ман ҳадаф кардаам андар дили худ сад ҷо рост.
Эй камар баста чу ҷавзову[1] мижа карда чу Тир[2]
Гӯй он Тир Уторид[3] шуду он Ҷавзо рост.
Фикри холи сияҳат мепазам, эй ҷон, чӣ кунам,
Чун ба бозор намеоядам ин савдо рост.
Бар Ҳасан ҳеҷ гаҳе нарм надидам дили ту,
Ваҳ, дили сахти ту дил нест, ки санги хорост.

---

[1] *Ҷавзо* — номи бурҷест аз бурҷҳои осмон, дар асл ҷавзо ба маънии гӯсфанди сиёҳ, ки миёни он сафед бошад.

[2] *Тир* — ба маънии ситораи Уторид.

[3] *Уторид* — номи ситора.

Бо сари зулфи ту моро сару савдое ҳаст,
Васл ҳар чанд маҳол аст, таманное ҳаст,
Дида гар аз рухи хуби ту надид осоиш,
Синаро аз ғами дерина дилосое ҳаст.
Нагузорӣ, ки сарат гардаму поят бӯсам,
Охир ин кори маро ҳеҷ сару пое ҳаст?!
Лаби ту хостам, аз ғамза задӣ неш, оре,
Ҳар куҷо, фарз кунӣ, хореву хурмое ҳаст.
Халқ гӯянд: «Дилатро зи куҷо сабр омад»,
Эй дил, аз сабр нишонам деҳ, агар ҷое ҳаст.
Эй, ки наззораи девона накардӣ ҳаргиз,
Қадаме ранҷа кун ин сӯй, ки расвое ҳаст.
Дам ба дам тира макун рӯзи Ҳасанро имрӯз,
Охир андеша кун имрӯз, ки фардое ҳаст.

Дил, ки дар ӯ чошнии сӯз нест,
Маҳрами асрори дилафрӯз нест.
Ҳоли салоҳийяту сабрам мапурс,
Он чӣ, ки дӣ доштам, имрӯз нест.
Ғамзаи ҳубон сафи ҷон медарад,
Ақл дар ин маърака пирӯз нест.
Таркаши[1] он турки ҷигархораро
Нест хаданге, ки ҷигардӯз нест.
Эй дили нопухта, ба ишқаш бисӯз,
Хом бувад ҳар ки, дар ӯ сӯз нест.
Абҷади ишқаш ту чӣ донӣ, ки чист,
Ишқ чу қуръон ситамомӯз нест.
Дам мазан аз субҳи висол, эй Ҳасан,
Чунки шабатро асари рӯз нест.

[1] *Таркаш* — тирдон.

Лаъли лаби ту мадади ҷони мост,
Куфри сари зулфи ту имони мост.
Ди ки кашидӣ мижа чун дурбош [1],
Дида ба дил гуфт, ки султони мост.
Ҷаъд ҳамепечию ҷон мебарӣ,
Ин ҳама печоки ту бар ҷони мост.
Бо ҳама омезишу бо мост ноз
Ин на зи хӯи ту зи ҳирмони [2] мост.
Хӯи ту гирам, ки ҳама оташ аст.
Рӯи ту охир на гулистони мост.
Гар нанамоим рухи ҳамчу ид,
Ин қадаре гӯй, ки фармони мост.
Ҳарчӣ, ки ҳаст они Ҳасан они туст,
Ваҳ ту нагӯй, ки Ҳасан они мост.

[1] *Дурбош* — найза.
[2] *Ҳирмон* — бетолей.

Ғамат имрӯз ғамгусори ман аст,
Ишқи ту айши рӯзгори ман аст.
Гар надорам зи маҳрамон рӯзе,
Шаби торик роздори ман аст.
Ҳар нафас пираҳан даридани субҳ,
Асари нолаҳои зори ман аст.
То ба хокаш наафганӣ зинҳор,
Дили пурхун, ки ёдгори ман аст.
Чарх дар хуни ман камар мебаст,
Чашми шӯхи ту гуфт: «Кори ман аст».
Гар асирам куниву гар бахшӣ,
Ихтиёри ту ихтиёри ман аст.
Гар ту як рӯз дар миён ой,
Ҳама мақсуд дар канори ман аст.
Ҳама олам агар хазон гирад,
Рӯи хуби ту навбаҳори ман аст.
Гар Ҳасанро намекунӣ ёрӣ,
Вақти охир бигӯ, ки ёри ман аст.

Ҷое, ки туӣ, эй маҳи ман, ҷони ман он ҷост,
Бечора дили пурғаму вайрони ман он ҷост.
Ман булбулам, аммо зи гулистони рухат дур,
Шояд, ки бинолам чу гулистони ман он ҷост.
Ту азми сафар кардаву нокарда зи ман ёд,
К-он ғамзадаи бекаси ҳайрони ман он ҷост.
Гӯянд хароби сару сомон шудай ту,
Ман чун нашавам, чун сару сомони ман он ҷост.
Ман қисса ба хуни ҷигари хеш навиштам,
Он ҷо бибар, эй бод, ки султони ман он ҷост.
Аз саъи табибон наравад дарди дили ман,
Гӯ ранҷ мабинед, ки дармони ман он ҷост.
Аз ёди ту зиндаст Ҳасан, варна бимурдӣ,
Мегуфт, ки бе ҷон шудаму ҷони ман он ҷост.

Соқӣ, даму субҳ мушкбор аст,
Ғоиб нашавӣ, ки бо ту кор аст.
Бо бӯи маю ҳавои рӯят,
Моро ҳама вақт навбаҳор аст.
Чашмат сӯи мо намешавад боз,
Ҷонон магар аз манат ғубор аст.
Аз мастии чашми ту харобам,
Он турк ҳанӯз дар хумор аст.
Ҳарчанд, ки беқарорам аз ту,
Он ғам, ки зи туст барқарор аст.
Аз ғуссаи рӯзгор ҷон рафт,
Эй ҷони ман, ин чӣ рӯзгор аст?!
Эй чорагари умедҳо ту,
Бечора Ҳасан умедвор аст.

Шаби гузашта маро аз ғамат чунон бигзашт,
Ки мавҷи ашки ман аз авҷи осмон бигзашт.
Ҳадиси дард чӣ гӯям, ки шарҳ мумкин нест,
Дари табиб чӣ кӯбам, ки кор аз он бигзашт.
Ту остини ҷафо бармамол беш, ки корд
Ба устухон бирасиду в-аз устухон бигзашт.
Ҳикояти дили бемори ман чӣ мепурсӣ,
Ту дер зӣ ба саломат, ки он фалон бигзашт.
На зери пои ту мурдам на бар сари кӯят,
Дареғ умри азизам, ки ройгон бигзашт.
Ба хидматат нарасидему умр охир шуд,
Зи каъба дур фитодему корвон бигзашт.
Ҳасан зи ҳарфи бало хост, то ки даргузарад,
Валек аз хати тақдир кай тавон бигзашт.

Эй, чун маҳи нав, ояте аз нури саодат
Чун ҳасрати ман ҳусни ту ҳар рӯз зиёдат.
Гул барг бирезад, чу ту ой ба тамошо,
Бемор намирад, чу ту ой ба иёдат[1].
Гар майл кунад наргиси масти ту ба бӯстон,
Мову лаби майгуни ту, на зӯҳду заҳодат[2].
Ин ақли ману ишқи ту дони ба чӣ монад:
Рӯбоҳ, ки бо шер занад лофи ҷалодат[3].
Аз захми ту нолидану марҳам талабидан,
Нуқсони адаб бошаду сустии иродат.
Рӯзе, ки ту дар куштани ман даст барорӣ,
Ман сӯи ту ангушт барорам ба шаҳодат.
Эй, ахтари муқбил, назаре бар Ҳасан андоз,
В-ин ҷумла наҳусат[4] бадалаш кун ба саодат.

---

[1] *Иёдат* — беморпурсӣ.
[2] *Заҳодат* — парҳезгорӣ.
[3] *Ҷалодат* — далерӣ.
[4] *Наҳусат* — бадбахтӣ, бадбахт.

Ғаму андешаи мо бе ту кам нест,
Гарат андешаи мо ҳаст, ғам нест.
Дили пурхуну ҷони хаста дорем,
Ба дорулмулки ишқ ин низ кам нест.
Хирад бо ишқи хубон барнаёяд,
Бале, дарвеш марди мӯҳташам нест.
Туро дидам, дил аз ҷон баргирифтам,
Ки ишқу офият ҳар ду ба ҳам нест.
Дило, сабр аз ситам бар кор медор,
Раҳи ушшоқ бе хори ситам нест.
Агар сар чун қалам бар хатти Лайлӣ
Ниҳад сад бор, бар Маҷнун қалам нест.
Ҳасан, кунҷи саломат гиру биншин,
Туро андозаи ин раҳ қадам нест.

Нест рӯзе, к-он лаби хунхори ӯ хунрез нест,
Фитнаи чашмаш кам аз ғавғои растохез нест.
Нест поямро гурез аз пеши чашми масти ӯ,
Бо сари гесӯш низ имкони дастовез нест.
Нисбати болои фаттонаш макун бо ҳеҷ сарв,
Сарвро боло хуш аст, аммо балоангез нест.
Ишқбозон дигаранду айшсозон дигаранд,
Он чӣ дар Фарҳод мебинем, дар Парвез нест.
Чанд гӯӣ: «К-аз ҳавои дигарон парҳез кун»,
Ҳарчи бемории ишқ аст, андар он парҳез нест.
Аз худо уммед медорам, ки фардо рӯзи ҳашр,
Номае надҳад ба дасти ман, ки ишқомез нест.
Теғи ҷаллодӣ чӣ орӣ аз паи қатли Ҳасан,
Ҳеҷ теғе чун сари мижгони хубон тез нест.

Он дида, ки бар ҳоли манаш ҳеҷ назар нест,
Бе дидани чашми ту маро нури басар нест.
Аз шарбати васлат ҳама сероб шудастанд.
Ман ташнаи он чашм, ки бар мо-ш назар нест.
Ранҷонаду аз ранҷи дилам ҳеҷ натарсад,
Донад, ки дуоҳои маро ҳеҷ асар нест.
Бечора дилам шамъсифат дар ғами ҳиҷрон,
Шаб нест, ки аз рӯзи дигар сӯхтатар нест.
Чандин чӣ ҳаме хоб кунад наргиси мастат,
Оре, ки харобии ҳарифонш хабар нест.
Як бӯса задам бар қадамаш, ҷон ситад аз ман,
Гуфто: «Дигаре зан», чӣ кунам, ҷони дигар нест.
Дарбоз, Ҳасан дар раҳи ӯ як дилу сад ҷон,
Боре ту бад-ин бош агарат ҳаст ва гар нест.

Рӯи гул бин, сифати рӯи касе бо ӯ ҳаст,
Чашми наргис бинигар бӯи касе бо ӯ ҳаст.
Баъд аз ин дасти ману зулфи бунафша чӣ кунам,
Шакле аз ҳалқаи гесӯи касе бо ӯ ҳаст.
Назар аз наргиси ту менатавонам бардошт,
Сеҳре аз ғамзаи ҷодӯи касе бо ӯ ҳаст.
Дӯш чашми ҳама кас бар маҳи нав ҳайрон буд,
Чошнии хами абрӯи касе бо ӯ ҳаст.
Хуш фитодаст Ҳасан бо гулу лаълат оре,
Ранге аз ашки туву бӯи касе бо ӯ ҳаст.

Моро ба ҷуз ту дар ҳама офоқ ёр нест,
Мушфиқтар аз ғами ту дигар ғамгусор нест.
Доман чу гул, сиришк чу лола, мижа чу абр,
Моро ҳавои ишқ кам аз навбаҳор нест.
Рӯзе ба дида чидам хори раҳи туро,
Шаб нагзарад, ки дар дилам ин хор — хор [1] нест.
Гуфтам зи шохи васли ту боре ба мо расад,
Овозе аз дари ту баромад, ки бор нест.
Гуфтӣ бирав ба кӯи дигар кас қарор гир,
Дар аҳдномаи ману ту ин қарор нест.
То осмон бароварам айвони орзӯ,
Лекин бинои умр чунон пойдор нест.
Нози ту беш бошад ё нолаи Ҳасан,
Ин ҳардуро, ки ном гирифтам шумор нест.

[1] *Хор-хор* — ин ҷо ба маънии сӯз, изтироб.

Маро дар кӯи ишқат хонае ҳаст,
Зи дурди дарди ту паймонае ҳаст.
Равон шав, ин тараф, эй ганҷи хубӣ,
Нагӯям кулбаи вайронае ҳаст.
Агар ёрони ту наззора хоҳанд,
Бигӯ дар кӯи мо девонае ҳаст,
Миёни ақлу ишқ ислоҳ натвон,
Зи мору боғбон афсонае ҳаст.
Нагардам гирди шамъи васл, лекин
Зи девони ғамат парвонае ҳаст.
Манам фардову кунҷи хилвати хос,
Авоми халқро кошонае ҳаст.
Ҳасан ҷои ту андар чашми худ кард,
Ҳам ин ҷо бош холӣ хонае ҳаст.

Аз банди ишқ ҳеҷ дилеро кушод нест,
Шодон мабод ҳар ки бад-ин мужда шод нест.
Аз дору гири ишқи бутон ашки ман нигар,
Чун лашкаря гурехта к-аш истод нест.
Не бонги мурғ мешунавам, не садои кӯс,
Ё ин шаби муроди маро бомдод нест.
Ёрӣ зи ёр чун талабам ман, ки рӯзгор,
Як рӯз бар муроди мани номурод нест.
Гуфтам шабам ба мастӣ як бӯса гуфтай,
Гуфто, ки ҳар чӣ гуфтаам, имрӯз ёд нест.
Эй некӯвон чӣ шуд, ки надодед доди ман,
Ё андар он ҷаҳон, ки шумоед, дод нест...
Рӯ аз балои ишқ чӣ метобӣ, эй Ҳасан,
Ман ёрӣ аз кӣ ҷӯям чун эътиқод нест.

Бутам к-ислом ҳайрон кардаи ӯст,
Бинои зӯҳд вайрон кардаи ӯст.
Агар бедил кунад моро, чӣ нолем,
Ҳазорон шахс беҷон кардаи ӯст.
Сари гесӯ ба ҳуҷҷат мебарад з-онк
Ҳама олам парешон кардаи ӯст.
На ман танҳо шудам ҳайрони рӯяш,
Ҳама офоқ ҳайрон кардаи ӯст.
Дилам гум шуд, дар ин маҷлис куҷо рафт,
Лабат гирам, ки пинҳон кардаи ӯст.
Ман андар кеши он туркам, ки ҳар бор,
Дили сад пора қурбон кардаи ӯст.
Агар ту кофираш хонӣ, ҳамехон,
Ҳасан боре мусулмон кардаи ӯст.

Биё соқӣ, ҳанӯз оҳистагӣ чист,
Ки инак гул бихандид абр бигрист.
Маро деҳ соғари пур, в-ончунон деҳ,
Ки нашносам, ки даҳ чанд аст ё бист.
Бузургон мастро бечора гуфтанд,
Накӯ гуфтанд, аз ӯ бечоратар кист?
Диле ҳушьёр аз ӯ бечоратар з-онк
Намедонад, ки ин бечорагӣ чист.
Ҳасан гар сарварӣ хоҳӣ дар ин роҳ,
Ба зери пои мастон боядат зист.

Агарчи пои ман аз дасти ту ба зери гил аст,
Ҳанӯз даст ба домони аҳд муттасил аст.
Хилоф кардиву бад кардиву хато кардӣ,
Биё, ки ҳар чӣ ту кардӣ аз ин тараф биҳил аст.
Маро, ки қиблаи ҷонам туӣ, чӣ кор ояд,
Буте, ки дар Хутану лӯъбате, ки дар Чигил [1] аст.
Дили маро ба ту коре фитод, чӣ т(а)вон кард,
Шунидай масали мардумон, ки кори дил аст.
Дар ин ҷаҳону дар он бо муҳаббати ту хушам,
Ҳавои ишқ ба ҳар ҷо, ки ҳаст, мӯътадил аст.
Агар ту бар гили гӯрам гузар кунӣ рӯзе,
Ба бӯи хун бишиносӣ, ки ин кадом гил аст.
Ҳасан агарчи накардаст дар вафо тақсир,
Бад-ин гуноҳ, ки бе ту ҳамезияд хиҷил аст.

[1] *Чигил* — номи шаҳрест дар Туркистон, ки макони хубрӯён аст.

Дилбаре дорам, ки ғамхори ман аст,
Дил ба ӯ додан ҳамин кори ман аст.
Ман ба дил бурдан чаро ранҷам аз ӯ,
Гар дилам бар дасти дилдори ман аст.
Гулрухо, бе ту нахоҳам боғу гул,
Доғу дардат боғу гулзори ман аст.
Чанд зери пираҳан гардӣ ниҳон,
Ин ҳам аз бахти нагунсори ман аст.
Лаъли хунини туро з-он дӯстам,
К-он шифои чашми хунбори ман аст.
Гар саги кӯи худам хонӣ шабе,
Бошад он шаб рӯзи бозори ман аст.
Гесӯятро ёд дорам аз Ҳасан,
Гуфт: «Медонам гирифтори ман аст».

Мушке, ки кашид ӯ, ба ҳама мулки Хутан нест,
Сарв, ки равон кард, дар атрофи чаман нест.
Ҳар гоҳ, ки хандад гули дилҳо бикушояд,
Он ғунчае аз боғи биҳишт аст, даҳан нест,
Мегуфт нағунҷад сухан андар даҳани ман,
Дар гангии он тунги [1] шакар ҷои сухан нест.
Бандад дили девонаи мо дар расани зулф,
Он кист, ки девонаи он банду расан нест.
Эй хоҷа, мунаҷҷим чӣ шуд, охир хабаре деҳ,
Э-он ахтари масъуд, ки дар толеи ман нест.
Бардошт зи ман дасти ғамаш пардаи исмат,
Донист, ки ин мурда сазовори кафан нест.
Пайғом фиристод, ки рав тавба кун аз ишқ,
Гӯ бар дигаре ҳукм кун, ин кори Ҳасан нест.

[1] *Тунг* — кӯза.

Эй шӯх, туро дар лаби ширин чӣ шароб аст,
К-андар ҳавасаш ин дили садпора кабоб аст?
Маст аст ба ёди лаби майгуни ту шаҳре,
Шаҳре, ки чунин маст наёбиш, хароб аст.
Пандешам, агар роҳ ба ду дида кунӣ, лек
Ндеша ҳамин аст, ки ин раҳ ҳама об аст.
Гуфтӣ зи бутон сӯхтаи кист, ки донад,
Донем нагӯем, ки инро чӣ ҷавоб аст.
Эй хоҷа, машин паҳлӯи ман дар сафи тоат,
Бигзар, ки мусаллои маро доғи шароб аст.
Эй дӯст, гуле чанд бад-ин сӯхтагон бахш,
З-ин боғи биҳиштӣ, ки туро зери ниқоб аст.
В-аллоҳ, ки Ҳасан бе ту нахоҳад гулу гулбун,
Бе рӯи накӯ дори ҷаҳон дори азоб аст.

Лаби ширинтро шаккар ғулом аст,
Агар Ширин туӣ Шаккар кадом аст?
Агар соқӣ ту хоҳӣ буд, моро,
Кӣ мегӯяд, ки май хӯрдан ҳаром аст?
Маҳи нав бар фалак бинанд халқе,
Ман он маҳро, ки бар болои бом аст.
Шаби ҳафтӯм, ки маҳ нима намояд,
Агар ту рӯй бинмоӣ тамом аст.
Барат чун симу зулфи туст чун уд,
Тамаъ бар ҳар кӣ хоҳам баст хом аст.
Агар меҳмон бихоҳӣ сӯфиёнро,
Аз он ҳалво хабар деҳ то чӣ ном аст.
Азизон, аз Хасан сӯҳбат маҷӯед,
Шумо реҳлат [1] кунед ӯро мақом аст.

[1] *Реҳлат кардан* — сафар кардан, рафтан.

Давлати мо гул накард, меҳнати хор аз куҷост,
Роҳати май нопадид, ранҷи хумор аз куҷост?
Лаб талабидам зи ту зулф барафшондиям,
Муҳра ба каф н-омада офати мор аз куҷост?
Ёр зи ман рух битофт гуфт наёзурдамат,
Вах агар озор нест нолаи зор аз куҷост?
Турки ман охир бидор ғамзаи хунрезро,
Гар ту най теғзан синафигор аз куҷост?
Гуфта будӣ бо туам̀ ҳаст ғуборе аҷаб,
Оби ҳаёте ба луфт дар ту губор аз куҷост?
Чашми Ҳасан гар нарехт бар сари кӯи ту хун,
Бар дару девори ту нақшу нигор аз куҷост?

Мадон к-осудадил бе ту касе ҳаст,
Агар бехонумон хоҳӣ басе ҳаст.
Ало эй сорбон, маҳмил марон пеш,
Нигаҳ кун к-аз заифон вопасе ҳаст?
Нанолам гарчи зорам мекушад ёр,
Ҳамон қотил маро ёрирасе ҳаст.
Агарчи дар дилам раҳ кардӣ, эй ёр,
Чунин яксар маё ин ҷо касе ҳаст.
Биё дарьёб, эй соқӣ, Ҳасанро.
Ки дар ҷоми муроди ӯ хасе ҳаст.

Аз таффи ишқ шӯъла дарун омадан гирифт,
Дуд аз даруни сина бурун омадан гирифт.
Кардам басе бар он лаби хунин чашм сурх,
Инак зи нуки ҳар мижа хун омадан гирифт.
Киштии мо ба шати [1], саломат куҷо расад,
Мавҷ аз чаҳор сӯй дарун омадан гирифт.
Ҳаргиз наёмадӣ ба дили ман хаёли марг,
Аз давлати ғами ту кунун омадан гирифт.
Рӯзе барои тибат [2] ташбеҳи қадди хеш,
Гуфтам алиф нависам, нун омадан гирифт.
Шаб к-омадӣ шунидани шеъри Ҳасан зи дур,
Гуфтам магар парӣ ба фусун омадан гирифт.

[1] *Шатт* — дарьё.
[2] *Тибат* — шӯхӣ, хуштабъӣ.

Гар туро хашмест дар сар, сар кашам пеши синонат,
В-ар ба ҷон хуш мекунам, дил, ҷон диҳам бар остонат.
Ҳоли беморон напурсӣ з-оҳи мазлумон битарс,
Ваҳ чӣ ҳила созам, эй ҷон, бо дили номеҳрубонат.
В-ар ба зулфат даст ёзам, сар ҳамепечад каманд,
В-ар зи лаълат бӯса хоҳам танг меояд даҳонат.
Як насими сунбули ту ҳарду олам зинда кард,
Бош то гулҳои дигар бишкуфад аз гулситонат.
Эй ба бӯи ту шукуфта навбаҳори офариниш,
Ман надидам чун ту боғе офарӣн бар боғбонат,
Гарчи аз нозу раунат[1] ӯ бувад шаб бехабар,
Ройгонам мефурӯшӣ ҳам харидорам ба ҷонат.

[1] *Раунат* — саркашӣ, худраъӣ.

Эй диламро то қиёмат бо ту паймоне дуруст,
Нест аз дасти ғамат дар ҳеҷ тан ҷоне дуруст.
Гар зи дар берун хиромӣ ҳамчунон доманкашон,
Халқи мискинро куҷо монад гиребоне дуруст.
Гар касе пурсад чиҳо дорӣ ту дар мулки вуҷуд,
Гӯ дили садпорае дорему паймоне дуруст.
То шикастӣ зулфи кофаркеши золимпешаро,
Он шикаста бо касе нагзошт имоне дуруст.
Нор[1] агар бо хандаи ширинт лофе мезанад,
Дар даҳони ӯ куҷо монем дандоне дуруст.
Гурки мо то тири ғамза рост карда ин тараф,
Мекашам ҳар соате аз сина пайконе дуруст.
Гар ба рағбат бишнавӣ як рӯз бинӣ аз Ҳасан
Тӯҳфа орам пеши ту ҳар рӯз девоне дуруст.

[1] *Нор* — Мухаффафи анор.

Ё раб им турки ҷафопешаи мо аз чӣ гил аст,
Ки рухаш қиблаи хубони Хитову Чигил аст.
Он нигоҳи дили мо худ ба сифат дар н-ояд,
К-он чи бояд зи сараш то ба қадам мӯътадил аст.
Касе аз ростии хеш набудаст хиҷил,
Сарв пеши қадаш аз ростии худ хиҷил аст.
Он ки андар сараш аз оташи худ боде дошт,
Чӣ хабар дорад аз ин лутф, ки дар обу гил аст.
Хуни дил мечакад аз дидаи ман дар гирья,
Бо раги дида ҳамоно раги дил муттасил аст.
Дил гирифтори балоест, ки поёнаш нест,
В-ин надонад магар он кас, ки гирифтори дил аст.
Ҳошалаллаҳ,[1] ки Ҳасан дам занад аз ҷаври бутон,
Ҳарчи он қавм кунанд аз тарафи ӯ биҳил аст.

[1] *Ҳошалаллаҳ* — покӣ ва дурест худойро аз ин кор.

Боз имрӯз ба майхона гузар хоҳам кард,
Шағабу [1] шӯриши дӯшина зи сар хоҳам кард.
Вақ чӣ айшу тараб аз рӯи бутон хоҳам сохт,
Хирқаи ҳастӣ аз ин нақш бадар хоҳам кард.
Сабаби рақси гувоҳии ман ар нашнуданд,
Ман бад-ин завқ яке рақси дигар хоҳам кард.
Мулки маънӣ зи дили зиндадилон хоҳам ҷуст,
Алам аз олами ин тоифа бар хоҳам кард.
Аз сари зулфи бутон банди қабо хоҳам сохт,
В-аз хами гесуяшон банди камар хоҳам кард.
Некувон ҳарчи кунанд, эй Ҳасан, андар ҳақи ту,
Бад макун дил, ки туро низ хабар хоҳам кард.

[1] *Шағаб* — гавго.

Ҳикояти шаби ҳиҷрони ёр натвон кард,
Шикояти ситами рӯзгор натвон кард.
Бад-он, ки ёр зи мо дурӣ ихтиёр кунад,
Ба ҷои ӯ дигаре ихтиёр натвон кард.
Сипос дорам агар дар ғамаш ҳалок шавам,
Барои ғам гилае з-он нигор натвон кард.
Давои дарди дил аз кас наметавонам хост,
Чаро ки рози ниҳон ошкор натвон кард.
Канор кард ба як бор хобам аз дида,
Ки дар миёнаи дарьё қарор натвон кард.
Нахуст зар задам аз дида, пас шудам ошиқ,
Ки моя то набувад ҳеҷ кор натвон кард.
Агар чунон ки чунин дил зи халқ хоҳӣ бурд,
Ба гирди кӯи ту дигар гузор натвон кард.
Ба васл медиҳадам ваъда гамзаат, лекин,
Ба қавли мардуми маст эътибор натвон кард.
Магар шабе ба канор оварам туро в-арна,
Ба бӯса аз даҳанат ихтисор натвон кард.
Вафост он, ки шумори шумо намеояд,
Вагарна ҷаври шуморо шумор натвон кард.
Зи оби дида Ҳасанро канор Ҷайҳун шуд,
Сазои ӯ беҳ аз ин дар канор натвон кард.

Зи чашмат чашми он дорам, ки аз чашмам наяндозад,
Ба чашмонат, ки чашмонам ба чашмони ту менозад.
Закоти чашм чашме кун ба сӯи чашмам аз чашмат,
Ки чашмамро ба ҷуз чашмат дигар чашме намесозад.
Равон гардад паи чашмат зи чашмам чашмаҳои хун,
Агар чашми ту чашмамро зи чашми худ бияндозад.
Зи чашмат чашм баргирам чу чашмат гӯшае гирам,
Ки бо чашми ту чашми ман ту гӯй чашм мебозад.
Ҳасан то дид чашматро ба чашмат ҳар замон чашме,
Ба чашмак мезанад чашме, агар чашми ту бинвозад.

Дӯш аз дами ман боди саборо кӣ хабар кард,
В-аз нолаи ман мурғи ҳаворо кӣ хабар кард?
Саргаштагии ҳоли маро то нафаси субҳ,
Шаб маҳрами сир буд, саборо кӣ хабар кард?
Ман будаму кунҷеву ҳарифеву суруде,
Ғамро кӣ нишон дод, балоро кӣ хабар кард?...
Ақл омаду гуфто зи ғами дӯст машав хуш,
З-ин вақти хуш он душмани моро кӣ хабар кард.
Гуфтам, ки наяндешам аз андӯҳи худ имшаб,
Андешаи андӯҳ фазоро кӣ хабар кард.
Дар оташу дар об фиканданд Ҳасанро,
Эй синаву эй дида, шуморо кӣ хабар кард?

Он қавм, ки май ҳаром гиранд,
Бар ёди лаби ту ҷом гиранд.
Гар сӯхта нест дӯзах ошом,
Бе оташи ишқ хом гиранд.
Ушшоқи ту муқбиланду мардуд,[1]
То з-ин ду маро кадом гиранд?
Гар сарв дар ин замин нарӯяд,
Болои туро тамом гиранд.
Сайёд маро яке биёмӯз,
Давлат ба кадом дом гиранд?
Рахш аз дари дил бурун маяфган,
Ҳоҷатхоҳон лагом гиранд.
Васфе зи Ҳасан агар пазирӣ,
Уро маликулкалом[2] гиранд.

[1] *Мардуд* — рондашуда.
[2] *Маликулкалом* — подшоҳи сухан.

Эй рухат рашки маҳи зебои ид,
Дар ҳилоли туст ҷоно ҷои ид.
Рӯи ту иду лабат ҳалвои ӯст,
Чошнӣ шарт аст аз ҳалвои ид.
Рӯи ту шамъи шабафрӯзи барот,
Шамъи ту субҳи ҷаҳонорои ид.
Аз лаби ту халқро ошӯби шаҳр,
В-аз ҷамолат шаҳрро ғавғои ид.
Васли ту ид асту фардо ваъдааш,
Ман чу тифлон шод бар фардои ид.
Ширу хурмо хоҳӣ андар ид ҳаст,
Ашки ман ширу лабат хурмои ид.
Ид болои ҳама шодӣ бувад,
Шодии дидори ту болои ид.
Имшаб аз толеъ Ҳасанро соз нест,
То тулӯи рӯзи шодизои ид.

Боз гул рӯи хештан бикушод,
Булбули мастро сухан бикушод.
Дили мурғон ба сабза оромид,
Чашм наргис ба ёсуман бикушод.
Субҳдам мевазид боде хуш,
Гул гиребони пираҳан бикушод.
Бути ман чун ба боғ шуд, гӯй,
Даре аз хулд бар чаман бикушод.
Боз хандазанон чу рафт ба шаҳр,
Гирья аз чашми марду зан бикушод.
Рози ишқат намекушодам ман,
Чӣ кунам, оби чашми ман бикушод.
Ҳуққаи дур, ки баста буд лабаш,
Ҳама аз дидаи Ҳасан бикушод.

Суханварон, ки ҳадиси суманбарон хонанд,
Ҳадиси ту чу дарафтад, варақ бигардонанд.
Агар шамоили мавзунтро кунанд сифат,
Ҳазор сол яке аз ҳазор натвонанд.
Бутони Чину ҳама чизашон нигаҳ кардам,
Ту дер мон, ки ба чизе ба ту наменонанд.
Ба рӯзгори ту суратгарони ҳафт иқлим,
Қалам шикаставу дар сурати ту ҳайронанд.
Ба мактабе, ки дарун меравӣ, ҳама тифлон,
Ба ғайри сураи Юсуф дигар намехонанд.
Агар малоика гуфтанд дар башар сухане,
Рухи ту дида аз он гуфтаҳо пушаймонанд.
Шароби ҳусни ту дар ҷоми васф кай ғунҷад,
Касон, ки ҷоме аз он хӯрдаанд, медонанд.
Ман аз ҷаҳон ба яке шодам, эй мусулмонон,
Ҷамоате, ки ду гӯянд, номусулмонанд.
Ҳасан гуле зи гулистони Саъдӣ овардаст,
Ки аҳли маънӣ гулчини он гулистонанд.

То назар боз гирифтӣ зи гирифторе чанд,
Ҷуз ҷигар ҳеҷ нахӯрданд ҷигархоре чанд.
Дили мо хастаи чашми ту шуду ту ҳама умр,
Нашудӣ ранҷа ба пурсидани беморе чанд.
Чанд аз ин ғамзазанон бар сари кӯ омаданат,
Ту маро кушташуда гиру чу ман ёре чанд.
Сифати неъмати дидори туро нашниданд,
Турфа мурғон, ки фитоданд ба гулзоре чанд.
Гар Ҳасанро назаре бар ғалат уфтод, бибахш,
Чашм бар афви ту доранд гунаҳгоре чанд.

Меҳру маҳ аз ту фол мегиранд,
Нусха з-он хату хол мегиранд.
Сифати ҳуснро сухансозон,
Ҳар як аз ту мисол мегиранд.
Дар раҳи фитнаву тариқи фиреб,
Чини зулфи ту дол мегиранд.
Муфтиёни тариқати ишқат,
Тавба кардан залол [1] мегиранд.
Исмат аз ҳоли ошиқон маталаб,
Ишқу исмат маҳол мегиранд.
Шоху барги муҳаббату меҳнат,
Ҳар ду аз як ниҳол мегиранд.
Ҳасан ар обрӯй рафт, чӣ шуд,
Хуни сӯфӣ ҳалол мегиранд.

[1] *Залол* — гумроҳӣ, гуноҳ, хато.

Чу маҳрӯён ба мāънӣ офтобанд,
Чаро бар зарраи мискин натобанд,
Насими ишқашон офоқ бигрифт,
Агар чи худ чу ғунча дар ниқобанд.
Ҳама тан рӯҳи сирфанд [1] аз латофат,
Агар аз коргоҳи хоку обанд.
Биёбанд аз паси умр ар биёбанд,
Ҳама чун умр дар рафтан шитобанд.
Биё, хуш, эй биҳишти ин ҷаҳонӣ,
Ки бе ту ошиқон андар азобанд.
Баромад аз уфуқ гулдастаи субҳ,
Ҳанӯз он наргисон дар айни хобанд.
Яке з-он лаъли нӯшин мӯҳр бикшой,
Ки аҳли шаҳр з-он масту харобанд.
Надонам ҳоли риндон чист, з-он май,
Ки боре сӯфиён з-он май харсбанд.
Ту хуш гуфтӣ, Ҳасан бар ту чӣ воҷиб,
Агар бе лаззатон лаззат наёбанд.

[1] (*сирф* — соф, покиза.

Дарде, ки лар ӯ даво нагунҷад,
Ҷуз дар дили мубтало нагунҷад.
Васлат ба дуо чӣ гуна хоҳам,
Чун номи ту лар дуо нагунҷад.
Мастона ниҳем сар ба поят,
Дар тоати мо риё нагунҷад.
Ишқ омаду ақл рахт барбаст,
Як шаҳр ду подшо нагунҷад.
Ҷон чист, чу мо ягона гаштем,
Бегона миёни мо нагунҷад.
Бо ту ғами аҳли байт натвон,
Як қофия дар ду ҷо нагунҷад.
Ҷои ту варон [1] ваҳму фахм аст,
Он ҷо Ҳасани Ало нагунҷад.

[1] *Варо* — ҷониб, тараф, сӯ.

Дилам хун кард дилдорам, чунин дилдорие дорад,
Ба сад ғам мекунад хорам, чунин ғамхорие дорад.
Дар ин андӯҳ к-аз умрам маро қон додан осон аст,
Тариқи сабр меварзам, вале душворие дорад.
Рақибон чораи корам ҳамесозанд ҳамвора,
Вале бахти мани бечора ноҳамворие дорад.
Саги кӯят агар хасмӣ намуд аҳли хусуматро,
Ба мо ҳамраҳ кунаш, ёро, ки бо мо ёрие дорад.
Надид ин чашми ман як рӯз рӯи айш, лек имшаб
Зи шодии хаёлат азми шаббедорие дорад.
Дилам бар бистари ишқат ба ёди васлу доғи ғам,
Гаҳе зиндасту гаҳ мурда, чунин беморие дорад.
Ҳасанро ҳол дарҳам шуд, табибо тарки марҳам гӯ,
Илоҷи ту чӣ кор ояд, ки захми корие дорад.

Анвори ту дар назар нагунҷад,
Осори ту дар хабар нагунҷад.
Ишқи ту чу ҳур эй парирух,
Дар ҳавсалаи башар нагунҷад.
Роҳи ту раҳи муҷаррадон аст,
Бо мурғи ту болу пар нагунҷад.
Гуфтӣ зи дари дигар сухан гӯй,
Он ҷо сухани дигар нагунҷад.
Хоки дари ту чӣ чашм дорем,
Он сурма дар ин басар [1] нагунҷад.
Ман, банда Ҳасан, чӣ гуна гӯям,
Ҳарфе, ки ба гуфт дарнагунҷад.

[1] *Басар* — чашм, дида.

Онон ки зи ту дар гила бошанд надонанд,
Қадри ту надонанд, мабодо, ки бидонанд.
Гар ҷону хирад дар қадамат хок насозанд,
Эй хок бар он қавм, ки бас бехабаронанд.
Ушшоқи ту бо он ки ба ханҷар ду кунишон,
Ҳам бо ту якеанд чунин муттаҳидонанд.
Бедоди ту дар дафтари ушшоқ навиштанд,
Инсоф деҳ эй ҷон, ки чӣ хуш мӯътақидонанд.
Қибла нагирифтанд, магар рӯи ту оре,
Ҳар тоифа дар мазҳаби худ муҷтаҳидонанд.[1]
Гар бо ту бароянд маҳу меҳр чӣ бок аст,
Ту соҳиби ҳусни ҳама соҳибҳасадонанд.
Гар банда Ҳасан ишқи ту варзад аҷабе нест,
Булбулнафасон шефтаи сарвқадонанд.

[1] *Муҷтаҳид* — муборизи барои дину мазҳаб.

Сиррест дар ин сина, ки пайдо натавон кард,
Дил толиби чизе, ки таманно натавон кард.
Турфа сару корест, ки бар ваъдаи маъшуқ,
Собир натавон буду тақозо натавон кард.
Шаҳди лаби ӯ мояи мо мудданиён нест,
Занбӯрсифат беҳуда ғавғо натавон кард.
Ғайрат ба камин даст ба лаълаш натавон бурд,
Рӯзй ба даҳон майл ба ҳалво натавон кард.
Ҳосил нашуда неъмати дидори дилором,
Дил бар гулу гулзор шикебо натавон кард.
Ҳар рӯз дар ин соиқа [1] пинҳон натавон сӯхт,
Як ҳарф аз ин воқеа пайдо натавон кард.
Чй чора, Ҳасан, к-аз чиҳати васлу фироқаш,
Савдо натавон пухтану сафро натавон кард.

[1] *Соиқа* — барқ.

Бутон, к-аз зулфи мушкин дом карданд,
Ҷаҳоне зери ҳар мӯ ром карданд.
Ба тақво номи некӯ бурда будам,
Некӯрӯён маро бадном карданд.
Биҳиште гашт саҳни хона имрӯз,
Магар эшон гузар бар бом карданд?
Ман аз ихлос мехондам дуое,
В-аз он сӯ хатм бар дашном карданд.
Ғами нӯшинлабон з-он ташнагон пурс,
Ки дарьёҳои хун ошом карданд.
Малоик дигар андар таъни эшон
Баровардаид, лекин хом карданд.
Ҳасанро ҷомаи ҷон чок аз он шуд,
Ки дурди дардаш андар ҷом карданд.

Сари зулфаш агар кушода шавад,
Корҳо сар ба сар кушода шавад.
Зулфаш аз мушк, мушк аз хун аст,
Ҳам ба хуни ҷигар кушода шавад.
Рӯи ман диду ханда кард, оре
Ҳама танги ба зар кушода шавад.
Дили тангам зи хандааш бикушод,
Дил ба лаъли гуҳар кушода шавад.
Дари давлат гирифта бош, Ҳасан,
Ту чӣ дони, магар кушода шавад.

Ёр дар анҷуман намегунҷад,
Номи ӯ дар даҳан намегунҷад.
То ба хуни ман остин барзад,
Банда дар пираҳан намегунҷад.
Ҳар киро ишқи ӯ бимиронад,
Ӯ худ андар кафан намегунҷад.
То рухашро ба гул сифат кардам,
Гул миёни чаман намегунҷад.
Даҳанашро ба ғунча кардам васф,
Ғунча дар хештан намегунҷад.
Балки ҳеҷ аст он даҳан зеро-к
Ҳеҷ дар фаҳми ман намегунҷад.
Ҳусни ӯ беҳад аст, авсофаш
Дар замири Ҳасан намегунҷад.

Ҳар кӣ дар шаҳраҳи бало ҳуспад,
Бех ки аз чун туӣ ҷудо ҳуспад.
Холи ту бар занах чӣ такья занад,
Тифл наздики чах чаро ҳуспад.
Сарв пешат қадам наёрад зад,
Гӯиё к-аш зи бодпо ҳуспад.
Дил зи гесӯи ту барангезам,
Чанд дар сояи бало ҳуспад.
Офиятро чигуна дорад чашм,
Он ки дар коми аждаҳо ҳуспад.
Гирам аз банди зулфи ту биҷаҳам,
Чашми бадмасти ту кучо ҳуспад.
Ҷуз ба ҳобат Ҳасан набинад. лек
Кай гузорад ғами ту, то ҳуспад.

Боз фасли баҳор меояд,
Ҳама асбоби кор меояд.
Бӯстон бори мушк мебандад,
Ки сабо мушкбор меояд.
Мурғ бонги ҷарас кунад, оре,
Корвони баҳор меояд.
Пои гул аз пиёдагӣ дармонд,
Сарв боре савор меояд.
Шохи гул барг кард, рехтанӣ,
Шодии он ки ёр меояд.
Ёр бо дурбоши ноз хуш аст,
Ки чу шоҳон ба бор меояд.
Ҳасан аз ёди дӯст хуш кун умр,
Умр бе ӯ чӣ кор меояд?

Хубиву туро вафо набошад,
Дар тира дилат сафо набошад.
Султони бутони ахдӣ имрӯз,
Дар ахди бутон вафо набошад.
Чашмат чигарам бидӯхт, оре,
Турк аз туркӣ чудо набошад.
Таъна задаӣ гила чӣ орам,
Гар тир занӣ хато набошад.
Коме чу мане раво накардӣ,
Ин аз чу туӣ раво набошад.
Ақлам шуду ишқ монд, оре,
Бегона чу ошно набошад.
Нокас шумарӣ ҳама касонро,
Бошад, ки Ҳасан Ало набошад.

Олам чу туе дигар надорад,
Сарве зи ту тозатар надорад.
Хубон ту кушу бутон ту мебанд,
К-ин ҳукм касе дигар надорад.
Дарьёи малоҳат аст рўят.
Хуршед бар он гузар надорад.
Чашми ту хароб кард дўшам,
Ё маст буду хабар надорад?
Ошиқ, ки даруфтод берун,
Берун зи дари ту дар надорад.
То кай гўй, ки рахт бардор,
Беҳуда магў, ки барнадорад.
Дармони дили Ҳасан ту фармой,
То дарди ту дар ҷигар надорад.

Хуршед ба рӯи ту чӣ монад?
Фирдавс ба кӯи ту чӣ монад?
Хуршед ба шом зардрӯяст,
Он рӯй ба рӯи ту чӣ монад?
Маҳ ҳам ба хусуф [1] ҳаст бадранг,
Он бад ба накӯи ту чӣ монад?
Шаб гарчи ки ҳаст сар ба сар тор,
Он тор ба мӯи ту чӣ монад?
Рӯи ту беҳ аз ҳазор хуршед,
Хуршед ба рӯи ту чӣ монад?
Бӯи гул агарчи дӯст дорам,
Он бӯй ба бӯи ту чӣ монад?
Эй гумшуда, Юсуфи Ҳасан ту,
Он дӯст ба хӯи ту чӣ монад?

[1] *Хусуф* — гирифтани моҳ.

Дил ба банди зулфи ту дармеравад,
Оташе дар бори анбар меравад.
То ту чун моҳе зи чашмам рафтаӣ,
Ҳар шабам аз дида ахтар меравад.
Дил ҳама зулфи ту анбарбӯй ёфт,
Ҳам бад-он бӯ, эй санам, дармеравад,
Пои сабри ман фурӯ шуд, лоҷарам,
Поя-поя ишқи ту бармеравад.
Ҳусни порина дучандон кардаӣ,
Кори ту имсол беҳтар меравад.
Аз нами чашму тафи сина Ҳасан,
Ҳар нафас дар обу озар [1] меравад.

[1] Озар — оташ.

Алнисор, эй дил, ки дилбар мерасад,
Моҳи андаксоли ман дармерасад.
Бахти ман мехонд рӯи дӯстиш,
Бахт бин, нохонда бар сар мерасад.
Худ чӣ мегӯем ба ном эзад чу гул,
Гар накӯ рафт, ӯ накӯтар мерасад.
Чист соғар каллаи [1] бозори айш,
Калла [2] рангин кун, ки соғар мерасад.
Эй Ҳасан, бевақт тавба мекунӣ,
Тавба бишкан, вақти гул дармерасад.

---

[1] *Калла* — дар ин ҷо ба маънии хайма.
[2] *Калла* — чеҳра.

Фасли наврӯзасту навбар мерасад,
Ғунчаи навхези ман дармерасад.
Мурғ бетоб аст ҳоли меваро,
З-онки аз ҳар шох бун бармерасад.
Бед ларзон аст хар соат чу бод,
Дар сафи гулзор сафдар мерасад.
Бод тундаст ин пай андар рӯи гул,
Абр худ бар оби дигар мерасад.
Абр аз қавси қузаҳ [1] дорад камон,
Лоҷарам тираш қавитар мерасад.
То ки мулки ғунча шуд мулки баҳор,
Дар хазонаш беадад зар мерасад.

[1] *Қавси қузаҳ* — тиру камон.

Вақти он омад, ки гул берун шавад,
Гунаи гулзор дигаргун шавад.
Бод бархезад ба рӯи сабза тунд,
Сабза аз роҳи чаман як сун шавад.
Кӯҳ аз лола алам бар пой кард,
Ҳам кунун даҳлез гул берун шавад.
Абр чун Новфал бигашт аз аҳди боғ,
Боғбон нашкуфт, гар Маҷнун шавад.
Шох медонад, ки гул хоҳад шудан,
Хештан каҷ мениҳад, то чун шавад.
Бода деҳ з-он пеш к-аз дурии абр,
Ғунчаро ногаҳ даруна хун шавад.
Гар Ҳасанро баркашӣ чун абр, боз
Кори ӯ гардонтар аз гардун шавад.

Дарди ӯ дуд аз дили ман мекашад,
Мурғи ҷонро аз нишеман мекашад.
Гуфтай чандин дам аз шавқат мазан,
Чун кунам ҷонон дили ман мекашад.
Банда кӯят маъмани [1] худ сохта,
Рахти имонро ба маъман мекашад.
Ҳар ки хуршеди рухат дид, эй санам,
Рӯ ба саҷда чун бараҳман мекашад.
Чун Ҳасанро аз ту уммеде намонд,
Пои навмедӣ ба доман мекашад.

[1] *Маъман* — ҷои амну амон.

Гар зи зулфат банде аз ҳам бигсилад,
Банд банди ошиқ аз ҳам бигсилад.
Зулфи дилбанди ту, ё раб, мағсилад,
З-он ки сад дил зери ҳар хам бигсилад.
Ақлҳо бигсист аз ишқат бале,
Ҳарчи номаҳкам зи маҳкам бигсилад.
Гар напайвандӣ ту бо ман ҳафтае,
Ҳафт пайванди ман аз ҳам бигсилад.
Мар Ҳасанро бар дари худ ҷой деҳ,
То ба як бор аз ду олам бигсилад.

Ҳар киро аз ёди ту мастӣ бувад,
Нуқли ӯ тарки ҳама ҳастӣ бувад.
Ҳар ки бо ту рост шуд аз худ бираст,
Ростаст ин ростӣ растӣ бувад.
Ашки ман дар пот меғалтад, бале
Обро ҳиммат сӯи пастӣ бувад.
Чашми ту бар ҳоли ман тар шуд, чӣ шуд,
Гирьяи мастон ҳам аз мастӣ бувад.
Гар Ҳасан ифлос меварзад маранҷ,
Мояи ошиқ тиҳидастӣ бувад.

Ғамат ба қасди мани нотавон чӣ меояд,
Ҳам аз ту шукр тавон гуфт он чӣ меояд.
Кашид хоҳам ҳар саркашӣ, ки хоҳӣ кард,
Замин натарсад к-аз осмон чӣ меояд.
Гаҳе, ки бар дили ман мекашад камон чашмат,
Бидон, ки бар дили ман он замон чӣ меояд?
Магар ки дар қадамат хоҳад уфтод ашкам,
В-агарна аз сару дида равон чӣ меояд?
Ҳазор нофаи мушк аст гарди гирди миёнт,
Бигӯ насибаи ман з-он миён чӣ меояд?
Диле чу санг ту дорӣ, валек ҳайронам,
Ки бар ту ҳар сухани ман гарон чӣ меояд?
Қабул кун суханони Ҳасан, ки мақбул аст,
На ончунон, ки ту хоҳӣ чунон чӣ меояд.

Насиме аз сари зулфи ту то намеҷунбад,
Раги ҳаёт дар аъзои мо намеҷунбад.
Бихандӣ аз дами сардам дар ин шигифте нест,
Ки гул намешукуфад то сабо намеҷунбад.
Ҳазор ваъдаи кач дод зулфи печонат,
Ҳанӯз силсилааш аз вафо намеҷунбад.
Ба ошноият афтодаам дар ин ғарқоб,
Ту даст деҳ, ки маро дасту по намеҷунбад.
Ҳаким чанд насиҳат кунӣ дили моро,
Макун к-аз оби ту ин осиё намеҷунбад.
Савори качкулаамро назора кун, ки зи чарх,
Ҳамедавонаду банди қабо намеҷунбад.
Зиҳӣ Ҳасан, ки агар теғ бар сараш доранд,
Чу кӯҳ вақти таҳаммул зи ҷо намеҷунбад.

Дил пешкаш нокарда ҷон, дар пеши ҷонон кай расад?
Мурғи саломат рав чу ман пеши Сулаймон кай расад?
У бе ману ман бе касам аз бекасони муфлисам,
Он ҷо расам не кай расам, муфлис ба султон кай расад?
Сина ҷигарро тоб зад, бар чашм роҳи хоб зад,
Чон ҳонаи чашм об зад к-он ёр меҳмон кай расад?
Хуршед гӯе омада, маҳ низ чавгоне шуда,
Абр об дар майдон зада, то ӯ ба майдон кай расад?
Ҳон эй Ҳасан, рав дил бидеҳ в-аз нангу номи дил биҷаҳ,
Бар номи хубон дил бинеҳ нома аз эшон кай расад?

Ҳоли ман ёри накӯрӯй накӯ медонад,
Дил аз ӯ то чӣ бало дид ҳам ӯ медонад.
Ту мапиндор, ки дилбар зи дилат огаҳ нест.
Ҳар ки чавгон бизанад ҳолати гӯ медонад.
Аҳли дил сурати маъшуқ ба барқе бинанд,
Пир пироҳани фарзанд ба бӯ медонад.
Маслиҳат нест, ки пандам диҳӣ, эй хоҷа ҳаким,
Ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад.
Қиммати оби ҳаёти даҳанаш аз мо пурс,
Ташнаи бодия қадри лаби ҷӯ медонад.
Дарди дил пеши дилором чӣ гӯй чандин,
Эй Ҳасан, хоҳ бигӯ, хоҳ магӯ медонад.

Дӯш ба кӯят гузаре уфтод,
Бе хатаронро хатаре уфтод.
Боз ҳавои туам аз ҷой бурд,
Ногаҳам он ҷо гузаре уфтод.
Гоҳи қиёмат сафари кӯи туст,
Ваҳ, ки қиёмат сафаре уфтод.
Чашми ту туркона даромад ба сайд,
Дил на ки ҷонро зараре уфтод.
Гарчи камон сӯи дилам доштаст,
Тир аз он сӯйтаре уфтод.
Маст буду хобкунон, лоҷарам
Захми дигар бар дигаре уфтод.
Чашм намезад Ҳасан аз чашми захм
Ҳам зи қазо ин қадаре уфтод.

Чун гул он моҳ ба ҳангоми саҳар хоста буд,
Саҳар аз рӯй чу хуршеди худ ороста буд.
Моҳи ман иди бутон аст, муборак иде.
Ид бин, к-аз ҷиҳати рӯза саҳар хоста буд.
Маҳ чу дар чордаҳ шаб аз рухи ӯ тофта шуд,
Дар шаби понздаҳ дидам қадаре коста буд.
Чуз дами шукр дигар дам назанад, банда Ҳасан,
Ки ба чандин шаб аз ин сон саҳаре хоста буд.

Бирафтиву, кӣ мегӯяд, ки рафта боз меояд,
Маро боре ба гӯши дил ҳамин овоз меояд.
Биё, эй чашми ман, ҷоят, ки рӯзам дар ғамат шаб шуд,
Шаб охир ҳар кӣ мебошад ба хона боз меояд.
Маро аз ишқи ту мехезад ин гирья, ки мебинӣ,
Ки шонад ҷӯши тӯфонро, ки дар оғоз меояд.
Саҳаргоҳон ки гул дар боғ меҷунбиду мегуфтам,
Аз ин ҷониб насими дилбари дамсоз меояд.
Шаб андар хобу ҳам бар ҳукми одат дидамаш гӯӣ,
Хиромон, чашм хоболуд, масти ноз меояд.

Дилам қибла ҳамин рӯи ту дорад,
Агар бигзорияш рӯ дар кӣ орад?
Раво медорӣ оҳи сӯзнокам,
Чаро аз осмон оташ наборад?
Расулатро ба ҷон гардан ниҳодам,
Агар пайғом бо ханҷар гузорад.
Гар аз ҳолам касе пурсад бигӯй,
Диле додасту ҷоне месупорад.
Маро андозаи ишқи бутон нест,
Саге пешонии шерон чӣ хорад?
Зиҳӣ бахт ар тавонам мурд пешат,
Ки бе ту зиндагӣ лутфе надорад.
Магар толеъ шавӣ як шаб чу моҳе,
Ҳасан ҳар шаб ситора мешуморад.

Хиромон даррасид он сарви озод,
Зи сарв овехта зулфе чу шамшод.
Нишонда хол бар рӯи дилафрӯз,
Нишоне аз ҳабаш дода ба Бағдод.
Надонам ё парӣ будаст ё ҳур,
Бад-ин хубӣ набошад одамизод.
Ба Чин то нусхае бурданд аз он рӯй,
Зи шогирдон хиҷил мондаст устод.
Сар андар кулбаам даркард ё раб,
Кӣ додаш аз фаромушгаштагон ёд?
Ба бистар будаам дар хоби нӯшин,
Ки шӯри он лаби ширин дарафтод.
Ҳасан даст аз ғами Ширин бикаш, ҳон,
Мазан дар пои худ теша чу Фарҳод.

Иди поринарӯзи мо х (в) аш буд,
Бода дар дасту ёр дар каш буд.
Шаби он рӯзро чӣ шарҳ диҳам,
Дур аз ин рӯзҳо шабе х (в) аш буд.
Чарх нарди [1] муроди мо мебохт,
Нақши парвин дар он миён шаш [2] буд.
Шишаи софу андарӯ маи лаъл,
Об гӯӣ ғилофи оташ буд.
Созҳо дил ба захма хуш карда,
Чуз камонча, ки дар кашокаш буд.
Дӯстонро барои якдигар,
Мижа чорӯбу дида мафраш буд.
Саги он остон Ҳасан будаст,
Гарчи саг буд одамиваш буд.

---

[1] *Нард* — як навъ бозӣ.
[2] *Шаш* — дар ин чо киноя аз донаи нард.

Рӯи чун субҳи ту бар нури қамар механдад,
Лаби ширини ту бар тунги шакар механдад.
Ёр гоҳе, ки табассум кунад он донӣ чист:
Дурҷи ёқут, ки бар лаълу гуҳар механдад.
Лаби лаъли ту бад-он лутфу тароват, гӯӣ,
Барги лоласт, ки бар ғунчаи тар механдад
Рӯи хандони ту дидаст магар гул дар хоб,
Ки чунон тозаву хуш вақти саҳар механдад.
Ҷои хандаст, ки дар пеши ту механдад нор,
Ту шакар хандиву ӯ хуни ҷигар механдад.
Сари афлок ба наззораи дандонт бигашт,
К-ин чӣ парвинст, ки бар шамсу қамар механдад.
Дӣ замоне, ки ту дар рӯи Ҳасан хандидӣ,
Халқ гуфтанд, ки аз шодии зар механдад.

Манам аз дӯст ҷудо мондаву дил дода ба бод,
Ин чӣ рӯз аст, ки душман ба чунин рӯз мабод.
Вақти он аст, ки оҳе кунаму фарьёде,
Ваҳ, ки на тоқати оҳ асту на зӯри фарьёд.
Гуфтӣ: «Он ёр ҳама умр гаҳе ёди ту кард»,
Ман напиндораму валлоҳ, ки намеояд ёд
Дили Ширин нахӯрад ним ҷаве ғусса, агар
Чони ширин диҳад андар ғами Ширин Фарҳод.
Номуродии ҷаҳон бар дили худ хуш кардам,
Агар ӯро зи мани дилшуда ин аст мурод.
Чашми ӯ айни бало гашту маро новаки дард,
Ҳам аз он чашм расидаст, ки чашмаш марасод.
Ҳақ ба дастам бувад, ар дам назанам дар ғами ӯ,
Ғами ӯ ҳамдами ҷон аст, бурун натвон дод.
Дод чун хоҳам аз он шоҳ, ки даврони ғамаш,
Паст кардаст чу девори дили ман дари дод.
Ҳасан, ар хуни дил аз дида фитодат саҳл аст,
Дил ба тақдири худо неҳ, чӣ тавон кард фитод.

Маро ҳавои гул аз рӯи ёр ёд диҳад,
Насими субҳ зи зулфи нигор ёд диҳад.
Бутам зи рӯй барандохт парда, нест касе,
Ки булбулонро аз навбаҳор ёд диҳад.
Ба як назора аз ӯ қонеам, киро захра,
Ки зикри бӯса кунад, ё канор ёд диҳад.
Бар авҷи манзараш он фохта накӯ биншаст,
Магар биноладу з-ин дӯстдор ёд диҳад.
Саги дараш будаам солҳо чӣ бошад, агар
Шабе дарояду он рӯзгор ёд диҳад.
Куҷост мутриби порина то ҳарифонро,
Суруд гӯяду айёми пор ёд диҳад.
Ҳасан, бигӯ ғазал хуш бувад, ки хуш хонӣ,
Бад-ин баҳона туро пеши ёр ёд диҳад.

Бутам чун шохи гул ҳар бор меомад, намеояд
Ниҳоли ишқ к-андар бор меомад, намеояд.
Сабое, к-аз дари дилдор ҷунбидӣ, намеҷунбад,
Насиме к-аз диёри ёр меомад, намеояд.
Нишоти май, ки дар майхора медидам, намебинам,
Саломи гул, ки аз гулзор меомад, намеояд.
Итоби дӯст, к-андак моя дилро медиҳад таскин,
Агарчи пеш аз ин бисьёр меомад, намеояд
Ҳасан коре надорад беш бо ёрони камҳиммат,
Ки он ёре, ки ӯро кор меомад, намеояд.

Имшаб аз ёқути қонон қути қон хоҳам кашид,
Гавҳари қон пеши лаъли дилситон хоҳам кашид.
Бар тариқи пешкаш ҳоли дили сад пораро,
Ҳамчу дида доман андар хункашон хоҳам кашид.
Ман чӣ дорам қуз матои аҷз ё нақди ниёз,
Он чи дорам пеши ёри меҳрубон хоҳам кашид.
Мизбонон пеши меҳмон симу зарҳо мекашанд,
Ман сари худ зери пои меҳмон хоҳам кашид.
Хонаи чашми маро то кай занӣ, эй дида об,
К-ин мусофирро ба манзилгоҳи қон хоҳам кашид.
Аз мижа нуки қалам карда, сиёҳӣ аз ду чашм,
Бо вуқуди ишқи ӯ хат бар қаҳон хоҳам кашид.
Мурғ рӯзаш ёд доду шамъ розам фош кард,
Ваҳ, надонам чанд қаври ину он хоҳам кашид.
Мурғро гирди сараш озод хоҳам кард, лек
Шамъро боре ба дасти худ забон хоҳам кашид.
Гар маро гарди раҳи худ кард хоҳад чун Ҳасан,
Аз замин ногоҳ сар бар осмон хоҳам кашид.

Боз фасли гул расид, он гулрухи мо кай расад?
Сарв ҳам болo кашид, он сарвболо кай расад?
Ҳар кас аз шохи умеди хеш барҳо хӯрду ман
Интизори меваи худ мекашам, то кай расад?
Орзу дорам, ки ҳалвое хӯрам аз лаъли ӯ,
Ӯ шакарро танг барбастаст, ҳалво кай расад?
Ман канор аз мавҷи ашки худ чу дарьё кардаам,
Ё раб, он дурри гаронмоя ба дарьё кай расад?
Гуфтӣ, эй қосид, ки он маҳ дар фалон манзил расид,
Ҷои ӯ ҷони ман аст, ин гӯ, ки ин ҷо кай расад?
Он яке мегуфт фардо хоҳад омад вақти субҳ,
Хоб аз чашмам бирафт имшаб, ки фардо кай расад?
Боз мегӯяд Ҳасан ин байт аз дурии ӯ,
Боз фасли гул расид, он гулрухи мо кай расад?

Боз ҷонамро ғаме сахт уфтод,
Хуни дил бо дида яклухт уфтод.
Мӯҳраи уммедам аз натъи[1] мурод,
Ҳамчу рух бар гӯшаи тахт уфтод.
Чун шавад ҳолам дар ин селоби ғам,
Ҳам шутур ғалтид, ҳам рахт уфтод.
Сабр гум, дил ғоибу дилдор дур,
Бахти мо бингар чӣ бадбахт уфтод.
Эй Ҳасан, мардона бар сахтии ишқ,
Дил бинеҳ к-ин воқеа сахт уфтод.

[1] *Нать* — дар ин ҷо ба маънии тахтаи шатранҷ.

Гуфтам магар ки кор ба сомон шавад, нашуд,
Ёр аз ҷафои хеш пушаймон шавад, нашуд,
Гуфтам магар замона иноят кунад, накард,
Бахти ситезакор ба фармон шавад, нашуд.
Аз баҳри дӯст об задам хонаи ду чашм,
Шабҳо бар ин хаёл, ки меҳмон шавад, нашуд.
Гарде, ки хезад аз раҳи ту нури дидаҳост,
Ин дида хок гашт, магар он шавад, нашуд.
Кардам ба гирьяҳо гуҳарафшон умедам он-к
Лаълаш ба хандае шакарафшон шавад, нашуд.
Абре баланд хост пас аз рӯзгорҳо,
Халқе дар интизор, ки борон шавад, нашуд.
Умри Ҳасан мулозими асҳоби дард буд,
Бисьёр хост то ки аз эшон шавад, нашуд.

Ваъдае кард нигорам ба вафо ҳам бирасад,
Ишқ гар дард расонид даво ҳам бирасад.
Гар балое расад аз фурқати ӯ боке нест,
Аз висолаш сабаби дафъи бало ҳам бирасад.
Тӯтиён аз шакараш кому даҳан хуш кардаанд,
Булбулонро зи гулаш баргу наво ҳам бирасад.
Турраи ёр чу гул нофаи мушк арзон кард,
Бош то қофилаи боди сабо ҳам бирасад.
Тӯҳфаи ҳар ду ҷаҳон бар дари ӯ меоранд,
Аз мани хаста саломеву дуо ҳам бирасад.
Ҳ-офтоби рухи ӯ ҷумла ҷаҳон нур гирифт,
Нури ӯро камие нест ба мо ҳам бирасад.
Бӯи зулфи хуши ӯ раҳмати ом аст Ҳасан,
Ҳама касро чу расидаст, туро ҳам бирасад.

Ҳаққо қунибиду вақт омад, ки булбул аз чаман пурсад,
Ки гул бо хор чун шинад, суман аз ёсуман пурсад.
Ки ҳар асту ҳавое хуш хушо вақти касон, к-акнун
Ки ҷуи равон ҷӯяд, яке роҳи чаман пурсад.
Наомад фасли наврӯзу ман андар кори худ ҳайрон,
Ки гул аз ман варақ хоҳад, на мурғ аз ман чаман пурсад.
Бар ин даврони буқламун[1] аҷаб нақше фитодаст ин,
Ки ман асрори худ гӯям, на кас з-аҳволи ман пурсад.
Ки ёре ончунон маҳрам, ки аз вай ёрие ояд,
Ки дилдоре чунон мушфиқ, ки аз ҳоли Ҳасан пурсад.

[1] *Буқламун* — рангоранг, гӯногун.

Чӣ рӯяст он ки васфи ӯ ба ваҳми мо намегунҷад,
Камоли ҳусни ӯ дар ҳадди ақли мо намегунҷад.
Мувофиқ нест шайдоро маҳи нав, лек аз абрӯш,
Ба ҷуз ишқи маҳи нав дар дили шайдо намегунҷад.
Дилам бисьёр мехоҳад, ки дар зулфи ту ҷо созад,
Дар ин хавфу раҷо[1] мӯе шудаст, аммо намегунҷад.
Бигуфтам: «Чону дину дил ба хидмат оварам», гуфто:
«Чӣ орӣ, чун кас аз номаҳрамон ин ҷо намегунҷад».
Асомии сагони кӯи ӯ дар як варақ дидам,
Дар ин дебочаи давлат ҳадиси мо намегунҷад.
Ҳамеша хаймаи оҳам ба саҳрои фалак будӣ,
Кунун анбӯҳ шуд, лашкар дар он саҳро намегунҷад.
Ҳасанро гуфтӣ аз дарьёи сирри худ бидеҳ дурре,
Ба дастат чун диҳам дурре, ки дар дарьё намегунҷад.

[1] *Раҷо* — тарс.

Чун рухи хуби ту офтоб набошад,
Чун лаби нӯшини ту шароб набошад.
Чун ба гулистон равӣ ту рӯйкушода,
Ғунча кӣ бошад, ки дар ниқоб набошад?!
Дидаи онро, ки дид шоми ду зулфат,
То саҳари растахез, хоб набошад.
Пеши ту аз бас навои ишрату шодӣ,
Нолаи мазлумро ҷавоб набошад.
Лозими кӯи туем, рӯй чӣ пӯшӣ,
Сокини фирдавсро азоб набошад.
Ёди бутон чун кунем мӯҳри ту бар лаб,
Рӯзаи олударо савоб набошад.
Чун Ҳасанеро ба шакли шаъбада[1] куштан,
Ғар чи тавонӣ, вале савоб набошад.

[1] *Шаъбада* — Бозӣ, ки ба сеҳру фан кунанд.

Ҳуҷуми ишқ бад-ин ҷони мубтало чӣ кунад?
Балост ин дили мискин, дар ин бало чӣ кунад?
Қарор менакунад бо ман ин дилам нафасе,
Диле, ки ошиқи дилдор шуд, маро чӣ кунад?
Чунон хуҷаставу осуда рӯзгори маро,
Нигар ки ишқ чӣ карду ҳанӯз то чӣ кунад?
Вафо ҳаметалабидам зи ёр, ақлам гуфт:
Зиҳӣ мукобира,[1] дар бевафо вафо чӣ кунад?
Гаронии хирад аз назди ишқ кардам дур,
Надими талхсухан пеши подшо чӣ кунад?
Кифояти ту накард андар ин миён коре,
Кунун сабур ҳамебош, то худо чӣ кунад?
Ҳасан, дуои ту гар мустаҷоб нест, маранҷ,
Забони ту дигару дил дигар, дуо чӣ кунад?

[1] *Мукобира* — ин ҷо ба маънии зиёдаталабӣ.

Шабе, ки ним мурода ба чанг меояд,
Хаёли ғамзаи хубон ба ҷанг меояд.
Дигар зи ҳаҷр ба васлаш ҳамешавам моил,
Нахуст ком ба коми наҳанг меояд.
Агарчи ҳуққаи пур гавҳараст Ширинро,
Вале насибаи Фарҳод санг меояд.
Магар ба чашмаи ҳайвон кунем ҷома сапед,
Ки оби дидаи мо сурхранг меояд.
Қалам ба сӯҳбати мо даркаш, эй бузургиҷӯ
Агар зи номи гадоёнт нанг меояд.
Ба зарқ [1] чанд дуои баланд хоҳӣ кард,
Бидор к-ин тараф, овози чанг меояд.
Ҳасан, ту моидаи [2] маърифат фарох бикаш,
Агарчи соҳиби ин кор ганг меояд.

---

[1] *Зарқ* — дурӯғ ва макр.
[2] *Моида* — дастархони пур аз таом.

Сарви ман агар турра зи шамшод набандад,
Гетӣ камари фитнаву бедод набандад.
Фарьёд кунам рӯзе аз он лаъли гуҳарбор,
Гар дасти аҷал ҳуққаи фарьёд набандад.
Дӣ гуфт миён беш ба хуни ту набандам,
Имрӯз чунон баст, ки ҷаллод набандад.
Савдош назар бар дили анбӯҳ надорад,
Чун ҷуғд, ки дил дар деҳи обод набандад.
Хун аз раги ҳар дида чу Даҷла бикушояд,
Гар парда бар он рӯй чу Бағдод набандад.
Донам, ки набандад дари лутфе, ки кушодаст,
Худ дар масал аст ин, ки чу бикшод, набандад,
Чашмаш ба Ҳасан гуфт, ки хоби ту кӣ бастаст,
Хобаш ба ҷуз он ҷодӯи устод набандад.

Маҳ дар сифати ҳусн зи ту беш набошад,
Сарв аз қадамат як қадаме пеш набошад.
Чашми ҳама пайваста ба абрӯи ту бинам,
Нози маҳи нав якшабаке беш набошад.
Эй ганҷи гаронмоя, ки ҳар кунҷ нишинӣ
Он кас, ки туро дорад, дарвеш набошад.
Аз захм ниҳеб [1] аст саросар дили дарвеш,
Дарвеш нагиранд, ки дилреш набошад.
Ҳар тир зи кеши ту маро роҳати ҷон аст.
Қурбон шавад он дил, ки бад-ин кеш набошад.
Гуфтӣ, ки чаро мебӯрӣ аз хешу зи пайванд,
Онро, ки сари туст, сари хеш набошад.
Таъна чӣ занӣ ҳоли парешони Ҳасанро,
Дар ишқ касе офиятандеш набошад.

[1] *Ниҳеб* — ҳайбат, тарс, бим.

Боз он гули тар аз чамани кист, кӣ донад?
В-он шамъи дил аз анҷумани кист, кӣ донад?
Хотуни саропардаи ғунчаст гул оре,
Ӯ гулруху ғунчадаҳани кист, кӣ донад?
Тубо ҳама донанд, ки аз боғи биҳишт аст,
Он сарви зариф аз чамани кист, кӣ донад?
Холи сияҳаш аҳди басе тоифа бишкаст,
Он ғолия тавбашикани кист, кӣ донад?
Бод омаду ҷон тоза шуду дида басар ёфт,
Ин бӯи хуш аз пираҳани кист, кӣ донад?
Тарзи сухани банда накӯ донаду аз ноз,
Пурсад зи рақиб ин сухани кист, кӣ донад?
Гуфтам, ки нахоҳӣ ғазале аз Ҳасани худ,
Хандиду бигуфт: «Ин Ҳасани кист, кӣ донад»?

Дил бибурдӣ, дигар чӣ хоҳад шуд?
Розиям ман ба ҳар чӣ хоҳад шуд?
Мардуми чашми оламӣ, як дам
Ҷониби ман нигар, чӣ хоҳад шуд?
Як назар сӯи мо гумору бубин,
То аз он як назар чӣ хоҳад шуд?
Халқе аз бода хост шуд тоиб,
То лабат ҳаст бар чӣ хоҳад шуд?
Ҷигарам хун шуд аз карашмаи ту,
Ваҳ, ки хуни ҷигар чӣ хоҳад шуд?
Дил бишуд, ҷон гурехт, дин гум шуд,
Шуданӣ шуд, дигар чӣ хоҳад шуд?
Сабр саргашта, ёр баргашта,
Эй Ҳасан з-ин батар чӣ хоҳад шуд?

Дилам таслими дилбар шуд ба ҳар ҳукме, ки ӯ хоҳад,
Наандешад зи номи бад ҳамон рӯи накӯ хоҳад.
Сари он турки чавгонбози худ гардам, ки пайваста,
Қадамро чун сари чавгон зи зулфи худ дутӯ [1] хоҳад.
Чу дар манзар шавад пайдо, маҳ аз вай равшанӣ гирад,
Чу дар бӯстон занад хайма, гул аз вай рангу бӯ хоҳад.
Агар он рӯи гулгуну лаби майгун шавад ҳосил,
Чӣ бе ҳосил касе ки ҳашт боғу чор ҷӯ хоҳад.
Кунам ин ҷони афсурда фидои ғамзаи шӯхаш,
Вале ҳар лаҳза чашми ҷонситонаш ҷони нӯ [2] хоҳад.
Маро то ҷон бувад дар тан бақои ҷони ӯ хоҳам,
Ки ӯ хоҳад ҳалоки ман, ман он хоҳам, ки ӯ хоҳад.
Маро гуфтӣ ғазалҳои Ҳасан пешаш бигӯ вақте,
Барам гӯ аз ҳама олам, гар ӯ ин гуфтугӯ хоҳад.

---

[1] *Дутӯ* — дуто.
[2] *Нӯ* — нав.

Гаҳе к-он рӯи гулгунро бунафша ҳамнишин бошад,
Ҳатар дар мулки ҷон афтад, халал дар кори дин бошад.
Сари ман дар замин бошад ҳамеша пеши маҳрӯён,
Магар он рӯз маъзурам, ки дар зери замин бошад.
Агар ёбанд дилбанде намонад орзӯманде,
Бигӯ ҷурм аз магас гирем ё аз ангубин бошад.
Ба боғи худ талаб, эй боғбон, имрӯз сарви мо,
Агар хоҳӣ, ки дар боғи ту сарви ростин бошад.
Парирӯё, шабе бо банда биншинӣ чӣ мегӯям,
Пари бо деву султон бо гадое ҳамнишин бошад.
Агар пироҳани ҷонро фитад сад чок дар доман,
Ҳанӯз аз шукри инъомат алам бар остин бошад.
Ҳасан аз ҷон чӣ андешӣ, агар дилхоҳ ҷон хоҳад,
Ба хубӣ ҷон барафшон, ишқи хубон инчунин бошад

Агар аз рӯи гулрангат сабо парда барандозад,
Сабурӣ рахт барбандад, хирад хона бипардозад.
Ба пеши рӯи хандонат нашояд шамъ бар кардан,
Ту дар ханда шакар резию ӯ аз шарм бигдозад.
Асирам доми зулфатро ба ҳар торе, ки овезӣ,
Шикорам турки мастатро ба ҳар тире, ки андозад.
Касон дар таъну танзи[1] мову моро бо ту пайванде,
Араб дар гуфтугӯи хешу Маҷнун ишқ мебозад.
Шунидам ҳарчи сӯзад он бисозад булаҷабкоре,
Дилам чандин ҳамесӯзад чаро бо мо намесозад.
Нигоро раҳм кун охир, ки султон бандаи худро
Агар умре биёзорад ҳамаш, як рӯз бинвозад.
Ҳасан ҳарчанд муфлис шуд, зиёдат ганҷҳо дорад,
Дар ӯ бораш чӣ мебинӣ ба иқболи ту менозад.

[1] *Танз* — таъна, сарзаниш.

Ҷигар пурдарду дил пурхун тавон буд,
Вале ҷони ту бе ҷон чун тавон буд?
Ба мо гар бигзарӣ субҳе сабовор,
Чу лола бо дили пурхун тавон буд.
Агар чун ҷуръа хуни худ тавон рехт,
Ҳарифи он лаби майгун тавон буд.
Ба мори зулфат ар дасте тавон ёфт,
Бад-ин иқбол Афридун тавон буд.
Маро гуфтӣ чаро девона гаштӣ,
Чу ту Лайлӣ шудӣ, Маҷнун тавон буд.
Ба тоатҳо намебудам мулозим,
Чу рӯят қибла шуд акнун тавон буд.
Ҳасан бо нестӣ некӯ тавон сохт,
Гар аз ҳастии худ берун тавон буд.

Ёрӣ диҳадам он бути айёр, кӣ донад?
Ё дил диҳадам турки ҷигархор, кӣ донад?
Сармояи дину хирад аз ғорати хубон,
Ҳар бор нигаҳ доштам, ин бор кӣ донад?
Асрори хаташ дар шаби зулфаш натавон хонд,
Ашколи муаммо ба шаби тор кӣ донад?
Порина хироҷи мижаам хуни ҷигар буд,
Имсол чи фозил шавад аз пор, кӣ донад?
Ҳоли тани бемор, табибони замона
Донанд, даруни дили бемор кӣ донад?
Афтод бад-он ғамзаи хунин сару корам,
То боз куҷо мекашад ин кор, кӣ донад?
Бо он ки дилаш нарм нагаштаст ҳама умр,
Ин назми Ҳасан дар назараш дор, кӣ донад?.

Боз гул аз боғ рафт, боди сабо меравад,
Оби ду чашмам равонст, об чаро меравад?
Хайли чаман меравад, омаданаш, аз чӣ буд,
Бар ман аз ин рафтанаш ваҳ, ки чиҳо меравад?!
Рафтани ӯ чунки дид в-он қаду болои ӯ,
Сарв ба шамшод гуфт: «Ин чӣ бало меравад?!»
Эй, гули дилҳо, даме айши ман аз рӯи хеш,
Тоза чу гул кун, ки умр ҳам чу сабо меравад.
Нола шуд аз ҳад бурун, дард нарафт аз дарун,
То ту набошӣ табиб, дард куҷо меравад?
Дӯст расиду фузуд ҳасрати мо он чи буд,
Омаданаш чун гул аст, омаду во меравад.
Ҳарчи зи ту меравад бар Ҳасан, он шокир аст,
Ҳамли[1] вафо мекунад, гарчи ҷафо меравад.

[1] *Ҳамл кардан* — нисбат додан, қиёс кардан.

Турки дилошӯби ман тунду равон меравад,
Чун дилам аз ҷо бирафт, оҳ ки ҷон меравад.
Мо чу дарахти хазон хушк фурӯ мондаем,
Ӯ чу гули навбаҳор хандазанон меравад.
Сарви саҳӣ гуфтаанд, ӯ беҳ аз-он хостаст,
Кабки дарӣ дидаам, ӯ беҳ аз он меравад.
Оби ҳаёти ман аст, ваҳ ки намеистад,
Умри азизи ман аст, ваҳ чӣ равон меравад.
То ки ду чашмаш нашуд бар мани мискин чаҳор,
Ҳар нафас аз чашми ман чашма равон меравад.
Ҳар саҳаре бар лабам вақти ниёзе, ки ҳаст,
Пештар аз вирдҳо номи фалон меравад.
Мар Ҳасани хастаро забт муяссар нашуд,
Ҳарчи даруни дил аст, он ба забон меравад.

Эй чун ту надошта ҷаҳон ёд,
Рӯзе накунӣ зи дӯстон ёд.
Гар дар дили худ накардиям зикр,
Боре бикун аз сари забон ёд.
Куштӣ ба карашмаҳои абрӯм,
Эй турк, кӣ додат аз камон ёд?
Бар рӯи замин чу рӯи хубат,
Як моҳ надорад осмон ёд.
Онро ки зи ҳусни ту хабар шуд,
Н-аз худ хабар асту аз ҷаҳон ёд.
Мурғе, ки ту дар қафас бидорӣ,
Ҳаргиз накунад зи бӯстон ёд.
Барбаст Ҳасан миён ба хидмат,
Бошад, ки кунӣ дар он миён ёд.

Боз маро ишқи ту дарҳам ниҳод,
Доғи бало бар дили пурғам ниҳод.
Бод ба гесӯи ту осеб зад,
Дард ҳаме бар дили дарҳам ниҳод.
Зулфи ту лоҳавл чӣ гӯям, чу дев,
Васвасае дар ҳама олам ниҳод.
Нӯшлабон муми наҷотам диҳанд,
Лаъли лабат шаҳд ба ҷонам ниҳод.
Гарчи дилам аз ғами ту хаста шуд,
Ҳам ғами ҷонбахши ту марҳам ниҳод.
Он ки ба ҳикмат ду ҷаҳон офарид,
Олами ишқи ту муқаддам ниҳод.
Гуфта будӣ бар дари ман по манеҳ,
Банда Ҳасан по на, ки сар ҳам ниҳод.

Дилро насими зулфи ту беҳӯшӣ оварад,
Ҷонро шамоили ту ба мадҳӯшӣ оварад.
Ёди ту, эй нигор, чи маъҷуни[1] ҳикмат аст,
К-аз ҳарчи хондаем фаромӯшӣ оварад.
Валлоҳ, ки ман, ба тавба хушам, лек чун кунам,
Лаъли лабат маро ба қадаҳнӯшӣ оварад.
Маҳро камоли ҳусн чӣ бояд, ки ногаҳон,
Афсонаи рухат ба сияҳпӯшӣ оварад.
Гуфтӣ чаро сухан накунӣ чун ба ман расӣ,
Ҳайронии ҷамоли ту хомӯшӣ оварад.
Беҳуш шуд дили Ҳасан аз бодаи лабат,
Бода ҳамон хуш аст, ки беҳӯшӣ оварад.

[1] *Маъҷун* — мувофиқи истилоҳи табибон дорусет, ки қанд ва шакар бо ҳам омехта шуда бошад.

Боз ин дилам ба кӯи дилором меравад,
Аз дом ҷаста боз сӯи дом меравад.
Гӯянд ҳар касе, ки биором, чун кунам
Ором, ҳамрикоби дилором меравад.
Бе ӯ агар дарахти гул андар бароварам,
Ҳар гул маро чу хор дар андом меравад.
Айём дар наёмада бо мо ба дӯстӣ
В-он дӯст ҳам ба сирати айём меравад.
Сарве зи мушк дорад бар моҳ нардбон,
Донам ҳамӯст он, ки бад-он бом меравад.
Шаҳрест дар вилояти хубон, ки андар ӯ
Ҳар порсо, ки ояд, бадном меравад.
Пухта нагаштаӣ зи тафи ишқ, эй Ҳасан,
Тадбирҳои ту ҳама з-он хом меравад.

Биё, ки ид дари айш бар ҷаҳон бикшод,
Ҷаҳон ба ид хуш асту дилам ба рӯи ту шод.
Чу он ду турра бар атрофи он ду рух печид,
Ду ид бо ду шаби қадр кас надорад ёд.
Гаҳе ки бар дари ман бигзарӣ ҳама олам,
Маро зи иди гузашта кунад муборакбод.
Маро ба ту чӣ гузар, з-он ки рустоиро,
Муқаррар аст, ки бо ид нисбате афтод.
Зи иди васли ту дилро муроде ар нарасад,
Ба рӯзгори хушат номуродие марасод.
Шабе, ки дар назар омад ҳилоли абрӯи ту,
Чу табли ид зи шаб то саҳар кунам фарьёд.
Ҳасан, агарчи туӣ ид вақти ӯ имрӯз,
Ҳанӯз рӯзаи ҳиҷронт як шабе накушод.

Дилам зи даст шуду дилситон намепурсад,
Ба ҳукми расми қадим ин замон намепурсад.
Чунон баҳамшуда дидам тариқи аҳдаш аз он-к
Чунон ки шарт бувад, ончунон намепурсад.
Ҳама ба хонаи асҳоби давлат аст раҳаш,
Зи раҳ фитодаи бехонумон намепурсад.
Ба садр шиста, қадаҳ хӯрда, шергир шуда,
Аз ин камина-саги остон намепурсад.
Савол кардам дилро, ки нолаи ту зи чист?
Ба нола гуфт: «Чӣ пурсӣ, фалон намепурсад».
Кадом дардам аз ин бештар, ки пурсидан
Ҳаметавонаду з-ин нотавон намепурсад.
Ҳасан нишона шуд андар балову он бераҳм,
Барои номе аз ин сӯ нишон намепурсад.

Камоли ҳусни ту дар ақли кас намегунҷад,
Дури висол ба дурҷи ҳавас намегунҷад.
Ба нафси хеш расидан наметавон бар ту,
Чи ҷои нафс, ки он ҷо нафас намегунҷад.
Ту кистӣ, ки дам аз васли ӯ занӣ, эй дил,
Ки андар он қадаҳи хос хас намегунҷад.
Расид муждаи қатл аз ту мурғи ҷони маро,
Ба ҷони ту, ки кунун дар қафас намегунҷад.
Чи лутф буд, ки шаб ҳар замон ҳамегуфтӣ:
«Миёни мову Ҳасан ҳеҷ кас намегунҷад.»

Дар дили ҳар кӣ ғами ёри дилафрӯз бувад,
Лашкари ҳиммати ӯ бар ҳама фирӯз бувад.
Накунад дар маҳу хуршед ҳама умр нигаҳ,
Назари ҳар кӣ бар он шамъи шабафрӯз бувад.
Ҳар кӣ бинад гулу рӯхсораи ёрам як рӯз.
Рӯзгораш ҳама чун мавсими наврӯз бувад.
Моҳи ид омаду ман рӯзаи ҳиҷрон дорам,
Маҳи ман гар бирасад, иди ман он рӯз бувад.
Ҳасан аз сӯзи дили худ сухане берун дод,
В-ин надонад, магар он кас, ки дар ӯ сӯз бувад.

Гулаш то ҳамнишини мушки тар шуд,
Хирад дар хавфу ҷон андар хатар шуд.
Чу авсофи лаби ӯ менавиштанд,
Қалам дар дасти котиб найшакар шуд.
Саломи хушк бар эй қосиди бод,
Ки аз борони ашкам нома тар шуд.
Ба дил гуфтам к-аз он дилбар хабар гӯй,
Дил он ҷо рафту ӯ ҳам бехабар шуд.
Шабонгаҳ мӯҳтасиб дунболи мо кард,
Чу дар мо дид, аз мо масттар шуд.
Сари мо дар сари кори бутон рафт,
Ҳисоби мову эшон сар ба сар шуд.
Дигар карданд хубон шеваи ҳусн
Ҳасанро ҳам сухан тарзи дигар шуд.

Ғами қонон гарам доман нагирад,
Фалак дунболи қони ман нагирад.
Чӣ гарди ғам, ки резад бар сарам чарх,
Гар оҳи ман раҳи равзан нагирад.
Бихоҳам бохтан сар дар раҳи дӯст,
Агар бозам зи сар душман нагирад.
Агар парвона[1] н-орад аз хати ту,
Бунафша арсаи савсан нагирад.
Чу ошиқ дар каманди зулфаш афтод,
Чӣ миннатҳо, ки бар гардан нагирад.
Ба чашмам по ниҳад, пас бигзарад зуд,
Ки то хуни манаш доман нагирад.
Ҳасанро хаста бояд буд лобуд[2];
Чу тарки турки новакзан нагирад.

---

[1] *Парвона* — фармон.
[2] *Лобуд* — ночор, ногузир.

Шаб маро то ба рӯз хоб набуд,
Ҷуз нами дида фатҳи боб набуд.
Ҳар дам аз чашми худ бар оташи дил,
Хун ҳамерехтам чу об набуд.
Хуне аз дида нӯш мекардам,
Дар суроҳӣ ҷуз ин шароб набуд.
Моҳи ман аз маи ҷавонӣ маст,
Ҳеҷ майлаш бад-ин хароб набуд.
Гарчи то субҳ полаҳо кардам,
Як саволи маро ҷавоб набуд.
Талх кардам ҷаҳониёнро хоб,
З-он дуоҳо, ки мустаҷоб набуд.
Эй, Ҳасан, ёр агар хатое кард,
Ҳам шикоят аз ӯ савоб набуд.

Дер шуд ёри ман ба ман нарасид,
Балки бӯе аз он чаман нарасид.
Юсуфи ман зи ман ҷудо то шуд,
Дида хун гашту пираҳан нарасид.
Ҳар кӣ н-омад зи хештан берун,
Ӯ ба мақсуди хештан нарасид.
Дӯш қурбони ишқ мегаштам,
Чӣ кунам, турки ғамзазан нарасид.
Ҳама аз нахли наврасидаи ӯ,
Мева бурданду дасти ман нарасид.
Ба таманнои гесӯю зақанаш,
Дар чаҳ афтодаму расан нарасид.
Оламе маст шуд зи ҷоми лабаш,
Ҷуръаи ҳиссаи Ҳасан нарасид.

Дарди моро ҳам ӯ даво донад,
К-ӯст дармон, ҳар ки дармонад.
Дили девонагон ба гесӯи ӯст,
Кист к-он силсила биҷунбонад.
Он ки дар мактабаш фиристоданд,
Тахтаи мо фурӯ намехонад.
Лашкари ишқи ӯ балои худост,
Ин балоро, кӣ боз гардонад?
Гар ба дарьё дарафканад моро,
Сӯзи мо шӯрро фурӯ шонад.
Ақли мо марди ишқи ӯ шуданӣ,
Гурба бо шер панҷа натвонад.
Ҳасан аз пеши чашми ӯ бигрез,
Турки мастасту теғ меронад.

Бори дигар тири ишқ бар ҳадафи ҷон расид,
Бори дигар шўълае бар дили бирьён расид.
Дида будӣ чашми ман рехта борони хун,
Бар дару девор аз он нақшу нигорон расид.
Гуфтай, эй мирн бор, ҳоҷати шаҳре ба шоҳ,
Ҳоли ғарибон бигў, навбати эшон расид.
Бонг мазан эй рақиб, дам мазан эй пардадор,
Мунтазири раҳматем, қисса ба султон расид.
Ҳар кӣ ба зулфат расад, сар кунад андар сарат,
Гарчи каманди балост кош, ки битвон расид.
Гуфт бихоҳам расид бар ту пас аз умрҳо,
Ў парасид, эй дареғ, умр ба поён расид.
Дўст ризо медиҳад аз сари ҷон хостан,
Узр маёр, эй Ҳасан, хез, ки фармон расид.

Дило, бе васли ҷонон чун тавон буд?
Гар ӯ ҷон аст, бе ҷон чун тавон буд?
Маро гӯянд собир бош бе дӯст,
Чу бе ӯ буд натвон, чун тавон буд?
Ҳадиси ишқи мо саҳро гирифтаст,
Ба кунҷи хона пинҳон чун тавон буд?
Чу гул дар ҷилва шуд, булбул ҳамегуфт,
Ки акнун бе гулистон чун тавон буд?
Агар набвад намакдони лаби ту,
Ба хони хулд меҳмон чун тавон буд?
Чу ояд покашон зулфи чу зуннор,
Дар он хона мусулмон чун тавон буд?
Ҳасан маъшуқи он дорад зи хубон,
Бигӯ он худ, ки бе он, чун тавон буд?

Дӯш аз ғами ту дилам чунон буд,
К-аз вай ҳама шаҳр дар фиғон буд.
Гаҳ хуни ду дида бар замин рехт,
Гаҳ дасти дуо бар осмон буд.
Бо оби мижа сабур будам,
Ин хуни ҷигар киро гумон буд.
Аз аввали шаб, ки нола кардам,
То охири шаб нафас ҳамон буд.
Он лаҳза, ки бар сарам сухан рафт,
Ҳар номи ту бар сари забон буд.
Ҳарчанд, ки бо ту ин балоҳост,
Бо ин ҳама бе ту кай тавон буд?
Ҳар бор, ки ишқ оташ афрӯхт,
Бечора Ҳасан дар он миён буд.

Имсол бе ту равнақи гул он чунон набуд,
Бе сарви ту бадеҳаи булбул равон набуд.
Гулзор буд маҷлису қавли муғанниён,
Бар қавли сӯфиён ҳама худ буд, он набуд.
Ин корвони гул паси соле расид, лек
Моҳе, ки дар дил аст, дар ин корвон набуд.
Донистаам, ки аз ту бубинам шаби фироқ,
Он рӯзи растахез маро дар гумон набуд.
Лаъли бутон ҷавоҳири ғайбам нисор кард,
Варна маро чунин садафе дурфишон набуд.
Мурғ арчи ишқномаи худ хонд бомдод,
Достоншро тарвати ин достон набуд.
Ин тарз шеваи Ҳасан аст варна пеш аз ин,
Чандин шакар ба арсаи Ҳиндустон набуд.

Бӯи роҳат дар ҳама олам намонд,
Одамият дар бани одам намонд.
Чанд пурсӣ аз накӯномӣ аз он-к
Некноме дар хама олам намонд.
Мондаам бо як дили сад ҷой реш,
Чун кунам, к-андар ҷаҳон марҳам намонд.
Мардум аз ғам чун раҳад инсоф рафт,
Бижан аз чоҳ кай раҳад, Рустам намонд.
Як нафас дар кор буд, он ҳам гусист,
Ним ҷоне монда буд, он ҳам намонд.
Бо кӣ хоҳам дам задан аз маҳрамон,
Маҳрамиятро чу як ҳамдам намонд.
Ҳоли маҳрам бишнав аз банда Ҳасан,
Дар ҳама олам чу як маҳрам намонд.

Шабро чу субҳи ид азизе ба мо расид,
К-аз пойбӯси ӯ сари мо бар само расид.
Гуфтӣ расид мавсими ҳаҷ ин сухан бидор,
Мо ҳаҷ чаро равем, чу Каъба ба мо расид.
Будаст ҳамчӯ дидаи наргис ду чашми ман,
Ҳайронам ин баҳори карам аз куҷо расид?
Аз хори ғуссаи ту чӣ нолам, чи гул шукуфт,
В-аз дарди дил гила накунам, чун даво расид.
Даври тараб даромаду даврони ғам гузашт,
Абри карам баромаду кишти раҷо[1] расид.
Шамъе зи лутф дар дили торики банда тофт,
Шоҳе зи ғайб бар сари вақти гадо расид.
Номаш бигуфтӣ, эй Ҳасан, ин ҷо зиҳӣ адаб,
Ин некномияст, ки аз ҳақ туро расид.

[1] Раҷо — умед.

Дӯстон, дардам қавӣ шуд, марҳаме ҳосил кунед,
Дида дар хун ғарқ шуд, гӯ шав, илоҷи дил кунед.
Аз маломатҳоятон ҳар рӯз девонатарам,
Эй аҷаб девонаро хоҳед то оқил кунед.
Эй рафиқон, аз чӣ мепурсед то манзил куҷост,
Ҳар куҷо маъшуқ, ошиқро ҳамон манзил кунед.
Гар бимирам дар фироқи он маҳи маҳмилнишин,
Гоҳи мурдан рӯи ин мискин сӯи маҳмил кунед.
Ҳар хасе к-аш зери по шуд, гирд меорам ба чашм,
То чу мирам ҳам бад-он гӯри маро каҳгил кунед.
Пандгӯён ҳарчи гӯяндам ҳама бе ҳосил аст,
Боре он чашме, ки ман мебинамаш ҳосил кунед.
Ер чун ин сӯ хиромад аз пан қатли Ҳасан,
Ҷони ин мақтул хоки роҳи он қотил кунед.

Гар насиме аз сари зулфи ту сар дарҳам расад,
Сар ба сар дилҳои дарҳамгаштаро марҳам расад.
Ӡ-он даҳони танг милки [1] ман шавад мулки мурод,
Гар сулаймонвор дасти ман бад-он хотам расад.
Аз паризод аст ӯ ё аз малоик ё зи ҳур,
Боре аз насли банӣ одам чу ӯе кам расад.
Ӡахм [2] зери чашми ӯ, ё раб, чӣ ширин омадаст,
Ӡ-он ҳаме тарсам, ки дигар чашм захме ҳам расад
Чашми масти ӯ ба як ғамза ҷигар бо дил бидӯхт,
Гири турке к-аз сари мастӣ расад, маҳкам расад,
Аз ғамам ғофил мабошед арчи андак гуфтаам,
Оташ андак хезад, аммо дар ҳама олам расад.
Оламе шоду Ҳасанро ҷои шодӣ ғам расид,
Ӯ чӣ ғам дорад, агар сад чун Ҳасанро ғам расад.

[1] *Милк* — тасарруф.
[2] *Ӡахм* — дар ин ҷо ба маънои хол омадааст.

Ин мужда, кӣ мегӯяд в-ин нома, кӣ меорад?
Эй дил, зи сабо мепурс, к-аз гул чӣ хабар дорад?
Юмнест [1] дар ин қосид аз пеши кӣ меояд,
Фатҳест дар ин нома, то худ ба кӣ меорад?
Шамъи назараст он хур, то бар кӣ ҳаметобад,
Абри карам аст он маҳ, то бар кӣ ҳамеборад?
Таъна занадам ҳар кас к-ӯро чӣ супурдӣ дил,
Гар ҷон талабад ҷонон, он кист, ки наспорад?
Гуфтӣ чӣ равад чандин хун аз ҷигари решат,
Хорест даруни дил, к-он реш ҳамехорад.
Бе дӯст агар ошиқ фардо ба биҳишт ояд,
Неъматкадаи ризвон оташкада пиндорад.
Мондаст Ҳасан, валлоҳ бар қоидаи ишқаш,
В-ар бигзарад аз олам, он қоида нагзорад.

[1] *Юмн* — муборакӣ, хушбахт шудан.

Фалак бо кас дили якто надорад,
Зи сад дида яке бино надорад.
Дарахти даҳр сар то пой хор аст,
Ту гул меҷӯй, ӯ асло надорад.
Ҷаҳон аз мардумиҳо мардумонро,
Навиде медиҳад, аммо надорад.
Дар ин кӯ гар касе сирка фурӯшад,
Маранҷ аз вай, ки ӯ ҳалво надорад.
Касе к-аз ҳафт боми чарх бигзашт,
Ба боғи ҳашт дар маъво надорад.
Касе к-ин ҷо мураббаъ менишинад,
Дар он айвон ҳаме худ ҷо надорад.
Ҳасан охир чаро нандешӣ имрӯз,
Аз он фардо, ки пасфардо надорад.

Гузаштагони ҷаҳон ҳоли хеш чун гӯянд,
Ки зери зарбати чавгони марг чун гӯянд.
Яке бипурс зи наврафтагони мо, эй бод,
Аз он навомадагон к-аз чаман ҳамерӯянд.
Фироқи дидаи гулчеҳрагон намедонам,
Ки аз кӣ ёд кунанд ин замон, ки гул бӯянд?
Хабар шудаст фалонӣ бирафт огаҳ бош,
Ки рӯзе ин хабари ту ба дигарон гӯянд.
Ғами ҷанозаи худ, эй аҷаб, чаро нахӯранд,
Касон, ки дар паи тобути мурдагон мӯянд.
Чу равшан аст, ки он рафтагон куҷо рафтанд,
Ҳанӯз ин дигарон ҳам куҷо ҳамепӯянд?
Ҳасан, ба кӯи адам гум шуданд ёронат,
Бигӯ нишони чунон гумшуда куҷо ҷӯянд?

Бутам султони хубон шуд, гадоёнро кӣ мепурсад?
Чу ӯ бегонагӣ кард, ошноёнро кӣ мепурсад?
Дили соҳибдилон хун шуд зи нози ӯ чу эшонро,
Сазо ин аст, чун мо носазоёнро кӣ мепурсад?
Бад-ӯ гуфтам, ки худро менамоям чун саге пешат,
Ҷавобам доду гуфто худнамоёнро кӣ мепурсад?
Дило, ин порсоиҳои беҳосил ба як сӯ нех,
Ба аҳди чашми масташ порсоёнро кӣ мепурсад?
Ҳасан, ҷон реза-реза кардӣ андар зери пои ӯ,
Ту худ кардӣ валекин зерпоёнро кӣ мепурсад?

Ҳадиси ошиқӣ пинҳон намонад,
Қарори корҳо яксон намонад.
Нишони ашки ман дар чеҳра пайдост,
Накӯ гуфтанд хун пинҳон намонад.
Агар Зӯҳра бубинад рӯи он моҳ,
Ҷамоли ӯ дар он мизон намонад.
Маро з-он одамӣ ҳайронӣ ояд,
Ки рӯяш бинаду ҳайрон намонад.
Дило, бар ҷон ҳамеларзанд халқе,
Ту бо ҷонон бисоз, ар ҷон намонад.
Ҳаёти ҷовидон он гаҳ тавон ёфт,
Ки ҷои ҷон ба ҷуз ҷонон намонад.
Ҳасан сар баркашад аз авҷи мақсуд,
Агар побастаи ҳиҷрон намонад.

Ёр аз мо рафту ёде ҳам накард,
Зулфи дилбандаш кушоде ҳам накард.
Чашми ӯ дар ҷодӯӣ шогирди кист,
К-ончи ӯ кард, ӯстоде ҳам накард.
Лашкари мижгони ӯ қалбам шикаст,
Ашки хунин истоде ҳам накард.
Сабри ман бингар, ки чун рафт аз барам,
Вақти рафтан хайрбоде ҳам накард.
Нома аз вай чун тамаъ дорӣ Ҳасан,
К-ат ба умри хеш ёде ҳам накард.

Боз навои булбулон ишқи ту ёд медиҳад,
Ҳар кӣ ба ишқ нест хуш, умр ба бод медиҳад.
Дӣ ба дуои ман туро парда зи рух кушода шуд,
Ман кияму дуои ман, бахт кушод медиҳад.
Ҳар чи ба ғамза мекушӣ зинда кунӣ ҳаме ба лаб,
Чашми ту ҷавр мекунад, лаъли ту дод медиҳад.
Боғ ҳамеравам, ки то як нафасе ба рӯи гул,
Нола фаромӯшам шавад, фохта ёд медиҳад.
Бо ҳама номуродият сабр хуш аст, эй Ҳасан,
З-он, ки ниҳоли собирӣ мева мурод медиҳад.

Бов насими савсанам бӯи ту ёд медиҳад,
Ҷилваи суриву [1] суман рӯи ту ёд медиҳад.
Таъни залолати қадим ар накунанд бандаро,
Пираҳани латифи гул бӯи ту ёд медиҳад.
Бар сари минбар ар касе зикри биҳишт мекунад,
Гумшудагони ишқро кӯи ту ёд медиҳад.
Бо шаби тира бас хушам, гарчи дароз мекашад,
З-он ки ба ҳар сифат маро мӯи ту ёд медиҳад.
Боз зи сар ҳамекунӣ қасди Ҳасан, ва гар чи ту
Аз сари он гузаштаӣ хӯи ту ёд медиҳад.

[1] *Сурӣ* — гули сурхранг.

Аз чашми пурхумори ту мастӣ намеравад,
Хӯят аз он мизоҷ, ки ҳастӣ намеравад.
Дуди дилам бар авҷи фалак хайма зад бале
Ин ишқ оташест ба пастӣ намеравад.
Ақл аз каманди зулфи ту сар дар ҷаҳон ниҳод,
Дилро, ки по ба силсила бастӣ намеравад.
То ҷуръае аз он лаби майгун чашидаам,
Аз ман ҳавои бодапарастӣ намеравад.
Гуфтӣ, Ҳасан, чаро накунӣ тавба аз шароб,
Валлаҳ, ки тавба кардаму мастӣ намеравад.

Дилро, ки хун гирифт нигаҳ доштан чӣ суд?
Тухме, к-аз ӯ баре нарасад, коштан чӣ суд?
Ҷоно, чу сели ишқи ту дилҳо хароб кард,
Моро бинои ақл барафроштан чӣ суд?
Дил бар ту рафт, гар чи нигаҳ доштам басе,
Чизе, ки рафтанист, нигаҳ доштан чӣ суд?
Хуни дилам ба чоҳи занах рехтӣ нахуст,
Акнун ба мушку анбараш анбоштан чӣ суд?
Лв нолаи Ҳасан чӣ бад ангорӣ, эй санам,
Худ захм кардай ту, бад ангоштан чӣ суд?!

Дил хун шуд, он хулосаи ҷонро хабар кунед,
Ӡ-ин оби дида сарви равонро хабар кунед.
Сабр аз барам биҷаст чу оҳу ба сайдгоҳ,
Он шаҳсавори сахткамонро хабар кунед.
Танг омадаст ҷони ман аз ҷаври ишқи ӯ,
Он тангчашму тангдаҳонро хабар кунед.
Ҷон аст ёру ин сари ман хоки пои ӯ,
Чун сар зи по даромад, ҷонро хабар кунед.
Ҷумла ҷаҳон ба зӯҳди Ҳасан таъна мезаданд,
Он ҳам намонд, ҷумла ҷаҳонро хабар кунед.

Ғаматро ҷой ҷуз дар ҷон набошад,
Ман аз ҷон фориғам, гар он набошад.
Ғамат ҳар гаҳ, ки меояд, биё гӯ
Дари дарвешро дарбон набошад.
Ғарибе дӯш менолиду мегуфт:
«Шаби ушшоқро поён набошад».
Табиберо ҳадиси ишқ гуфтам,
Бигуфт: «Ин дардро дармон набошад».
Ҳасан васли ту меҷӯяд маҳол аст,
Гадо ҳамкосаи султон набошад.

Наврӯз расид, ёд медор,
Гул парда дарид, ёд медор.
Гуфтӣ ба ту вақти гул расам боз,
Он вақт расид, ёд медор.
Ман бо ту расидаам даме дӯш,
Чун субҳ дамид, ёд медор.
Ман мегуфтам, ту мешунидӣ
Он гуфту шунид ёд медор.
Қурбон кардӣ дили Ҳасанро,
Эй ғайрати ид, ёд медор.

Машав аз ҷой, ки аз ту нашудам ҷои дигар,
Бандаи рӯи туам то накунӣ рои[1] дигар.
Ҳар кӣ рӯят нигарад, кай нигарад сабзаву гул,
Аҳли фирдавс чӣ мӯҳтоҷи таманнои дигар.
Нест дар сина ба ҷуз дарди ту андӯҳи касе,
Нест дар шаҳр ба ҷуз ишқи ту ғавғои дигар.
Гар ту як пой бад-ин сина ниҳӣ ҳам ба умед,
Чашм дорем, ки бар дида ниҳӣ пои дигар.
Рӯзи бозор сари гесӯи ту то боқист,
Суд ҳосил натавон кард ба савдои дигар.
Бо ту сад сол агар бошаму чизе нашавам,
Беҳ аз онам, ки ҳама чиз шавам ҷои дигар.
Гар ту сад бор ба хок афганӣ ummedi Ҳасан,
Хок бар вай, ки кунад ҷуз ту туманнои дигар.

---

[1] *Рой, Раъй* — фикр, андеша.

Эй зи бутони сарвқад қадди ту хуш хиромтар,
Рӯи тамом ҳамчу маҳ, балки зи маҳ тамомтар.
Нӯш мабод, гар хӯрам бе лаби шаккаринт май,
Май ҳама ҷо ҳаром шуд, бе лаби ту ҳаромтар.
Дӯш, ки ваъда кардай, он бари ҳамчу сими худ,
Ваъда чу хӯй бинамат, хӯй зи ваъда хомтар.
То ту равон чу чашмай, аз назарам бирафтай,
Чашми ман аст ҳар саҳар то ба намози шом тар.
Эй ба хате, ки мекашӣ, милки [1] ту гашта мулки дил,
Ман чу Ҳасан ғуломи ту, балки аз ӯ ғуломтар.

[1] *Милк* — тасарруф, ихтиёр.

Нест чу рӯи ту гулистон дигар,
Рӯй дигар бошаду бустон дигар.
Боз чи сахтаст дили кофарат,
Сахт дигар бошаду сандон дигар.
Аз тафи ишқат ҷигарам пухта шуд,
Пухта дигар бошаду бирьён дигар.
Ғамзаи хунхори ту хунам бирехт,
Ғамза дигар бошаду пайкон дигар.
Ишқи ту бар арсаи дил шаҳна шуд,
Шаҳна дигар бошаду султон дигар.
Гуфтӣ агар ошиқи мой бимир,
Ишқ дигар бошаду фармон дигар.
Чашми Ҳасан бину дар ӯ мавҷи хун,
Мавҷ дигар бошаду тӯфон дигар.

Не фалак бо ман мувофиқтабъ меояд, на ёр,
Не дили ман бо мани мискин ҳамеояд, на ёр.
Бар замона дил ниҳам, бо ёр созам, чора чист,
Не замона бар мани бечора бахшояд, на ёр.
Ман чӣ донистам, ки зулфи ёр побандам шавад,
В-ин гирех якборагӣ на бахт бикшояд, на ёр.
Ёр рафту шуд ҷавонӣ дар паяш якборагӣ,
Эй дареғо, не ҷавонӣ боз меояд, на ёр.
Сабр фармоянд ёрон ҳам салоҳият, вале
Не Ҳасан ин пандҳоро кор фармояд, на ёр.

Машав, эй чашми мардумро зи ту нур,
Ба гуфти душманон аз дӯстон дур.
Маро гуфтӣ, ки бе ман чист ҳолат,
Чӣ бошад бе табибе ҳоли ранҷур.
Маро бо ту қиёмат ишқе уфтод,
Қиёмат кай тавонам кард мастур.
Ало эй чашми ҷонро равшанӣ,
Ба чашмам хона кун нуран ало нур.[1]
Биё, к-аз даври ҳусни хеш имрӯз,
Ту мастиву ҷаҳоне аз ту махмур.
Агар пайдо шавӣ дар қасри фирдавс,
Ба кунҷи боғҳо пинҳон шавад ҳур.
Накардӣ ҳеҷ вақте аз Ҳасан ёд,
Сулаймонро куҷо ёд ояд аз мӯр.

[1] *Нуран ало нур* — нур бар нур; бисьёр хуб.

Эй пеши дурҷи лӯлӯи ту шармсор дур,
Бар лаъли ту кунам зи ду дида нисор дур.
Э-онгаҳ, ки баҳри ҳафт фалак офарида шуд,
Чун ту назод аз садафи рӯзгор дур.
Дарьёи осмон надиҳад чун ту як гуҳар,
Ҳар шаб агарчи мавҷ занад сад ҳазор дур.
Гар на муфарреҳи [1] дили девонаи ман аст,
Дар тунги шакарин чӣ кунад эй нигор дур?
Дар гирьяам ба гӯшаи чашме нигоҳ кун,
Гар ҳоҷат уфтад зи паи гӯшвор дур.
Бар дурри ашки ман назаре кун, ки дар ҷаҳон,
Ҳаргиз надидаанд, чунин обдор дур.
Дар хидмати ту наср кунам ҳар дуре ки ҳаст,
Дорам зи назмҳои Ҳасан бешумор дур.

[1] *Муфарреҳ* — фарҳатдиҳанда.

Гуфтам маро дасте бидеҳ, н-омад зи ҷонон ин қадар,
Ҳезам бибӯсам пои ӯ, ҳам нест сомон ин қадар.
Гӯянд ҷонро тӯҳфа бар, ҷонон агар пешоядат,
Ҳайҳот тӯҳфа чун барам, дар пеши ҷонон ин қадар.
Гар по бар ин дида ниҳад, олам ба дасти ғам диҳад,
Сад мулкро миннат бувад, бар дидаи ҷон ин қадар.
Рӯҳе ки ёбад рӯҳи ман аз як насими кӯи ӯ,
Валлаҳ, ки натвон ёфтан аз ҳашт бӯстон ин қадар.
Бар чарх бар шуд оҳи ман, кай буд сарсар [1] инчунин,
Ашкам гузашт аз баҳр ҳам, кай буд тӯфон ин қадар.
Дар кофиристони ғамам ҷон медиҳад ҳар душмане,
Ваҳ гар мусулмонӣ кунад, он номусулмон ин қадар.
Вақте яке аз толибон, кард ин радиф аз ман талаб,
Ман назм кардам чун Ҳасан бар ҳукми фармон ин қадар.

[1] *Сарсар* — боди сахт.

То дидаам рухсори ӯ аз барги гул серобтар,
Бе хоб ҳамчун наргисам чизе аз ӯ бехобтар.
Дорад диле гардандае з-он аст андар ваъдаҳо,
Якборагӣ қаллоб шуд чашмаш аз ӯ қаллобтар.
Гарчи фалак бар қасди ман ҳар бор қассобӣ кунад,
Он ғамзаи хунрез бин сад бор аз ӯ қассобтар.
Ногоҳ моҳи чордаҳ дид он рухи тобони ӯ,
З-он лас чӣ мепурсӣ чӣ шуд, шуд ҳар шабе бетобтар.
Ранги тари он нозанин в-он сарвқадди ростин,
Чун сабзаи сероб бин аз сабза ҳам серобтар.
Инак равон шуд сарви ман ранге чу ранги сабза хуш,
Моро чу гул бигзошта доман ба хуни ноб тар.
Аз баҳри васли ӯ Ҳасан ваҷҳи заре дорад вале,
Шуд васли ӯ чун кимьё аз кимьё ноёбтар.

Гар вуҷудам зи ғамат рафт хаёле кам гир,
Пеши он рӯи чу хуршед ҳилоле кам гир.
Бо рухи фаррухи ту дил ба ҷаҳон натвон баст,
Ҷон ба райҳони ту то раста, сафоле кам гир.
Дилам аз дидани сарви қади ӯ боғ шудаст,
Гар биҳиштам набувад чанд ниҳоле кам гир.
Хостам васфи миёни ту кунам, лек ин шеър
Ҳама маснӯъ фитодаст хаёле кам гир.
Лаби ту ёфтаам чашмаи ҳайвон чӣ кунам,
Бо чунон оташи тар оби зулоле кам гир.
Рухсате деҳ, ки ба дандон биканам холи лабат,
Охир, эй ҷон, масале ҳаст, ки холе кам гир.
Ҳасан ар кӯфта мондаст зи чавгонт чу гӯй,
Ту қавӣ ҳол бимон кӯфтаҳоле кам гир.

Эй, маро ҳол аз ғамат аз ҳарчи донӣ, зортар,
Бе ту будан аз ҳама душворҳо душвортар.
Ман худ аз озори чарху ҷаври анҷум солҳо
Зор будам, гаштам аз рӯзи фироқат зортар.
Ҳар шабе зорӣ кунам дар ҳасрати пайванди ту,
Ту шавӣ ҳар рӯз аз рӯзи дигар безортар.
Кай расонад аз гулистони висоли ту гуле,
Бахт к-аз хори муғелон аст ноҳамвортар.
Гесӯи ту кард кори ман парешон, турфа о-нк
Туррае дорӣ аз он золим парешон кортар.
Абри найсонро ҳамебинам парешон хоста,
Дар ҳавои лаъли ту ҳар бор гавҳарбортар.
Эй шуда чашми Ҳасан аз ишқи лаълат ғарқи хун,
Чашми ӯ хунбортар ё лаъли ту хунхортар.

Шакле аҷабе дориву рафтор аҷабтар,
Лаълат аҷаб аз лаъли ту, гуфтор аҷабтар,
Саффи аҷабе мекашӣ аз мӯр чӣ гӯям,
Бар баста каманде дигар аз мор аҷабтар.
Пор он лаби хунхор аҷаб хиракуше[1] буд.
Имсол аҷаб бинамаш аз пор аҷабтар.
Ин хашм зи хӯи хуши ту бас аҷаб уфтод,
Талхест зи ёқути шакарбор аҷабтар.
Бе ҳеҷ гунаҳ куштани ҳамчун Ҳасанеро,
Аз чарх аҷаб дораму аз ёр аҷабтар.

[1] *Хиракуш* — бебок ва золим.

Боди хушбӯй ҳамеояду гарде чу абир,
Магар он турки маро хост ҳавои нахчир.
Дил ба ӯ додаам, ӯ қасд ба ҷонам кардаст,
Ончӣ худ кардаам онро натавонам тадбир.
Эй басо сайд, ки бифганд ба як гӯшаи чашм,
Сӯи ман то ба баногӯш ҳамеояд тир.
Ман гиёҳи ҳаваси чашми чу оҳу дорам,
Шерро панҷа муяссар нашавад бо тақдир.
Эй ки гуфтӣ дили танги ту ба ту бахшидам,
Беш бо тоифаи тангдилон танг магир.
Мири хубон дили бахшида зи ман боз махоҳ,
Зеро ки бахшида дигар менаравад хонаи мир.
Пир шуд банда Ҳасан в-арчи зи олам биравад,
Наравад ишқи чу ту сарви равон аз сари пир.

Ало, эй сорбон, маҳмил фурӯ гир,
Ки бигсист ин дили девона занҷир.
Бигӯ он туркн таркашбанди моро,
Ки бишвоз ин шикориро ба як тир.
Чу ҷонон меравад, ҷон ҳам бирав гӯ,
Бигӯ бар мо чунин рафтаст тақдир.
Ба ӯ бахшид хоҳам зиндагонӣ,
Агар дар марг хоҳад буд тақсир.
Лаби ӯ бӯса додам дӯш дар хоб,
Тавон донисту натвон кард таъбир.
Шикаст он мири хубон арсаи дил,
Фароҳам аз кӣ хоҳад гашт, аз мир.
Маро аз шаъни он оят бигӯянд,
Барои худ наёрам кард тафсир.
Ба ҷуз хун хӯрданам дигар ғизо нест,
Ту гӯй доя хунам дод бо шир.
Ҳасан дунболи он сарви равон рав,
Валекин дар ҷавоне, кай расад пир.

Эй рухи хуби ту аз орази гул зеботар,
Чашми раънои ту аз наргиси тар раънотар.
Тубӣ аз ғайрати болои ту пинҳон мондаст,
Худ бигӯ то чӣ сифат бошад аз ин болотар.
Хубу зебо битавон ёфт, вале натвон ёфт,
Рӯй аз ин хубтару қомат аз ин зеботар.
Турфа ҳолест маро рӯзи шаб андар ғами ту,
Дил чу дӯзах шуда сӯзон, мижа чун дарьё тар.
Шаб ба кӯи ту шудам наъразанон шайдовор,
Балки ин бор зи ҳар бори дигар шайдотар.
Ҳолӣ дӯшинаи шӯридаи мо мепурсӣ,
Дӯш расво будам, имрӯз аз он расвотар.
Дили мискин Ҳасан аз ишқи ту нопайдо шуд,
Сабр аз он ғамзадаи дил шуда нопайдотар.

Манам имрӯзу ишқи туркӣ танноз,
Ки туркиҳош гоҳ хашм асту гаҳ ноз.
Ҳазор аз ман бияндозад ба як тир,
Хазораш инчунин бошад як андоз.
Ман аз ҳар як навои захмаи ӯ
Шунидам, мӯҳтасиб гӯ мешикан соз,..
Басо кас к-ӯ чу шамъ аз ишқи он лаб,
Ҳамесӯзад муяссар несташ соз.
Макун, эй дил, ба зулфи ӯ тааллуқ,
Нашояд кард мурғеро расанбоз.
Чӣ хоҳӣ, эй ҳаким, аз ман дар ин кор,
Ту кори худ ба коми худ бипардоз.
Напиндорӣ, ки дорӣ зӯҳд мафрӯш,
Туро гармоба хуш медорад овоз.
Ҳасанро гуфт аз фардо бияндеш,
Ту аз анҷом тарсӣ ӯ зи оғоз.

Боз пайкони ғамза кардӣ тез,
Турк бошад на инчунин хунрез.
Ё баровез ҷумла оламро,
Ё яке пардае фурӯ овез.
Ишқи ту баркашид дасти ситам,
Ҳар киро пой ҳаст, гӯ бигрез.
То чу Лайлӣ шудӣ ту моҳи араб,
Ман чу Маҷнун шудам барои Ҳаҷез.
Эй дил ар чашм мезанӣ зи бало,
Дида бардӯз аз он балоангез.
Турки ширинсавор к-ӯ ки кашам,
Сар чу Фарҳод дар суми Шабдез.
Ҳасан омехтаст бо дардаш,
З-он суханҳои ӯст дардомез.

Ман дӯшина дар сар аст ҳанӯз,
Маст хоҳам шудан ҳам аввали рӯз.
Ман чӣ гӯям ҷаҳони маъниро,
Соқиям сурати ҷаҳонафрӯз.
Эй ки мағрур меравӣ зинҳор,
Ёр ҳам меҳрубонст ҳам кинтӯз.
Нест ин роҳ роҳи раъноён,
Бирав, эй хоҷа, бандагӣ омӯз.
Ҷустуҷӯяш ба гуфтугӯ нашавад,
Хор аз по бикаш, даҳон бардӯз.
Бар сари оташам ниҳад чу сипанд,
Низ дармон ҳамерасад, ки масӯз.
Эй Ҳасан, сирри худ бурун додӣ,
Ман дӯшина дар сар аст ҳанӯз.

Дардо, ки ман аз роҳати ҷон дур шудам боз,
Ҷон рафт, к-аз он ҷону ҷаҳон дур шудам боз.
Он сарви равон гашт ҳаменолам азеро,[1]
Чун булбул аз он сарви равон дур шудам боз.
Пайваста ба абрӯш назар доштаам рост,
Ваҳ-ваҳ, ки чу тире зи камон дур шудам боз.
Чун шому шафақ як ба дигар омада наздик,
Ҳам субҳсифат ҷомадарон дур шудам боз.
Бо ӯ чу ду лаб як нафасе доштаам васл,
Гӯй сабаби захми забон дур шудам боз.
Парвонаи он шамъ будам дӯш ҳама шаб,
Имрӯз чӣ омад, ки аз он дур шудам боз,
Дар рӯи касе боз накардам ба ҷаҳон чашм,
То чун Ҳасан аз рӯи фалон дур шудам боз.

[1] *Азеро* — зеро.

Эй ҳама шаб ёди туам ҳамнафас,
Н-омада бо ёди туам ёди кас.
Хостамат кард дар ин сина ҷой,
Рафтиву аз сина нарафт ин ҳавас.
Гумшуда ман, мондаам аз корвон,
Қофиласолор, биҷунбон ҷарас.
То ба ҷафо даст баровардай,
Пой намеорӣ аз ин боз пас.
Як нафасе монда зи мо турфа он-к
Бо ту аз ин дар натавон зад нафас.
Аз ту ба ғайре чӣ шикоят кунам,
Эй зи ту фарьёд, ба фарьёд рас.
Пеши ту ҳар фазл, ки хонам хатост,
Асл ҳамон назми Низомист бас.
Гуфтиям аз ман бигузар, эй Ҳасан,
Чун гузарад аз шакаристон магас.

Машав, эй хоҷа, аз ин беш гирифтори ҳавас,
Ки бақое надиҳад мӯҳлати даҳрӯза ба кас.
Фурсат имрӯз, ки дорӣ нафасе дарьёбаш,
В-арна хоҳад шудан аз даст нигаҳ дор нафас.
Тӯша баргир, ки дар бодия хоҳӣ рафтан,
Ташна магзар, ки равон мегузарад оби Арас.[1]
Гар ту имрӯз ба фарьёди заифе нарасӣ,
Нарасад рӯзи пасин низ ба фарьёди ту кас.
Корвон мегузарад як-яку ту бар сари роҳ,
Чун шутурбон шуда хурсанд ба овози ҷарас.
Гӯш кун панди Ҳасан, то ки зиёне накунӣ,
Анҷубинро начашӣ ту магар аз коми магас.

[1] *Арас* — номи дарьёест дар Кавказ.

Биё, соқӣ, тариқи нозро бош,
Чу даври ишрат аст оғозро бош.
Чу як зарра дар ин нӯҳ шишаи чарх,
Сафое нест сангандозро бош.
Ҳавоҳои наворо мурғи маҷлис,
Чаковак[1] сохт он парвозро бош.
Ишорат кард чашми най сӯи чанг,
Ки он пири ҷавоновозро бош
Ба як май сохт най бо чанги ҳуснат,
Навозишҳои он дамсозро бош
Биё, эй ваъда карда, лаб бар ин лаб,
Чу шамъам чанд сӯзӣ гозро[2] бош.
Баровардӣ маро з-обу гили ман,
Зиҳӣ, пардадар охир розро бош.
Надидам як даме гаштӣ Ҳасанро
Сухан аз ҳад мабар эҷозро[3] бош.

---

[1] *Чаковак* — мурғи хушовоз.
[2] *Гоз* — миқроз, гулгири шамъ.
[3] *Эҷоз* — кӯтоҳ ва ихтисор кардан.

Беҳ аз сад ҷони ширин аст лаъли шакаролудаш,
Чу дил Ширин барад аз мо, маломат кай кунад судаш?
Гирифтам он ки ман фармони дил бурдам ба дил додаш,
Гунаҳ кардам, валекин ин гунаҳ кардан кӣ фармудаш?
Дил аз чашмаш амоне хост, он кофир надод ӯро,
Зи зулфаш ҳам фиғонҳо кард он ҳинду набахшудаш.
Накӯ донад, ки мақсудам ҷуз аз вай нест, як соат
Ба мақсудам намехоҳад, надонам чист мақсудаш?
Хуш аст он рӯи чун оташ, ҳама олам аз ӯ равшан,
Вале тарсам, ки об аз чашмхо, берун занад дудаш.
Дили як шаҳр дар забти мисоли ҳусни ӯ ёбӣ,
Хусусан, к-аз хати ҷонбахши туғрое барафзудаш.
Ҳасан бе ёру бе дил он чунон шуд, к-ӯ намедонад,
Ки рӯзе дилситоне буд, ё вақте диле будаш.

Эй, бе ту маро зи дин фаромӯш,
В-аз ҳамдаму ҳамнишин фаромӯш.
Гуфтам зи ғамат фурӯ дарам ҷайб,
Шуд даст дар остин фаромӯш.
Гар лаъли ту бингарад Сулаймон,
Ҳаққо, ки кунад нигин фаромӯш.
Бо зулфу рухат ҷаҳониёнро
Шуд сунбулу ёсумин фаромӯш.
Гӯям сухане агар нагардад,
Бар хотири нозанин фаромӯш.
Ёд ор, ки ҳаргизам накардӣ,
Якборагӣ инчунин фаромӯш.
Дар ҳасрати ҳусни ту Ҳасанро
Дил гум шуду ақлу дин фаромӯш.

Дил аз ғам зор шуд, гӯ ҳамчунон бош,
Зи ман безор шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Даромад ишқу дасти ҳукм бардошт,
Хирад бекор шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Диле к-андак далели сиҳаташ буд,
Зи сар бемор шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Мақоме, к-аз раёҳин фарши гул буд,
Бисоти хор шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Бинои зӯҳду буньёди вараъро,
Халал бисьёр шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Ҳамон хона, ки дайри тоатам буд,
Дари хуммор шуд, гӯ ҳамчунон бош.
Ба ишқам таън мекарданд халқе,
Ҳасан ҳам ёр шуд, гӯ ҳамчунон бош.

Дил, к-аз ғамат маҳрум шуд, ҳоле ҷигархун кардамаш,
Ашки аз ҷамолат дур шуд, аз хона берун кардамаш.
Ошиқе, ки меомад бурун чун дурри дандони ту хуш,
Ҳамчун даруни ошиқон якборагӣ хун кардамаш.
Ишқат расиду мулки дил бигрифт, шоҳаншоҳ шуд,
Ақлам фузулӣ менамуд аз шуғл як сун кардамаш.
Гуфтам, ки ахтар доштӣ аз хоки тира тиратар,
Ай ашкбӯси даргаҳат толеъ ҳумоюн кардамаш.
Ман лобаҳо[1] кардам басе бо гесӯи шабранги ӯ,
Ин мор захме тоза зад ҳар бор к-афсун кардамаш.
Гуфтам табиби ишқро ҳон, ҷони беморам чӣ шуд,
Гуфто: «табаш дида будӣ дарди сар афзун кардамаш».
Ин ал даҳони қоиле[2] дар гӯшам омад номи ӯ,
Ин ал ғазалҳои Ҳасан пур дурри макнун[3] кардамаш.

---

[1] *Лоба* — хушомад, зорӣ.
[2] *Қоил* — гӯянда.
[3] *Дурри макнун* — дурри қимат ва хушоб, дурри пинҳоншуда.

Рӯзи ид аст аз лаби ёқут ҳалвое бибахш,
Ташнагони ҳаҷрро раҳм овару мое[1] бибахш...
Эй ҳилолабрӯ рухе дорӣ чу ид ороста,
Рӯзадоронро зи хони ид ҳалвое бибахш.
Хусрави хубон шудӣ тимори мискинон бидор,
Бо ҳама мастез, ҷое қаҳр кун, ҷое бибахш.
Чашм наргис, шакли ҳамчун сабза дорӣ гирди гул,
Парда аз рух барфикан моро тамошое бибахш.
Ҳайф бошад к-он чунон лабҳо ниҳӣ бар ҳар лабе,
Э-он табарзадҳо[2] ба ҳамчун ман шакарҳое бибахш.
Дар вабои ишқи ту дармондаам ҳамчун Ҳасан,
Охир аз лаъли лабат ёқути ҳумрое[3] бибахш.

---

[1] *Моъ* — об.
[2] *Табарзад* — набот, дар ин ҷо ба маънии лаб.
[3] *Ҳумро* — сурх.

Дӯш хун рехтам аз дида ба ҳангоми видоъ,
Дида шуд оқибатам меҳнати айёми видоъ.
Он ки сад шӯру шағаб мекунад аз сахтии марг,
Начашидаст магар ҷуръае аз ҷоми видоъ.
Ҳар кӣ дар ком кунад шаккаре аз айшу нишот,
Бишканад ком ба ноком ба ҳангоми видоъ.
Чун бирафтам ба видоат дилу дин бо ту бирафт,
Охируламр ҳамин аст саранҷоми видоъ.
Аз видои ту Ҳасан номзади мавҷи балост,
Ваҳ чӣ будӣ, ки набудӣ ба ҷаҳон номи видоъ.

Эй дода ба ту ҳама ҷаҳон дил,
Аз дасти фироқи ту ба ҷон дил.
Гар нест дилат зи санги хоро,
Бар банда чӣ мекунӣ гарон дил.
Дил металабиву гарчи хун шуд,
Аз дида ҳамедиҳам равон дил.
Як рӯз миён ба зулф бастӣ,
Гумроҳ шуд андар он миён дил.
Бингар чӣ хуш омад он савсдаш,
К-аз зулфи ту сохт хонумон дил.
Гар даст расад, тавонам овард,
Аз зулфи хуши ту мӯкашон дил.
Бишнав зи Ҳасан ҳадиси дардаш,
Эй ёри қадими меҳрубондил.

Дӣ гузар кардам ба саҳрое, ки буд маъвои гул,
Булбулосо шуд дилам андар сари савдои гул.
Булбулон дидам бароварда фиғон бо як дигар,
Аз сари мастию беҳушӣ дар он саҳрои гул.
Нола чун булбул баровардам, ки буд андар дилам,
Ёди рӯи ёр чун дидам рухи зебои гул.
Ҳамчу гул дар ғунча рӯ аз ман ниҳон кард он нигор,
Ваарна бо рӯяш куҷо будӣ маро парвои гул.
Ҳар кӣ хоҳад к-ӯ бубинад чеҳраи зебои ёр,
Гӯ биё акнуну бингар чеҳраи зебои гул.
Гарна гул дар ҷустуҷӯи рӯи ёрам омадаст,
Пас чаро рафтаст чандин хор андар пои гул.
Эй Ҳасан, чӣ ҷои гулзор аст, чун булбул бинол,
Ӯ-он ки боғ оростаст, аз рӯи шаҳророи гул.

Шамоили ту латифасту суратат мақбул,
Мабод ҷуз ту маро дил ба дигаре машғул.
Агар қабул наяфтад туро иродати ман,
Наранҷам аз ту, ки ҳам қобиливу ҳам мақбул.
Чу номаи ту бихондам, ҳазор бӯса задам,
Ҳазор бӯсаи дигар ба дасту пои расул.
Зи зиндагонии ман бе ту халқ ҳайронанд,
Ки бевасилаи ҷон нест зисган маъқул.
Вуҷуди ту, ки яке оят аст аз раҳмат,
Умед к-ин тарафаш бошад иттифоқи нузул.[1]
Умеди он, ки шавад бо ҳусули дидорат,
Муроди ҳардама ҷон ҳосилу ғараз маҳсул.
Зи дасти ишқ чунон оҷиз аст ақли Ҳасан,
Ки пеши шаҳнаи қаттол омили маъзул.[2]

---

[1] *Нузул* — фурӯд омадан.
[2] *Маъзул* — бекор кардашуда.

Ин манам, к-аз ту саломе ба ман овард расул,
Тозатар кард ҳавои ману умеди вусул.[1]
Нома овард расули туву ман аз шодӣ,
Гаҳ сари нома ҳамебӯсаму гаҳ пои расул.
Гар ҷавобе бинависам карамат бисьёр аст,
Фазл кун ҳарчи туро дар назар ояд зи фузул.
Ман худ аз шавқи ту печида сарам чун нома,
Тани нолон чу қалам аз кашиши ишқ малул.
Қалам аз нуки мижа карда, сиёҳӣ аз чашм,
Ҳама шаб шарҳи ғаматро ба китобат машғул.
Рӯи худ сохтаам сафҳа ба рӯи коғаз,
Узри қиртос[2] бувад назди каримон мақбул.
Гуфтиям ҳоли Ҳасан чист зи иқболи ғамат,
Кор бар ҳасби мурод асту ғаразҳо маҳсул.

[1] *Вусул* — ба висол расидан.
[2] *Қиртос* — коғаз.

Зиҳӣ таровати ҳусну зиҳӣ мазиди[1] ҷамол,
Малоҳате ба тамомӣ латофате ба камол.
Зи мушк доираи ҷим кард сафҳаи сим,
Ба ҷои нуқта дар он ҷим ҷӣ ёфта хол.
Асири ғамзаи шӯхи ту шуд дили тангам,
Шуда заиф гирифтори шаҳнаи қаттол.
Дили асир ба чавгонт хӯй карда чу гӯй,
Расида ҳар тарафаш кӯбу гашта ҳол ба ҳол.
Ғулув[2] макун ба ҳалокам, ки завқ менадиҳад,
Чу ман шикорӣву чун ту савор дар дунбол.
Биёр як қадаҳ эй нури чашми муштоқон,
Вале чу чашми ман аз хуни дида моломол.
Ситораборин чашмам чу дид гуфт ҳаким,
Ки ҳукми толеи борон муқаррар аст имсол.
Зи нолаҳои Ҳасан хун гирист ҳар ки шунид,
Чӣ гуна манъ кунам захмхӯрдаро, ки манол.

---

[1] *Мазид* — зиёдатӣ ва афзунӣ.
[2] *Ғулув* — ҳуҷум; даст баланд кардан.

Дилам хун шуд надонам, бо кӣ гӯям?
Чи дил, к-аз дил ба ҷонам бо кӣ гӯям?
Маро з-ашколи васлаш мебипурсанд,
Ман ин мушкил надонам, бо кӣ гӯям?
Сухан дар васфи зулфаш хостам гуфт,
Гирех шуд бар забонам, бо кӣ гӯям?
На дар кӯяш раҳу на бар дараш бор,
Чунин бехонумонам, бо кӣ гӯям?
Камаргоҳаш сифат мехостам кард,
Ғалат рафт аз миёнам бо кӣ гӯям?
Ҳадиси он даҳон худ ҳеҷ чое,
Нагунҷад дар даҳонам, бо кӣ гӯям?
Ҳасанро чора хоҳам сохт гуфтӣ,
Мани бечора онам, бо кӣ гӯям?

Сар магардон, ки хоки пои туам,
Аҳд машкан, ки дар вафои туам.
То ту чун осмон шудӣ саркаш,
Ман заминвор хоки пои туам.
То ту султони орзубахшӣ,
Ман ба сад орзӯ гадои туам.
Чанд бегонагӣ кунӣ охир,
Мешиносӣ, ки ошнои туам.
Гар на роят бувад наёрам зист,
Ман агар зиндаам барои туам.
Гар иҷобат кунӣ дуои касе,
Ман шабу рӯз дар дуои туам.
Аз дарат дур нестам чу Ҳасан,
Чӣ тавон кард мубталои туам.

Маро к-имшаб туӣ ҳамрову ҳамдам,
Бурун зад хоби мо хайма зи олам.
Ту май менӯшиву ман дар хуморат,
Ту аз шодӣ намехуспӣ, ман аз ғам.
Зи ишқи он рухи чун офтобат,
Чу субҳ инак шумурда мезанам дам.
Чӣ гуна одамӣ ҳайрон намонад,
Парӣ пайдо шуда аз насли одам.
Чи зулф аст ин чу шоми тираи ман,
Ки як рӯзаш намешинам фароҳам.
Куҷоӣ эй биҳишти ин ҷаҳонӣ,
Фидоят ин ҷаҳону он ҷаҳон ҳам.
Ҳасан аз остонат монда маҳрум,
Нашуд саг дар ҳарими Каъба маҳрам.

Чист матлуби ту то аз сари он бархезам,
В-ар ба ҷон ҳукм кунӣ аз сари ҷон бархезам.
Андар ин раста дӯконест маро аз тоат,
Гарна савдои ту бошад зи дӯкон бархезам.
Як ҷаҳон таъна занандам, ки нишастӣ бекор,
Гар ту дасте бидиҳӣ аз ду ҷаҳон бархезам.
Бе ту аз дунйиву[1] уқбӣ чу нахезад чизе,
Ту биё то ҳам аз нну ҳам аз он бархезам.
Сӯи гӯри ман, агар бигзарӣ, эй сарви равон,
Сарви ту бингарам аз дуру равон бархезам.
В-агар аз замзамаи ишқи ту дар нафхан[2] сур.
Ним бонге шунавам рақскунон бархезам.
Дарде аз дард бинеҳ бар сари ман банда Ҳасан,
То аз ин зӯҳдфурӯшии забон бархезам.

---

[1] *Дунйиву уқбӣ* — дуньёву уқбо.
[2] *Нафха* — як бор дамидан.

Эй мурғ, бинол, то бинолем.
Аз ахтари хеш дар ваболем
Аз дӯстии ҳаво ту нолӣ,
Мо ҳам ба ҳавои дӯст нолем.
Ту баҳри висоли гул занӣ пар,
Мо зери пари фироқ болем.
Майдони фироқро шуда гӯй,
Он гоҳ мапурс дар чӣ ҳолем.
Ту ёфтай ҷамоли маҳбуб,
Мо гумшудагони он ҷамолем.
Ту сохтай ҳазор дастон,
Мо сӯхтагон ҳанӯз лолем.
Мову Ҳасану навову нола,
Эй мурғ, бинол, то бинолем.

Эй гул биё, ки аз чу туй дур мондаем,
Бе рӯи гулфишонт гулобе фишондаем.
То боз чун биҳишт шавад аз ту гулситон,
Мо аз гули биҳиштии худ дур мондаем.
Дар мавсиме, ки санг зи лола нишон гирифт,
Доғе чу лола бар дили хунин нишондаем.
Мурғон ба расми хеш чаман хона сохтанд,
Мо дар сафар, ки расм набудаст мондаем.
То гул ба боғ дафтари порина боз кард,
Мо ҳеҷ аз он варақҳо ҳарфе нахондаем.
Сар барзада чу сабза зи майдон ба ёди дӯст,
Рахши дил аз сари ҳама берун ҷиҳондаем.
З-ӯ гарчи пурсише нарасад, мо Ҳасан сифат,
Ҳар дам ба дасти бод саломе расондаем.

Боз ба кӯи ту ватан мекунам,
Доғи ғамат бар дилу тан мекунам.
Дӯш се бӯса задаам бар дарат,
Ин чӣ далерист, ки ман мекунам.
Дӣ сухан аз васфи ту кардам басе.
Баҳри худо, ин чӣ сухан мекунам.
Пистадаҳан гуфтамат инак ба узр,
Хоки хиҷолат ба даҳан мекунам.
Гар ту ба занҷири қабулам кашӣ,
Пешкашат ҷони Ҳасан мекунам.

Аз ман чӣ гунаҳ омад, к-ат ёд намеоям,
Дар банди фироқи ту озод намеоям.
Гар ту зи дари ёрӣ бедод кунӣ, мекун,
Ман бар дари ту боре бедод намеоям.
Андар раҳи ишқи ту хуни ҷигарам зод аст.
Инсоф, ки аз хона бе зод намеоям.
То ту даҳан аз пурсиш чун ғунча фурӯ бастӣ,
Шаб нест, ки дар кӯят чун бод намеоям.
Ташрифи саломи ту дер аст, нашуд ҳосил,
Дил кӯфта кардастӣ, то ёд намеоям.
Бо хаста тане дарҳам меомадаме гаҳ-гаҳ,
Он лоша ҳам аз меҳнат уфтод намеоям.
Гуфтӣ чу Ҳасан бар ман, чун шод намеой,
Ман ғамзадаи ишқам, чун шод намеоям?

Ҷафо макун, ки ман аз ҷон сари вафои ту дорам,
Биё, ки ҳарчи ки дорам, ҳама барои ту дорам.
Хирад, ки аз сари фикрат рамузи ғайб шиносад,
Агар ту айб нагирӣ, писори пои ту дорам.
Гарат ба пеш кашам ҷон, марон зи худ, зеро
Ки ин матоъ, ки дорам ҳам аз атои ту дорам.
Чу хоки пои ту гаштам ба ҷони ман караме кун,
Ба хоки пои ту, гар ман касе ба ҷои ту дорам.
Ту подшоҳи ҷаҳонӣ, Ҳасан гадои дари ту,
Ман ин гилеми қаноат аз он гадои ту дорам.

Орзӯҳост, ки як қисса ба дасти ту диҳам,
Шарҳи хунрезии он наргиси масти ту диҳам.
Ҷони поку дили софишударо гар гӯй,
Хидматии ду лаби бодапарасти ту диҳам.
Валлаҳ ар тир занӣ бар ҷигарам ҳар боре,
Аз ҷигар баркашаму боз ба дасти ту диҳам.
Гилае нест, ки кушта шудам аз новаки ту,
Ки агар зинда шавам бӯса ба шасти ту диҳам.
Эй Ҳасан, гар дили ту бишканад аз лашкари гам,
Ишқро муждаи нусрат зи шикасти ту диҳам.

Имрӯз чӣ рӯз аст, ки аз рӯи ту дурам,
Аз мӯя[1] чу мӯе шудам, аз заъф чу мӯрам.
Ҳар бор намозе, ки адо мекунам имрӯз,
Валлаҳ чу ту ғоиб шудай нест ҳузурам.
Асҳоби мувадатро бо сабр чӣ нисбат,
Эй вой ба ман; к-аз чу ту маҳбуб сабурам.
Бе зулфу рухат ҳуд назиям ман, ки ба сад ҷон,
Девонаи занҷираму парвонаи нурам.
Бо талаъту гесӯи ту ҳуд ёд наёяд,
Н-аз горуми[2] фирдавсу на аз турраи ҳурам.
Бӯсе ба лаби ҷом зану дар даҳанам рез,
То бӯи биҳишт ояд аз ин фиску фуҷурам.
Наздик ба мурдан шудаам чун Ҳасан имрӯз,
Дур аз ту, чу аз сурати зебои ту дурам.

---

[1] *Мӯя* — навҳа, гирья.
[2] *Горум* — хонаи баланд, болохона.

Ҳадиси иштиёқат чун нависам,
Зи ҳар-ч афзунтар аст афзун нависам.
Дилам оташ ҳамерезад, мижа об,
Намедонам, ки нома чун нависам.
Ба васфи ашки худ аз дидаи тар,
Суханҳо чун дури мақнун нависам.
Агар донам, ки хоҳад хонд Лайло,
Чи зориҳо, ки аз Маҷнун нависам
Даруни хотири худ ҷой фармо,
Ҳадисе, к-аз сифат берун нависам.
Сиёҳиҳо ҳама аз чашми ман рехт,
Магар ин моҷаро аз хун нависам.
Ғазалҳои Ҳасан бар ту чунон аст,
Ки сӯи соҳирон афсун нависам.

Чист, ки як бор намепурсиям,
Ӡ-ин ғаму тимор намепурсиям.
Ёр ҳамон аст, ки пурсад эи ёр,
Чун кунам, эй ёр, намепурсиям.
Мурдан аз андӯҳи ту фахри ман аст,
Гарчи ту аз ор намепурсиям.
Воқеа бисьёру шикеб андак аст,
Андаку бисьёр намепурсиям.
Пор хабар дошти аз оҳи ман,
Оҳ, ки чун пор намепурсиям.
Хуни Ҳасан об шуду ҳам нагуфт,
К-эй бути хунхор намепурсиям.

Рӯи ту ҳамчу боғ мебинам,
Лоларо аз ту доғ мебинам.
То зи шавқат ду чашми ман чор аст,
Ду рухат ҳашт боғ мебинам.
Кабкро дар ҳавои рафторат,
Шеваи кабку зоғ мебинам.
Дили оташгирифта дар зулфат,
Гавҳари шабчароғ мебинам.
Менахоҳӣ, ки бӯи ман бикашӣ,
Иттифоқи димоғ мебинам.
Эй ба бозӣ гирифта шаҳреро,
Бо Ҳасан низ лоғ [1] мебинам.

[1] *Лоғ* — ҳазл, зарофат, хуштабъӣ.

Дӯш аз ғами фироқи ту хуфтан наёфтам,
Дур рехтам зи дидаву суфтан наёфтам.
Бисьёр хостам, ки кунам рози дил ниҳон,
Аз дасти оби дида нуҳуфтан наёфтам.
Умре чу ғунча будам, дил баста дар баҳор,
Ногаҳ хазон расиду шукуфтан наёфтам.
Гуфтам бигӯямаш ғами дил, оҳи синасӯз,
Дар ҳалқи ман гирех шуду гуфтан наёфтам.
Гуфтам бирӯбамаш чу Ҳасан хоки остон,
Тар шуд зи хуни дил мижа, рӯфтан наёфтам.

Боз аҳди ниёз бишкастем,
Тавба кардему боз бишкастем.
Баски дунболаи бутон рафтем,
Ҳамчу зулфи дароз бишкастем.
Зӯҳд гум гашту дин фидо кардем,
Руд бигсисту соз бишкастем.
Дӯш боре сафи раунатро,[1]
Ба сипоҳи ниёз бишкастем.
Як тапонча ба рӯи ҳирс задем,
Ҳама дандони оз[2] бишкастем.
Раҳ ғалат шуд, инон бигардонем,
Қибла каҷ шуд, намоз бишкастем.
Чун Ҳасан ҷоме аз сафо хӯрдем,
Шишаи нӯшу ноз бишкастем.

---

[1] *Раунат* — саркашӣ, худписандӣ.
[2] *Оз* — тамаъ.

Ту шоҳу мо асири каманди ғуломием,
Бар ёди номи неки ту дар некномием.
Таърифи ту ба қоидаи хоҷагӣ хуш аст,
Ташрифи мо ҳамин, ки ба доғи ғуломием.
Гуфтӣ чӣ ҳосил аст шуморо зи офият,
Шоҳо, мапурс ин луғат аз мо, ки омием.
Чашмат ба ними ғамза ҷаҳоне хароб кард,
Он туркро бигӯй, ки мо эҳтимомием.[1]
Гуфтем панҷ байт ба ёдат, чу «Панҷ ганҷ»
Мо худ Ҳасан наем ғуломи Низомием.

[1] *Эҳтимомӣ* — ғамхор, парастор.

Гар аз ҷаврат ба ҷон будам, бубин к-охир ба ҷон рафтам,
Рақибонро башорат[1] дех, ки ман з-ин остон рафтам.
Камандатро ҳамон сайдам, агар дар Каъбаам бинӣ,
Самандатро ҳамон гардам, агар бар осмон рафтам.
Ту аз таълими тири хеш хунамро равон кардӣ,
Маҳам шогирди ашки худ, ки дар рафтан равон рафтам.
Чӣ гӯям рост, чун абри баҳорӣ дар ҳавои ту,
Хурӯше саъбу[2] боде сарду чашме дурфишон рафтам
Ҷигар пурдарду рух пургарду ҷон дар тобу тан дар таб,
Чӣ пурсӣ ҳамчунон зорам, ки дидӣ ҳамчунон рафтам.
Хато гуфтам чу бар хатти вафои ту ниходам сар,
Зи хору хокдон ҷустам ба богу бӯстон рафтам.
Ба ёди талъати хуби ту дидам фоли равшанро,
Маро фоли Ҳасан рӯ доду ман боре бар он рафтам.

---

[1] *Башорат* — мужда.
[2] *Саъб* — сахт, мушкил.

Куҷо шудӣ, ки ба сад ҷонат орзӯмандам,
Биё, ки бигсилам аз хешу дар ту пайвандам.
Фариштабӯю парирӯю одамиҳӯӣ,
Агар дил аз чу туӣ барканам, киро бандам?
Сар аз дарича бурун кун, ки абрӯвони туро,
Чу рӯзадор ба моҳи нав орзӯмандам.
Гунаҳ маро, на туро буд к-аз занахдонат,
Ту чаҳ намудиву ман хешро дарафгандам.
Агар бипурсӣ гармам в-агар напурсӣ сардам,
Ба ҳарчӣ мерасад аз гарму сард хурсандам.
Хилофи аҳд бувад гар гуле кунам ғорат,
Ба бӯй кардани гулзор нест савгандам.
Сазад, ки чашми иродат ниҳӣ ба ҳастии ман,
Ки чун Ҳасан назар аз ҳар ки ҳаст баркандам.

Фироқи рӯи ту бисьёр шуд, чӣ чора кунам,
Магар либоси ҳаёте, ки ҳаст пора кунам...
Шабе, ки ҳамчу маҳ аз авҷи ҳусн ҷилва кунӣ,
Агар ризо диҳӣ аз дур як назора кунам.
Агар висоли туро ҳукм бар ситора кунанд,
Ман аз мижа ҳама офоқ пурситора кунам.
Гирифтам, ин ки бибандам даҳан зи нолидан,
Тапидани дили бечораро чӣ чора кунам?
Наметавонам дил бар ҷудоии ту ниҳод,
Магар диле чу дили ту зи санги хора кунам.
Наёфта чу Ҳасан бор бар дарат як бор,
Чу булфузулам к-ин орзӯ дубора кунам.

То ғамат ёфтаам ҳар нафасе шодтарам,
То ки банда шудамат аз ҳама озодтарам.
Банда ҳар вақт, ки озод шавад, шод шавад,
Ман ба вақте, ки туро банда шавам, шодтарам.
Ҳама ободнишинон зи харобӣ тарсанд.
Ман харобат шудаму дам ба дам ободтарам.
Чӣ фиристӣ ғами худ то кунад устод маро,
Ман дар ин шева аҷаб аз ҳама устодтарам.
Эй, Ҳасан, гар ту зи ишқи лаби ширини бутон,
Ҳамчу Фарҳод шудӣ ман зи ту Фарҳодтарам.

Имрӯз ман он наям, ки будам,
К-ошуфтаи ишқ шуд вуҷудам.
Хӯрдам ду се ҷоми оташангез,
Аз дил ба димоғ рафт дудам.
Дар пои ҳариф сар фишондам,
Аз фарқи хирад кулаҳ рабудам.
Ишқ оварадам балои ман шуд,
Тухме, ки бикоштам дурудам.
Ҳоли бади ман батар шуд аз ту,
Эй шӯх накӯт озмудам.
Дар банди ҳазан[1] намефитодам,
Гар панди Ҳасан ҳамешунудам.

[1] *Ҳазан* — андӯҳ, дилтангӣ.

Ҷоно, шабаке худро дар кӯи ту ҷо хоҳам,
В-аз ҷоми лаби лаълат як ҷуръа даво хоҳам.
Ту боғи зарифонӣ, ҳам боғ туро, ҳам нахл,
Дардам чу зи ту бошад, пас аз кӣ даво хоҳам?
Халқе зи дари Каъба хоҳанд муроди худ,
Эй каъбаи вақти ман, ман аз ту туро хоҳам.
Гар силсилаи зулфат бар дӯзахиён бандӣ,
Дар панҷ намози худ дӯзах ба дуо хоҳам.
Ҳар бор ҳамеоӣ, шамшер ҳаво карда,
Он кун, ки туро бояд, ман банда ҳавохоҳам.
Чун ҳаст бақои ман боқӣ ба баҳои ту,
Пас ҳам ту бимон боқӣ, худро чӣ бақо хоҳам?
Бечора Ҳасан гӯяд назме ба умеди ту,
Назмаш чу равон кардӣ уммедраво хоҳам.

Аз дáсти дил ба ҷонаму аз ҷаври ёр ҳам,
Сабр аз даруни сина бурун шуд, қарор ҳам,
Дӣ ёр карда буд ба ман рӯю бахт низ,
Имрӯз бахт пушт ба ман доду ёр ҳам.
Як рӯз нимшод, ки будам зи рӯзгор,
Он рӯз аз ҷаҳон шуду он рӯзгор ҳам.
Мехостам бурун кашам аз пои хаста хор,
Сӯзан дар ин ҷароҳат гум гашту хор ҳам.
Ҷоно яке ду лаъли шакарбор баркушой,
К-ин дида дурфишон шуду ёқутбор ҳам.
Дарду ғаме, ки дошт Ҳасан дар фироқи ту,
К-аз иштиёқ мурдаму аз интизор ҳам.

Позе, ки он бут мекунад, ҳар бор хуш меоядам,
Бӯхӣ зи ғайре нохуш аст, аз ёр хуш меоядам.
Гуянд сӯи боғ каш, завқи маю мева бичаш,
Бе ӯ биҳиштам нест х(в)аш, дидор хуш меоядам.
Монанди ҳар сарве хиҷил в-аз бедилӣ пое ба гил,
На сабр мехоҳам на дил, дилдор хуш меоядам.
Э-он рӯи чун хуршеду маҳ меҳроб кардам чанд гаҳ,
Акнун аз он зулфи сияҳ зуннор хуш меоядам.
Бар ишқи он моҳи Хутан, иқрор кардам чун Ҳасан,
Инкор чун ояд зи ман, ин кор хуш меоядам.

Эй дарат гашта қиблаи ҷонам,
Хоки кӯи ту оби ҳайвонам.
Гар бигардониям ба ҳар кӯе,
Ман аз он кӯй рух нагардонам.
Ғами ту к-он баробари ҷон аст,
Наравад худ баробари ҷонам.
Тоқати дидани рухи ту кирост,
Мани мискин шунида ҳайронам.
Торе аз зулфи хеш тӯҳфа фирист,
Ҷамъ гардон дили парешонам.
То шунидам лаби ту майгун аст,
Ман аз ин тавбаҳо пушаймонам.
Чанд гӯй, ки чист ҳоли Ҳасан,
Қиссаи ӯст ин, ки мехонам.

Дилам бурдиву миннат мепазирам,
Агар сар хоҳӣ аз сар даст гирам.
В-агар гӯӣ бимир андар ғами ман,
Аҷаб бошад, гар аз шодӣ намирам.
Шабат хуш бод эй мурғи саҳархез,
Ки ман дар доми бадмеҳре асирам.
Табиб он беҳ, ки аз дар бозгардад,
Чӣ бинад дарди нодармонпазирам.
Ба ёдат рӯзу шаб мастам, ту гӯӣ,
Шароби дӯстӣ будаст ширам.
Гаҳе захми забон гаҳ тири ғамза,
Нигоро, ман чӣ марди теғу тирам.
Закоти ҳусни худ додӣ Ҳасанро,
Гар ӯ мискинст ман боре фақирам.

Аз дари дуньё чӣ дам занам, ки надорам,
Аз ҷиҳати дил чӣ ҷон канам, ки надорам.
Халқ бикиштаст умеду тухми таманно
Мефиканад, ман чӣ афканам, ки надорам.
Нақди мурод андар остини ҳаёт аст,
Хира чӣ гиранд доманам, ки надорам.
Шод нишаста шумо бад-он чи, ки доред,
Шодтар аз ҳар ҳама манам, ки надорам.
Дузд чӣ гардад ба гирди ман, ки Ҳасанвор
Шаб ҳама шаб наъра мезанам, ки надорам.

Рухатро ҷуз маҳи равшан нагӯям,
Баратро ҷуз гулу савсан нагӯям.
Агар ранги қабоят бинам аз дур,
Суманро бӯи пироҳан нагӯям.
Нагӯям бо хирад аҳволи ишқат,
Ҳадиси дӯст бо душман нагӯям.
Масал, гар худ равад сар дар сари теғ,
Зи сирри ту сари сӯзан нагӯям.
Ҳадисат дар ҷаҳон пӯшида дорам,
Сифоти Каъба дар гулхан нагӯям.
Маро гӯй бигӯ мақсуди ту чист,
Магар ҳам худ бидонӣ, ман нагӯям.
Агар дар васфи ҳусни ту набошанд,
Ғазалҳои Ҳасан аҳсан нагӯям.

Ашке чу ақиқ аз он фишонам,
К-аз лаъли ту медиҳад нишонам.
Аз дасти ту нола чун тавон кард,
Мӯҳри лаби туст бар даҳонам.
Гар теғ занӣ ту метавонӣ,
Ман оҳ задан наметавонам.
Аз пой маяфган инчунинам,
Чун даст гирифтӣ ончунонам.
Бар абрӯи худ гиреҳ чӣ бандӣ,
Ман банда на марди он камонам.
Дар ҳаққи туам гумони фазл аст,
Шарманда макун аз ин гумонам.
Гуфтӣ, ки дили Ҳасан кӣ озурд,
Аз ғамза бипурс, ман чӣ донам?

Ваҳ чӣ рӯяст ин, ки ҳар соат дар ӯ ҳайронтарам,
То сару сомон гузидам бесару сомонтарам.
Шаҳсаворо сӯи ман бин, чанд гардӣ гирди гӯй,
Эй сарат гардам, ман аз гӯи ту саргардонтарам.
Хонаи обу гилам дармонда аз борони ашк,
Сустбуньёдам ба ҳар борандагӣ вайронтарам.
То надидам чанд гаҳ он сурати ҷонбахши ту,
Сурати девор дидӣ ман аз он беҷонтарам.
Эй, Ҳасан, гуфтӣ ки ман ҳайронам аз дурии дӯст,
Ин ки бе ӯ зинда мемонам, аз он ҳайронтарам.

Чашм к-аз ёди дӯст тар дорем,
Гар шавад чашма дӯсттар дорем.
Хуни дил рехтему шуста нашуд,
Доғҳое ки бар ҷигар дорем.
Ҳунару айби мо чӣ мепурсӣ,
Ҳама айбем, ин ҳунар дорем.
Носеҳо панди мо чӣ хоҳӣ гуфт,
Ҳарчӣ гӯӣ аз он хабар дорем.
Чанд гӯӣ зи дӯзаху зи биҳишт,
Мо ҷуз ин ғам ғаме дигар дорем.
Бо Ҳасан гуфт аз дарам бигузар,
Ҷуз дари ӯ кадом дар дорем?

Ман ҳамчу рӯи хуби ту рӯе надидаам,
Он рӯи ту ба дидаву дил з-он гузидаам.
То баркашидай ту сар аз ҷайби ҳусни хеш,
Ман пои дил ба домани ҳайрат кашидаам.
Гуфтӣ чӣ дидай, ки чунин мубтало шудӣ,
Гар оина бубинӣ донӣ чӣ дидаам.
Гуфтам ба ашки худ, ки чаро уфтӣ чунин,
Гуфто аз он фитам, ки фаровон давидаам.
Пирона сар куҷо равад ин мастӣ аз сарам,
К-айёми шир буд, ки ин май чашидаам.
Даст ар диҳад, Ҳасан бигазад як замон лабат,
Донӣ, ки чанд даст ба дандон газидаам.

Омад он ёре, ки ман мехостам,
Рост шуд коре, ки ман мехостам.
Хонаи ман кард боғу бўстон,
Лоларухсоре, ки ман мехостам.
Ним шаб омад нуҳуфта аз рақиб,
Ҳам ба ҳинҷоре, ки ман мехостам.
Бар сари ман сояи раҳмат фиганд,
Сарврафторе, ки ман мехостам.
Ёри худ хоҳад ҳама кас, эй Ҳасан,
Инак он ёре, ки ман мехостам.

Он дӯст к-аз дилу ҷон ман дӯстдори ӯям,
Маст аст наргиси ӯ ман дар хумори ӯям.
Боғам чӣ мефиристӣ, сарвам чӣ менамой,
Бо кас қарор натвон чун беқарори ӯям.
Гар аз худам биронад ҳар дам ба ноумедӣ,
То як дам аст дар ман умедвори ӯям.
Ҳастам ба назди халқе диндору покмазҳаб,
Лек аз ҳавои зулфаш зуннордори ӯям.
Гирди сараш фишонам ҷони азизи худро,
Ҷону сари азизаш ҳам шармсори ӯям.
Гуфтӣ, ки кушта гаштӣ дар чист шодии ту,
Кушта шудан чӣ бинӣ, охир шикори ӯям.
Саҳл аст рафтани дил дар ишқи рӯи зебо,
Гар сар равад Ҳасанро ман банда ёри ӯям.

Умрест, ки дар сина савдои фалон дорам,
Як шаҳр хабар дорад, ман аз кӣ ниҳон дорам?
Бечора дилам хун шуд, ин дил натавон додан,
В-ар ҳукм кунад, валлаҳ аз дида равон дорам.
Рӯза накушоям ман аз васли буте дигар,
К-аз ёди лаби лаълат мӯҳре ба даҳон дорам.
Ҷуз соя намонд имрӯз аз ҳастии ман бо ман,
В-ин соя, ки мебинӣ, з-он сарви ҷавон дорам.
Мастонш ҷу баргаштанд аз қоидаи мазҳаб,
Соқӣ қадаҳе дар деҳ ман мазҳабашон дорам.
Ё раб, набурӣ аз ман он мӯниси ҷонамро,
Ҳар кас касаке дорад, ман банда ҳамон дорам.
Орам чу Ҳасан пешаш ҷонрову ҷаҳонро ҳам,
К-аз ҷумла ҷаҳон ҳаққо он ҷону ҷаҳон дорам.

Ёрон, дилу дин зи даст додам,
Дасте, ки зи пой дарфитодам.
Маъшуқ ба хашм рафт афсӯс,
Ноёфтае ба бод додам.
Чашмам ҳама шаб ситорарез аст,
Гӯй ба ҳамин ситора зодам.
Ҷоно, қадаме бинеҳ, ки ин сар
Зери қадами ту э-он ниҳодам.
Ман куштаи он касон, ки аз ноз
Куштанду намедиҳанд додам.
Гуфтӣ кушамат ба номуродӣ,
Ё раб, бирасон бад-он муродам.
Банди дили дарҳами Ҳасанро,
Бикшой чу сирри ӯ кушодам.

Ман, ки ғамхори туам, хорам макун,
В-аз ҷигар хӯрдан ҷигархорам макун.
Рӯзгорам з-ин батар хоҳӣ, ки ҳаст,
Аз ту з-ин беҳтар тамаъ дорам, макун.
Гар сагам хонӣ бихон, сангам мазан,
Инчунин якборагӣ хорам макун.
Аввал аз ёрит тақсире набуд,
Ман киям, охир ҳамон ёрам, макун.
Зулф машкан аз гирифторӣ битарс,
Дар шиканҷи ӯ гирифторам макун.
Захми зулфи худ ҳама бар ман маёр,
Ман макун гуфтан намеорам макун.
Чун Ҳасан аз ҳаҷр зорам кардай,
Аз саломи хеш безорам макун.

Эй туркн гулрух, беш аз ин дарди дилам ҳосил макун,
Эй ҷону дил, чандин ҷафо бар ошиқи бедил макун.
Хоҳӣ, ки ҳоли ошиқон ошуфта набвад рӯзу шаб,
Бар гирди моҳи оразат зулфи сияҳ ҳоил макун.
Аз лаъли ҷонбахшои ту бӯсе таманно мекунам,
Эй соҳиби рӯи накӯ манъи дили соил макун.
Рафтию бо бадхоҳи ман пайвастӣ, эй ороми ҷон,
Ман чун ҳавохоҳи туам, уммеди ман ботил макун.
Ҷоно чӣ рафт аз ман хато то қасди хунам кардай,
Бечурм хунам рехтан бад бошад, эй ғофил, макун.
Эй айбҷӯи ошиқон, ҳастӣ зи ҳолам бехабар,
Ман ғарқа дар баҳри ғамам, ту ханда бар соҳил макун.
Монанди ёри хештан дигар куҷо ёбад, Ҳасан,
Ҷуз дар диёри ёри ман, эй сорбон, манзил макун.

Кист аз ёрон, ки дорад дар ҷаҳон ёре чунин,
Дил надорам дар ҷаҳон аз ишқи дилдоре чунин.
Гул агарчи дошт рухсора ба сад парда дарун,
Ҳам зи як парда бурун н-овард рухсоре чунин.
Кабк дар кӯҳ зери по овард чандин тахта санг,
В-онгаҳ аз як тахта ҳам омӯхт рафторе чунин.
Дӯш дар хун ғарқ гаштам то хаёлат дод даст,
Аллаҳ-аллаҳ шаб чунону рӯзи бозоре чунин.
Имшаб омад ҷоми майро ҷой бар каф карда ёр,
Марҳабо ҷоме чунин, ҷое чунон, ёре чунин.
Ҷон ба ҷонон медиҳам, гар пур кунад паймонаам,
Оқибат паймона пур хоҳад шудан боре чунин.
Хуб кун кори Ҳасан, ҷоно, зи гуфтори ҳасан,
З-онки ҷӯиву наёбӣ хубгуфторе чунин.

Хуш аст, арчи натвон нигаҳ доштан,
Вуҷуди ту дар ҷон нигаҳ доштан.
Ба як палла сад ҷон ба як палла ту,
Ҳамин аст мизон нигаҳ доштан.
Дилеро ки бо зулфат уфтод майл,
Ба занҷир натвон нигаҳ доштан.
Туро хатм шуд ҷаъд дар пираҳан,
Шаби қадр пинҳон нигаҳ доштан.
Кашидӣ агар тири худ аз дилам,
Хушам ҳам ба пайкон нигаҳ доштан.
Гаҳи мурданам, гарна ҳозир шавӣ,
Ҳади кист имон нигаҳ доштан.
Ҳасан, май ба паймонаи ишқ каш,
На шарт аст паймон нигаҳ доштан.

Эй ҷон, зи барат дурам, дурам зи барат, эй ҷон,
Ҳайрон шудаам бе ту, бе ту шудаам ҳайрон.
Дарде зи ғамат дорам, дорам зи ғамат дарде,
Дармон накунӣ донам, донам накунӣ дармон.
Бечора мани мискин, мискин мани бечора,
Шодон назадам як дам, як дам назадам шодон.
Бо ту сухане гӯям, гӯям сухане бо ту,
Фармон накунӣ донам, донам накунӣ фармон.
Ҷоне зи ҷаҳон дорам, дорам зи ҷаҳон ҷоне,
Бистону бидеҳ бӯсе, бӯсе бидеҳу бистон.
Ҳар дам Ҳасанат гӯяд, гӯяд Ҳасанат ҳар дам,
Эй ҷон, зи ғамат мурдам, мурдам зи ғамат, эй ҷон

Кардам ҷигар аз дарди ту хун, аз ту чӣ пинҳон?
Хун к-аз мижа уфтод бурун, аз ту чӣ пинҳон?
Розе, ки дарун буд маро дида бурун дод,
Эй маҳрами беруну дарун аз ту чӣ пинҳон?
Хунро ҳама доранд ниҳон ман зи ту дорам,
Ин домани олуда ба хун, аз ту чӣ пинҳон?
Эй ҳамнафаси ман, ба ҳама кор чу корам,
Бо як нафас уфтод кунун, аз ту чӣ пинҳон?
Он қоидаи ақли Ҳасан ҷумла фурӯ шуд,
Овоза баромад ба ҷунун, аз ту чӣ пинҳон?

Хун шуд дили девонаам, зулфат ба бозӣ ҳамчунон,
Охир расид афсонаам, шабро дарозӣ ҳамчунон.
Аз ҷаври чашми кофират гаштам чу хоке бар дарат,
В-он хоки ҳинду пайкарат дар туркгозӣ хамчунон.
Гарчи зи нози бе адад кардӣ суҷуди банда рад,
Ман мекунам аз ашки х(в)ад рухро намозӣ ҳамчунон.
Ту ҳар шабе дар хоби хуш, дур аз ту ман андӯҳкаш,
Ман дар фироқат шамъваш дар ҷонгудозӣ ҳамчунон,
Ғам бо Ҳасан дамсоз шуд, ошӯби шаб оғоз шуд,
Дарҳои раҳмат боз шуд в-он ишқбозӣ ҳамчунон.

Бо ман намесозӣ даме, эй ёди ту дамсози ман,
Имшаб, ки ҳамрози туам, чун субҳ бикшо рози ман,
Гаҳ-гаҳ саре мебохтам дар кӯи ту метохтам,
Бо нола хуш месохтам, барҳам шикастӣ сози ман.
З-абрӯ камоне сохтӣ, бар мо хаданг андохтӣ,
Аз хеш дурам сохтӣ, эй турки дурандози ман.
Дар сина дорам таб зи ту халқе пур аз, ё раб, зи ту,
Эй мурданам имшаб зи ту, ёд оядат фардо зи ман.
Гуфтӣ Ҳасан аз тусту бас, ҳаргиз нагуфтӣ як нафас,
К-инак гирифтори қафас мурғи суханпардози ман.

Бутон султони мулки ҳусну мо дар силки дарвешон,
Дило доман фарӯҳам кун, куҷо мову куҷо эшон.
Шавам аз кунҷи дарвеши паи наззорашон берун,
Магар берун зи наззора наёяд қисми дарвешон.
Надонам то чӣ хоҳад он дилороми ҷигархора,
Аз ин муште ҷигарполудагоне чанд дилрешон.
Даромад ишқу ақлам бурду н-овардаш пушаймонӣ,
Пушаймонӣ кай ояд гургро аз ғорати мешон.
Касе, к-он турки таркашбандро дил дод наидешид,
К-аш аз бадмазҳабон гиранд ё аз кеши бадкешон.
Агар ту бо ғами Лайло ба рағбат хешие дорӣ,
Чу Маҷнун фард бояд шуд ҳам аз хешу ҳам аз хешон.
Ҳасан дар пои хубон сар фидо кардӣ ҳамин бошад,
Накӯ андешае кардӣ алайрағми[1] бандешон.

[1] *Алайрағм* — бархилоф, баръакс.

Эй орзӯи умедворон,
В-эй марҳами дарди дилфигорон.
Аз душманӣ он чӣ буд кардӣ,
Эй дӯст, чунин кунанд ёрон?!
То сояи зулфро гузидам,
Девона шудам чу соядорон.
Инҳо, ки ту мекунӣ бар ин дил,
Аз дил наравад ба рӯзгорон.
То кай гузарӣ, Ҳасан, бар он дар,
Чун бар сари кишти хушк борон.

Маҳи ид асту фасли гул, қадаҳ аз бода хандон кун,
Рухи чун моҳи худ бинмову иди мо дучандон кун.
Ба рӯят ишқ аз он бозам, ки дар кӯят сар андозам,
Ман аз ту ид месозам, ту аз ман банда қурбон кун.
Баҳори оламафрӯзӣ, яке хайма ба саҳро зан,
Сафори лашкаророй, яке рух сӯи майдон кун.
Сарат гардам, ба рӯзи ид расми гӯй мебошад,
Сари худ гӯй кардам ман, ту зулфи хеш чавгон кун.
Биҷунбон лаъли майгуну хирадро ҳуш як сӯ неҳ,
Биғалтон чашми мастона, фалакро дида ҳайрон кун.
Вафо хуб ояд аз хубон, агар он оядат ин беҳ,
Ба бедоди ту ҳам шодам, агар ин боядат он кун.
Агар фармоядат дилбар, ки чун дил дар миён неҳ ҷон,
Ҳасан ту банда фармонӣ, камар барбанду фармон кун.

Соқӣ, сӯи мо яке гузар кун,
Ҷонро зи ҳаёти нав хабар кун.
Ҳалқам ки зи таффу тоб хушк аст,
Як ҷуръаи май бирезу тар кун.
Аз қулқули шиша ғулғул ангез
В-ин бахти маро зи хоб бар кун.
Ман худ зи ғами бутон харобам,
Ҷоме бидеҳу харобтар кун.
Чун медиҳиям маи ҷигаргун,
Нуқлам ки кунӣ ҳам аз ҷигар кун.
Эй чашму чароғи нозанинон,
Як раҳ ба ниёзи мо назар кун.
Аз бӯсаи лаб маро сафо бахш
В-аз хандаи шаб маро саҳар кун.
Ишқ омаду сайд кард дилро,
Эй ақл, ту фикри худ дигар кун.
Бо панҷаи ишқ зӯр натвон,
То битвонӣ, Ҳасан, ҳазар кун.

Кунун ки боғ зи гул тоза шуд, гул аз борон,
Ҳавои бода биҷунбид дар сари ёрон.
Таровати лаби маъшуқ барги ғунча бисохт,
Насими турраи ӯ рӯзгори атторон.
Чи гӯям он рухи х(в)айкардаро ба ном-эзад,
Гули анор бар ӯ чида қатраи борон.
Чу дурам аз шакари ӯ ба рӯза маҳғулам,
В-агар на шеваи ман нест кори бекорон.
Куҷой, эй ки дари зоҳидон ҳамепурсӣ,
Биёву оштие деҳ маро ба хумморон.
Туй чу сарв зи осеби фитнаҳо озод,
Ба марҳамат назаре кун бар ин гирифторон.
Ҳасан зи тоқи ду абрӯт қибла месозад,
Магар қабул бувад тоати гунаҳгорон.

Эй ҳама шодии дилат, аз ғаму аз бало̀и ман,
Ғарқи балои ишқи туст ин дили мубталои ман.
Бар дили ман чу шаҳна шуд ишқи дароздасти ту,
Хайма бурун зад аз ҷаҳон сабри гурезпои ман.
Оҳ, ки бар умеди ту умр гузашту ҳамчунон,
Монд ба пардаи адам ҳоҷати норавои ман.
Қиссаи меҳнати маро шарҳу баён чӣ ҳоҷат аст,
Ашки равони ман нигар сурати моҷарои ман.
Қиблаи ҷони ман туӣ, Каъба чӣ кор оядам,
Ҳалқаи гесӯи ту бас силсилаи дуои ман.
Лофи вафои ту занам бас қадами сагонтро,
Хок чаро намешавам, хок бар-ин вафои ман.
Нест хато, ки чун Ҳасан бӯса задам дари туро,
Пеши камоли афви ту саҳл бувад хатои ман.

Ало, эй мӯниси ҷони ғарибон,
Зи дарди ишқи ту оҷиз табибон.
Рақибон гирди ту ҳар як балое,
Балоҳо бод бар ҷони рақибон.
Чу роҳатҳо насибат омад имрӯз,
Яке барпурс ҳоли бенасибон.
Халосӣ бахш дилҳоро аз он зулф,
Ки шаб душвор бошад бар ғарибон.
Ҳасанро бас хуш афтодаст бо ту,
Чӣ хуш бошанд бо гул андалебон.

Кори ошиқ нест бе маъшуқ чандин зистан,
Бе лаби қонпарвари ту мурдан аст ин зистан.
Гуфтиям дар ошиқӣ дарбоз дину дил, бале
Ҷуз дар ин мазҳаб нашояд бе дилу дин зистан.
Ваҳ чи ширин ояд аз Фарҳод қон додан ба ишқ,
То қиёмат баъд аз он бар номи Ширин зистан.
Ман ба рӯи ту ҳамебинам ҷаҳон, аз ман марав,
Ҳ-онки завқе нест бе чашми ҷаҳонбин зистан.
Ҳар замон аз шарм мемирам чӣ гӯям, худ бигӯ,
То чӣ бешармист ин бе ёр чандин зистан.
Гар биёй май хӯру ҳеҷ аз ғами мо ғам махӯр,
Ошиқонро одат аст, эй дӯст, ғамгин зистан.
Марги мискинвор деҳ, ё раб, Ҳасанро пеши дӯст,
Чун каромат кардияш пайваста мискин зистан.

Соқиё, ҷоми май овар пеши ман,
Дур кун ин ақли дурандеши ман,
Ман напайвандам ба хешон баъд аз ин,
Ишқ пайванди ман асту хеши ман.
Сурае хоҳам, ки хонам дар намоз,
Суратат нохонда ояд пеши ман.
Эй мусулмонон маро қурбон ниҳод,
Захми тири турки кофаркеши ман.
Майли ӯ бар молу бар ақл асту дин,
Чун шавад ҳоли дили дарвеши ман.
То лабаш ҳар бор мерезад намак,
Кай фароҳам хоҳад омад реши ман.
Носеҳо чун нест пандат судманд,
Чанд мерезй намак бар реши ман.
Эй Ҳасан, чашмаш ишорат мекунад,
Нӯш мехоҳй, манол аз неши ман.

Бӯи дили ман ё ки насими суман аст ин?
Ё ҷунбиши он сарви суманбӯи ман аст ин?
Сарвест, ки чун дар дили ошиқ бихиромад,
Ман ҳеҷ надонам, ки кадомин чаман аст ин?
Чашми ҳама пурнур шуд аз гарди қабоят,
Эй мудаиён қиссаи он пираҳан аст ин.
З-ин пеш ба як ғамза бикуштаст ҷаҳоне,
Эй дил, сипар афкан, ки ҳамон теғзан аст ин.
Эй ишқ чӣ лашкар кашӣ аз тавбаву тақво,
Бигрез аз он турк, ки лашкаршикан аст ин.
Дӣ як ғазали дардфизо дар назараш буд,
Мегуфт ба ёрон, ки тариқи Ҳасан аст ин.
Чонро чу шакар дар ғами Ширин натавон дод,
Фарҳод бидонад, ки чӣ ширин сухан аст ин?

Ҷоно, дилам хароб ниҳодӣ, чӣ бошад ин?
Аз хатти аҳд дур фитодӣ, чӣ бошад ин?
Рӯзе ҳазор бор дил аз дасти ишқи ту,
Фарьёд карду дод надодӣ, чӣ бошад ин?
Гуфтам, ки дил мабанд ба бадгуфти душманон,
Дил бастиву забон накушодӣ, чӣ бошад ин?
Шаҳре зи панди ман ба салоҳ омаданд боз,
Ту ҳам ба-д он тариқ фитоди, чӣ бошад ин?
Ҳар лаҳза синаи Ҳасан аз новаки мижа,
Хастиву марҳаме наниҳодӣ, чӣ бошад ин?

Эй муддаии камдон, охир чӣ калом аст ин?
Лоф аз дами хосон зан ташнеи[1] авом аст ин.
Бисьёр бадам гуфтӣ, бисьёр набояд гуфт,
Ту нек наандешӣ, дашноми тамом аст ин.
Ман бар қаддами фақрам, сармояи фахр аст ин,
Ту дар талаби симӣ, андешаи хом аст ин.
Чун даври ман аст инак, резам ҳама маъниҳо,
Бистон қадаҳу даркаш ё бар ту ҳаром аст ин?
Бар авҷи сурайё бин такьягаҳи дарвешон,
Эй таҳти саро[2] рафта, бингар чӣ мақом аст ин?
Пур шуд зи гули назмам ҳам машриқу ҳам мағриб,
Ту бӯй намеёбӣ охир чӣ зуком аст ин?
Номам, ки Ҳасан хонанд, аз олами ғайб омад,
Ҳам номваре чун ман донад, ки чӣ ном аст ин?

---

[1] *Ташнеъ* — таҳқир, тӯҳмат.
[2] *Саро* — зери замин.

Хилъати наврӯз бин рост ба болои сарв,
Рехтанӣ симу зар рехта дар пои сарв.
Шӯр фиканда ба мурғ хандаи ширини гул,
Сабр рабуда зи бод қомати зебои сарв.
Сарвқадон ҷо ба ҷо дидани сарв омада,
Карда зи гул хирмане рост ба болои сарв.
Наргиси сармасти ту, то ки даромад зи хоб,
Дида накардаст боз ҷуз ба тамошои сарв.
Абр мизаллакунон[1] бар сари боғ омада,
То ки набинад фалак сояи болои сарв.
Як гирехе баркушо аз сари зулфи дуто,
Кори Ҳасан рост кун, чун қади яктои сарв.

---

[1] *Мизалла* — чатр, соя.

Имрӯз мову боғу гулистони рӯи ту,
Наврӯзи мо бас аст гулафшони рӯи ту.
Дӣ чун ба боғ рафтам наргис ситода буд,
Чашме кушода дошта ҳайрон ба рӯи ту.
Парвоз кай кунад ба ҳавои биҳишт беш
Мурғе, ки хӯ гирифт ба бӯстони рӯи ту.
Хуршедро, ки шамъи фалак шуд хитоби ӯ,
Парвонае шумор зи девони рӯи ту.
Халқе зи зулфи кофират ар гум кунанд роҳ,
Мо пок мазҳабему мусулмони рӯи ту.
Рӯ тоза дор, эй гули дилҳо, ки ҳамчу мурғ,
Моем чанд рӯзе меҳмони рӯи ту.
Ҷоно, навои хуш зи Ҳасан хоҳ, з-онки ӯ
Хуш булбулест бар гули хандони рӯи ту.

Дил бад-ӯ додем чун дилҷӯст ӯ,
Ҳамнишину ҳамнафас ҳам дӯст ӯ.
Чун сабо бар ҳар ки рӯзе бигзарад,
Менагунҷад ҳамчу гул дар пӯст ӯ.
Дил зи зулфи ӯ шикоят мекунад,
Мӯътабар набвад парешонгӯст ӯ.
Ҳарки хоҳад ёри некӯрӯй агар,
Оламе бад гӯядаш, некӯст ӯ.
Ҳар касеро ҳаст дар олам касе,
Мар Ҳасанро ҳарду олам ӯст ӯ.

Мард най то ҳама дилхун най,
Лофи муҳаббат чӣ занӣ чун най.
Бо ту чӣ зоеъ кунам афсуни ишқ,
Сангдилӣ, қобили афсун най.
Таъна мазан нуқтаи тақлидро,
Чун ту аз ин доира берун най.
Муддаие гуфт ба Лайлӣ ба танз[1],
Рав, ки чунон чобуку мавзун най.
Лайлӣ аз ин ҳол бихандиду гуфт:
«Бо ту чӣ гӯям, ки ту Маҷнун най».
Эй Ҳасан, аҳволи ту дигар шудаст,
Ӯ-ончӣ, ки аввал будӣ, акнун най.

I

[1] *Танз* — таъна, таҳқир, тамасхур.

Биё, азизи ман, аз шиша бода берун деҳ,
Маро зи доираи ҷамъ як хат афзун деҳ.
Кабоб шуд ҷигарам бе маи ҷигаргуна,
Маро ҷигар мадеҳ, он бодаи ҷигаргун деҳ.
Аз он ҷулоби[1] хурофотшӯй як ҷуръа,
Биёру сабҳаву саҷҷодаро ба Ҷайҳун деҳ.
Инояте бикун, эй мири корвон, як рӯз,
Маҳори уштури Лайлӣ ба дасти Маҷнун деҳ.
Ҳасан, латоифи ғайбӣ ниҳон нашояд дошт,
Ҷавоҳире, ки даруни дил аст, берун деҳ.

[1] *Ҷулоб* — гулоб, дар ин ҷо киноя аз май.

Ҷигарам бе ту кабоб аст, ту ҳам медонӣ,
Дили девона хароб аст, ту ҳам медонӣ.
Дӯстӣ нест, ки дар боғ нишинам бе ту,
Боғ бедӯст азоб аст, ту ҳам медонӣ.
Ба умеди ту кунам сабр, валекин чӣ кунам,
Умр дар айни шитоб аст, ту ҳам медонӣ.
Ҳам аз он ташнанавозӣ, ки лабат кард шабе,
Ҷони ман дар шакароб аст, ту ҳам медонӣ.
Аз Ҳасан ин чӣ савол аст, ки маъшуқи ту кист?
Ин суханро чӣ ҷавоб, аст ту ҳам медонӣ.

Як замон гулгашт агар дар ҷониби саҳро кунӣ,
Сад ҳазорон зоҳидонро бедилу шайдо кунӣ.
Шаҳре андар ишқи худ эй шӯх расво кардаӣ,
Бас кун охир чанд касро ҳамчу ман расво кунӣ.
То ту дар олам ба ҳусни хеш Лайлӣ гаштаӣ,
Чанд чун Маҷнун маро саргаштаи ҳар ҷо кунӣ.
Хок гаштам бар сари ҳар кӯ фитодам баҳри он-к,
Бӯ[1], ки як дам ин тани моро ба хоки по кунӣ.
Фитнаи рӯи туам эй фитнаангези ҷаҳон,
Ваҳ, ки то кай халқро бедину дил чун мо кунӣ.
Муддаӣ, бигзар зи дарди ишқи ӯ, пандам мадеҳ
Ё ҳамехоҳӣ, ки боз аз сар маро шайдо кунӣ.
Чун кунам васфи ҷамоли ту маро гӯяд рақиб,
Эй Ҳасан, то кай ҳадиси он рухи зебо кунӣ.

[1] *Бӯ* — бошад, шояд.

Маро ба рӯзи ғам имрӯз ёр боистӣ,
Сад андӯҳ аст, як андӯҳгузор боистӣ.
Гузор бар сари гӯрам зи орзӯи фалон,
Як орзӯи фалон дар канор боистӣ.
Маро худ оҳи даруна бибурд аз сари вақт,
Дар ин чунин сари вақт оҳи ёр боистӣ.
Табиб чунки маро шарбате диҳад гӯям,
Ки чошнӣ зи лаби он нигор боистӣ.
Манам ғариб зи шаҳру туӣ ғариб зи ман,
Ҳавои ғурбати мо созгор боистӣ.
Ман аз ғами дилу дил аз ҳавои ёр бисӯхт.
Аҷаб аз ин ду якеро қарор боистӣ.
Ҳасан ту дар сафи ишқ устувор кардӣ пой,
Валек пояи умр устувор боистӣ.

Бӯсе бидеҳ, аз шакар чӣ пурсӣ?
Рӯ боз кун, аз қамар чӣ пурсӣ?
Бардор ниқоб аз рухи хуб,
Авсофи биҳишт бар чӣ пурсӣ?
Гуфтӣ, ки чӣ ҳол шуд дилатро,
Дилсӯхта шуд, дигар чӣ пурсӣ?
Сӯзи дили хеш бо ту гуфтам,
Бирьён шударо ҷигар чӣ пурсӣ?
Лахте суханони бандаро бош,
Чандин зи дуру гуҳар чӣ пурсӣ?
Ҷоно, хабари Ҳасан зи ман пурс,
Аз қосиди бехабар чӣ пурсӣ?

Диламро дар ҳавои хеш бастӣ,
Маро бе дил раҳо кардиву ҷастӣ.
Ки мегӯяд, ки рафтӣ аз барам дур,
Зи дида хостӣ, дар дил нишастӣ.
Маро гуфтӣ дили ту нашканам беш,
Агарчи аҳд кардӣ ҳам шикастӣ.
Лаби ширини ту то ҳаст майгун,
Маро аз сар нахоҳад рафт мастӣ.
Биҳил[1] мастона дар поят шавам паст,
Масал нашнидай мастиву пастӣ.
Ба кӯят омада дар хур[2] чӣ бинам,
Даруни Каъба натвон бутпарастӣ.
Ҳасан чун аз ду олам дар ту овехт,
Бар он бехонумон дар аз чӣ бастӣ?

[1] *Биҳил* — бигзор.
[2] *Хур* — офтоб.

Эй ду ҷаҳон фидои ту, ту зи ҷаҳони дигарӣ,
Боғу баҳори ҳуснро сарви равони дигарӣ.
Гирд ба гирди шаҳри мо ҳаст ҳазор гулситон,
Ту бари хони лолагун лоласитони дигарӣ.
Ақл сипар наяфканад пеши хаданги ишқи ту,
З-он ки ту дар сафи бутон сахткамони дигарӣ.
Ҳофати марг ҳеҷ тан ҷон набарад, магар ки ман,
Ман ба ту зинда мондаам, з-он ки ту ҷони дигарӣ.
Эй зи ҷаҳониён туро мисл наёфта, Ҳасан,
Гирди сарат ҳама ҷаҳон, ту зи ҷаҳони дигарӣ.

Эй сарви равони ҷӯйборӣ,
Мо бе ту чу булбулон ба зорӣ.
Рӯзе нанавохт рӯзгорам,
Ту ҳам ба мизоҷи рӯзгорӣ.
Сурма кунам устухони худро,
Бо он, ки ба чашм дарнаёрӣ.
Мо душмани ақлу ҷони хешем,
Эй дӯст биё, ки то чӣ дорӣ.
Корам ба тамом кард абтар,
Беҳ з-ин набувад тамомкорӣ.
Бастаст Ҳасан ба зулфи ӯ дил,
Ҳайф аст гараш фурӯ гузорӣ.

Ваъдаҳо мекуниву мегузарӣ,
Шодмонии мо наменигарӣ.
Ҳар саҳар як-ду гом пештар аст,
Оҳи ман аз ситораи саҳарӣ.
Нашуд аз ман хаёли зулфу рухат,
Ман чӣ донам фусуни деву парӣ.
Кас ба ҳусни ту нест дар олам,
Худ ту аз ҳусн оламе дигарӣ.
Эй ба вақти тулӯъ — бадри мунир,
В-эй ба гоҳи хиром — кабки дарӣ.
На саломе зи ту на дашноме,
Нек бегонавор мегузарӣ.
Ман ҳама умри худ надонистам,
Ки ҳама умр номи ман набарӣ.
Ҳам ба ҷони азиз ҷот кунам,
Ки ҳанӯзам зи ҷон азизтарӣ.
Ҳасан аз ишқ масту бехабар аст,
Ту аз он масти хеш бехабарӣ.

Эй ба шӯхӣ ниҳода буньёде,
Аз ғарибон намекунӣ ёде.
Дил гирифтори ғамзаи ту бимонд,
Бегуноҳе асири ҷаллоде.
Чашми ту ҷонситону лаб — ҷонбахш,
Ҳар яке дар фани худ устоде.
Дод ҷустам зи гесӯи ту, битофт [1],
Тофтан [2] чист, гар намедодӣ.
К-ӯ насими сабо, ки аз зулфат,
Ҳар куҷо мушкил аст, бикшодӣ.
Зулфи ту тавбаи маро монад,
Ки ҳамебишканад ба ҳар боде.
Эй, ки то даври олам аст назод,
Аз ту зеботар одамизоде.
Дили вайрони ман ба давлати ишқ,
Ҳаст имрӯз меҳнатободе.
Беҳ, ки дар поят уфтам чу Ҳасан,
Нест моро ҷуз ин беҳ афтоде.

[1], [2] *Тофтан*,— дарҳам шудан — рӯ гардондан.

Аллаҳ-аллаҳ ин туӣ, ё раб, ки меҳмони манӣ,
Дӯш дар дил будаӣ, имрӯз дар ҷони манӣ.
Сар ба савдои ту дарбозам, ки сарбози туам,
Ҷон ба зери пият афшонам, ки ҷонони манӣ.
Мурғи субҳ аз бӯстону боғ ёдам медиҳад,
Ман аз он мурғони ту, ту боғу бӯстони манӣ.
Хусрави Парвез агар Ширину Шакар ҳарду дошт,
Ту бад-ин лабҳои ширин шакаристони манӣ.
Эй, ки умре ташна будам шаккари васли туро,
Қатрае дар кори ман кун, к-оби ҳайвони манӣ.
Гар Ҳасан сад бор мегӯяд, ки ман з-они туам,
Кай чунон бошад, ки як раҳ гӯияш они манӣ.

Маро тоқат намемонад ба рафторе, ки меой,
Шудам девонаи рӯят наметарсам зи расвой.
Туй равшан дар ин олам маҳи мискин ба гирди ту,
Чу парвона ҳамесӯзам магар ту шамъи дилҳой.
Агар рӯзе бурун ой тамошоро ба гулзоре,
Ба ҳар сӯ сарв меғалтад бад-ин хубиву раъной.
Назар бар рӯи ту кардам ба як дидан рабудй дил,
Чу дил рафтаст метарсам, ки ҷонам низ бирбой.
Ҳасан чун рӯи ту бинад занад наъра, чунин гӯяд:
«Маро тоқат намемонад ба рафторе, ки меой».

Назар бар ҳеч ғамхоре надорӣ,
В-агар дорӣ ба ман боре надорӣ.
Табиби ошиқонат ном карданд,
Вале тимори беморе надорӣ.
Ба бисмил карданам ҳар дам кашӣ тег,
Магар ҷуз ман гирифторе надорӣ?
Агарчи сӯхтӣ ҷону дили ман,
Зи ман дилсӯзтар ёре надорӣ.
Биравэй ақл, мо донему ишқаш,
Ту бо ин корҳо коре надорӣ.
Биравэй муддай, умрат ҳаром аст,
Ки дил дориву дилдоре надорӣ.
Дукони лоф макшой эй Ҳасан боз,
Ки чандон рӯзи бозоре надорӣ.

Гул хайма ба саҳро зад ҳон, гар ҳавасе дорӣ,
Пое ба гулистон неҳ, гар дастрасе дорӣ.
Эй сарв ба ту шодам қаддат ба фалон монад,
Эй гул зи ту хушнудам ту бӯи касе дорӣ.
Ё раб, ба дуои мо бикшой даре имшаб,
Эй субҳ ту ёрӣ кун гар хушнафасе дорӣ.
Ҷоно ҳама хубонро бошад ҳаваси куштан,
Ман куштаи ин корам хез ар ҳавасе дорӣ.
Гуфтӣ бирасад тирам рӯзе ба дили ёрон,
То кай расад ин давлат ту ёри басе дорӣ.
Дур аз ту ҳаменолам дар кулбаи танги худ,
Чун фохта к-аш танҳо андар қафасе дорӣ.
Гар бо ту Ҳасан вақте сӯҳбат талабад машнав,
Ҳайф аст, ки гавҳарро дар силки хасе дорӣ.

Рафтиву расми вафо бардоштӣ,
Хашмро ҳаддест охир оштӣ.
Доштӣ дар дил, ки беҷонам кунӣ,
Кардӣ, эй ҷон, он чӣ дар дил доштӣ.
Хашмро дар сар макун чун хуб нест,
Оштӣ кун, оштӣ кун, оштӣ.
Гуфтӣ аз ту нагзарам, нагзорамат,
Оқибат бигзаштиву бигзоштӣ.
Рӯзи умрат бар сар омад, ҳуш дор,
То ба кай дар банди шому чоштӣ.
Эй, Ҳасан, ошиқ шудӣ роҳат маҷӯ,
Гандумат надҳанд чун ҷав коштӣ.

Мукаттаот



Хусрав аз роҳи карам бипзирад,
Он чӣ ман банда Ҳасан мегӯям.
Суханам чун сухани Хусрав нест,
Сухан ин аст, ки ман мегӯям.

* * *

Фасли наврӯзу мавсими бода(а)ст,
Хоса рӯзе, ки бодҳо бошад.
Шишае пеши хокиён бошад,
Ки дар он шиша бодҳо[1] бошад.
Зиндагӣ чист — дил ба маӣ додан,
Мард бояд, ки бо даҳо[2] бошад.
Бод ҷонпарвар аст, лек он бод,
К-аз паи дол[3] бодҳо[4] бошад.
Ақл к-аз бода меравад, гӯ рав,
Аз манаш хайрбодҳо бошад.

---

[1] *Бодҳо* — мухаффафи бодаҳо.
[2] *Даҳо* — зирак, бофаросат, бориксанҷ.
[3] *Дол* — номи оше.
[4] *Бодҳо* — боди мухолиф.

* * *

Хоҷа бархез як дам аз сари ҷоҳ,
Кас чунин пойбанди ҷоҳ намонд.
Як сари мӯ дилат сафед нашуд,
Ҳеч мӯ бар сарат сиёҳ намонд.
Чун ҳавосил намонд аз чапу рост,
Ҳеч зоғе ба домгоҳ намонд.
Гоҳ-гоҳе бад-он хатоҳоят,
Дами сарде чу дуди оҳ намонд.
Эй Ҳасан тавба он замон кардӣ,
Ки туро қуввати гуноҳ намонд.

* * *

Ҳар ки туро нек гуфт нимдирам санг,
Беҳ, ки мукофоти ӯ кунӣ, ту ба манҳо.
Халқ чу ҷоми салом пеши ту оранд,
Ту қадаҳе беш бар аҳсануминҳо [1].

* * *

Маро якборагӣ ишқ аст бар май,
Вале ранҷур мегардам зи хӯрдан.
В-агар май менанӯшам то бимирам,
Мараз беҳтар бувад охир зи мурдан.

* * *

Гар маро бар сунъ [2] будӣ дастрас,
Нимае бар ҳусни ӯ афзудаме,
В-ар расидӣ даст бори дигарам,
Он чӣ афзудам аз ӯ бирбудаме.

[1] *Аҳсануминҳо* — беҳтар аз он.
[2] *Сунъ* — офаридан.

Рубоёт



Афсун хондам бар он санам боз[1] нахонд,
Аз лавҳи вафош як рақам боз[2] нахонд.
Бар сафҳаи рух зи хуни дил қиссаи хеш,
Бинвиштаму пеш бурдаму боз[3] нахонд.

Ҷоно, чу дилат нарм нагардад донам,
Илло ба нами ду дидаи гирьёнам,
Гуфтӣ, ки чунин сел марон аз дида,
Дар кӯи ту то ҳамеравад меронам.

Ҳар дам зи ту ашки ман дигаргун ояд,
Гоҳе ҳама обу гаҳ ҳама хун ояд.
Дар шеваи ишқи ту ҳамеғалтад ҷон,
Бинем, ки то чӣ гуна берун ояд.

Дар аҳди ту, эй дӯст, вафое набувад,
В-андар дили ту ғайри ҷафое набувад.
Бар чеҳраи гулранг чӣ мерезӣ ашк?
Борони баҳорро бақое набувад.

---

[1] *Боз* — такрор.
[2] *Боз* — кушода, ошкор.
[3] *Боз* — бори дигар, аз сари нав.

Дорам дилу дину сар, чӣ пеши ту кашам?
Лоиқ чӣ бувад нигар, чӣ пеши ту кашам?
Гар ҷон бидиҳам туро, чӣ хидмат бошад,
Бахшидаи туст, ҳарчӣ пеши ту кашам.

Ҷоно, ба карам як назаре бар ҷонам,
К-аз толеи худ чу чарх саргардонам.
Ман ҳеҷ надонам ба ҷуз аз ғам хӯрдан,
Як бор бигӯ, ки ғам махӯр ман донам.

Дил ёфт насими ҷонфазо дар шабгир,
яъне бӯят.
Кардаст ба рафтани гулистон тадбир,
яъне кӯят.
Чун кард маро баҳоргаҳ девона,
яъне рӯят,
Девонаи хешро бифармо занҷир,
яъне мӯят.

Бар абр фиреҳ[1] меравад ин нам, ки марост,
Дар субҳ асар мекунад ин дам, ки марост.
Гӯянд маро, ки сабр кун дар ғами ӯ,
Андозаи сабр нест ин ғам, ки марост.

Чарх аз дили ман тамом бирбуд нишот,
Умрест, ки беш рӯй нанмуд нишот.
Бо ғусса насозам, чӣ кунам, пиндорам,
Як ходимаи гурезпо буд нишот.

Лаълест бех аз ҳазор фирӯза туро,
Хоҳем ба сад ҳазор дарьюза туро.
Гуфтӣ маҳи рӯза аст, аз инҳо кам гӯй,
Як бӯса бидеҳ, савоби сирӯза туро.

---

[1] *Фиреҳ* — фаровон, бисьёр.

Дузд омаду гирди хонаам ҷавлон кард,
Наззораи ифлоси манаш ҳайрон кард.
Як донаи ҷав наёфт, як ҷомаи нав,
Шармандаи ӯ ҳам шудаам, чӣ т(а)вон кард?

Гул омаду бӯи ӯ надорад, чӣ кунам?
Чун об зи ҷӯи ӯ надорад, чӣ кунам?
Дӣ дафтари гул варақ-варақ медидам,
Як нусха зи рӯи ӯ надорад, чӣ кунам?

Гар май диҳӣ аз ду наргиси мастам деҳ,
В-ар мушк аз он ду зулфи пуршастам деҳ.
Зулфи ту, ки номаи маро мемонад,
Ин кори қиёмат аст, дар дастам деҳ.

Аз гунбади кӯҳна нав ба нав ғам дидам,
Ёре, ки ба ғам ёр бувад кам дидам.
Якчанд задем даст дар домани сабр,
Эй сабри гурезпо, туро ҳам дидам.

Чанд аз маи ғам маст нишинам бехуд,
Ман бедилу ин дили ҳазинам бехуд.
Ман бе ту ҳазор бор дидам худро,
Кай бошад, ки туро бубинам бехуд?

Ҷоно, ситами ту бар кеҳу меҳ[1] бигузашт,
Дастони ҷафои ту аз ин деҳ бигузашт.
Гуфтӣ шанбе биёям, охир шарме,
Аз ваъдаи ту чаҳор шанбеҳ бигузашт.

Зулфи ту, ки кори банда накӯшояд аз ӯ,
Чун дидаву дил маро ҳамебояд аз ӯ.

---

[1] *Кеҳу меҳ* — хурду калон.

Ҷон медиҳамат ҳам ба баҳои аввал,
Бифрӯш, ки бӯи мушк меояд аз ӯ.

Эй гулрухи бахтам чу гуле хост бигӯ,
Эй абр ту ҳам бекаму бекост бигӯ,
Монанди қадаш ту ҳеҷ сарве дидӣ,
Бар шох биё, каҷ бинишин, рост бигӯ.

Ҷоно гул агар чи рояти ҳусн афрошт,
Пиндори[2] варо чу бод бояд пиндошт.
Гӯяд, ки қабои лутф дорам чу ту чуст,
Гӯяд, лекин дуруст натвонад дошт.

Ошиқ чу шунидаст, ки рондӣ ба шитоб,
То субҳ ҳамерехт зи дида маи ноб.
Аз пардаи чашми хеш баҳри сафарат,
Медӯхт ба сӯзани мижа ҷомаи хоб.

Эй ёр, биё ба ёр пайванд охир,
Бо ёр маро ба ёри худ банд охир.
Гар давлати он нест, ки пешат мирам,
Ин меҳнати бе ту зистан чанд охир?!

Мо ояти ҳиҷрони туро бархондем,
Ҷону дили хештан ба кӯят мондем.
Эй он, ки дилат ба коми хешат имрӯз,
Ту коми дили хеш бирон, мо рондем.

Даъвӣ чӣ кунӣ ба ҳусни чандон, эй боғ,
Он акси рухи гули маро дон, эй боғ.
Ту беш аз ӯ най пас ин гулҳоро,
Бефоида бар хеш махандон, эй боғ.

---

[2] *Пиндор* — кибр, ғурур.

Достони „Ишқнома”

(ба тариқи интихоб)



Оғози қисса

Шунидам волие дар аҳди шоҳе,
Иморат кард дар Ногур[1] чоҳе.
Фалак бо сахтбуньёдии ӯ суст,
Такаллуфҳо ҳама мавзуни ӯ ҷуст.
Саводаш чун хати маъшуқи дилкаш,
Дар ӯ обе чу ашки ошиқонваш.
Занони симсимои сумансоқ,
На чун маҳ, бал чу хуршед аз бутон тоқ.
Ҳамасола бар он чоҳ омадандӣ,
Хирад ошӯби дилхоҳ омадандӣ.
Чу об аз чоҳ берун баркашиданд,
Чу сарве сӯи хона мечамиданд.
Ҷавоне, к-он гурӯҳи обкаш дид,
Ду чашм аз об рафтан чашмаваш дид.
Расидандӣ ғарибони ҳаваснок,
Ниҳода чашм бар сарчашмаи хок.
Бутон як-як чу Юсуф бар сари чоҳ,
Зада чандин дили Яъқубро роҳ.

---

[1] *Ногур* — номи шаҳрест дар Ҳиндустон.

Фалак он чоҳу он Юсуф чу дидӣ,
Ба далви[1] хур[2] расанҳо даркашидӣ.
Гирифта далвро сайёра дар чанг,
Ба ҷустуҷӯи Юсуф карда оҳанг.
Ҳасан афсонаро бош, ин чӣ роз аст,
Надонӣ қиссаи Юсуф дароз аст.

Ошиқ шудани ҷавоне бар яке аз хубон

Ҳамоно навхате буд аз дабирон,
Ҷавоне зиндадил мақбули пирон...
Ситода дид ҷодудухтаре чуст,
Ки аз вай хуну аз вай об меҷуст.
Бути ҳинду насаб чун турки хунрез,
Ба лаб-шаккар, ба ғамза — шӯришангез.
Ба як ришта, ки андар чаҳ фурӯ кард,
Таноби ошиқӣ дар ҳалқи ӯ кард.
Ва як далве ки бурд аз чоҳ берун,
Кашид аз ҷӯи чашмаш далвҳо хун.
Ҷавон оҳе бароварда аз дили танг,
Чунон к-оташ бурун зад аз дили санг.
Нигори сангдил дар тангдил дид,
Яке саргаштаеро по ба гил дид.
Ғарибе дид гашта шаҳрбанде,
Зи зулфи худ гирифтори каманде.
Ба худ наздик шуд ҳар сӯ назар кард,
Ҳаросе дар дили покаш гузар кард.
Хатарҳои маломатро хабар дошт,
Ба зудӣ з-он хатаргаҳ гом[3] бардошт.

---

[1] *Далв* — сатил: номи бурҷест, ки саҳтӣ ва гарони офтоб дар он бошад.
[2] *Хур* — мухаффафи хуршед, офтоб.
[3] *Гом* — қадам.

Бимонд он захмхӯрда бар сари чоҳ,
Чу моҳӣ метапид аз рафтани моҳ.
Ҳама рӯз аз ғами он моҳ то шаб,
Зи дида бар замин мерехт кавкаб.
Чу шаб шуд бо ситора роз мегуфт,
Ғами маҳ бо ситора боз мегуфт.
Чу роёти саҳаргаҳ сар баровард,
Ҳабашро шоҳи Чин аз по даровард.
Расид он шамси хубони Хутан боз,
Ҳабаш дар чини зулфи ӯ фитанбоз.
Ҷавоне бедил аз дидори он ҳур,
Дигар раҳ зинда шуд чун шамъ аз нур.
Дар ӯ дида ба саҷда сар фурӯ кард,
Намози ошиқон он буд, к-ӯ кард.
Дар он саҷда дуое хонд бар дӯст,
Дуо дар саҷдагаҳ хондан чӣ некӯст.
Пас он гаҳ барзад аз сина хурӯше,
Ки эй дар ҷони ман афганда ҷӯше.
Маро куштӣ, нагӯй мазҳабат чист?
Чунин бечора куштан мазҳаби кист?
Маро дидӣ, ки бехуд чун фитодам,
Зи дасти дил ба мавҷи хун фитодам.
Ба хун дар ошно кардӣ ту боре,
Гузаштӣ аз сарам бегонаворе.
Чӣ дилдорӣ, чӣ дилдорӣ, ту эй моҳ,
Чӣ хуни халқ мерезӣ дар ин чоҳ?
Чӣ резӣ хуни мискинон ба афсун,
Аз ин чаҳ об хоҳӣ хӯрд ё хун?!..
Нахоҳӣ бурд, донам, эй дилором,
Маро дар зиндагиву мурдагӣ ном.
Гирифтам к-аз мизоҷи нозанинат,
Бад-он арзам, ки бошам ҳамнишинат.

Намегӯй сухан, ҷонон насаб чист?
Қаде чун нахл бар нахли рутаб чист?
Зи мардум мардумон дамсоз гиранд,
Сухан аз девмардум боз гиранд.
На ман деве, на деве мепарастам,
Агар девонаам хоҳам, ки ҳастам.
Сухан кӯтаҳ кунам охир саломе,
Аз он лаъли шакарпаймо паёме.
Паёме гар фиристӣ ном ёбам,
Дар ин ошуфтагӣ ором ёбам.
Биҷунбон турраи чун зулфи шамшод,
Магар бӯе ба тӯҳфа оварад бод.
Баровар дасте аз ошиқнавозӣ,
Бикун бечораеро чорасозӣ.
Басе з-ин гуна бар вай достон хонд,
Бар афсунгар фасона кай тавон хонд?...
Равон шуд чун маҳе дар манзили хеш,
Ҷароҳат тоза карда бар дили реш.
Ҷавони маст кор аз даст рафта,
Дилаш бар ёру ёр аз даст рафта.
Ҳамон ҷо сар ниҳода зор бигрист,
Ба ҷуз гирья сабили ошиқон чист?!
Биё, мутриб, ки гирьён шуд суроҳӣ [1],
Ту хандон кун дар он савти [2] сабоҳӣ [3],
Сарамро аз суруде афсарӣ бахш,
Зи занҷире, ки дорӣ гавҳаре бахш.
Биё, эй шеърхон, оҳанг ҳуш дор,
Ҷу чанге захмаҳои чанг ҳуш дор...

---

[1] *Суроҳӣ* — шишаи шароб.
[2] *Савт* — бонг, овоз, овоза.
[3] *Сабоҳӣ* — бомдодӣ, саҳарӣ.

Биё, соқӣ маи ҷӯшида пеш ор,
Арӯси токро пӯшида пеш ор.
Магар бо ӯ барорам хилвате х(в)аш,
Ғаме берун кунам з-ин ҷони ғамкаш.

Зорӣ кардани ошиқ дар назари маъшуқ

Чу дигар рӯз ин дӯлобии бед,
Кашид аз чоҳи машриқ далви хуршед.
Чу хуршеде, ки ҷӯяд дар ҳамал роҳ,
Ба бурҷи далв толеъ гашт он моҳ.
Расида гирди гирдаш духтаре чанд,
Чу гирди моҳи равшан ахтаре чанд.
Накӯрӯе миёни некномоя,
Ҳамеомад чу сарве навхиромон.
Чу сарве аз ҳама олоиш озод,
Бар ӯ кас нозада осеб ҷуз бод.
Ду чашмаш чун ду турки тир дар шаст,
Ду турра чун ду ҳинду теғ дар даст.
Гиреҳ баста бар абрӯи камонаш,
Ба назъ[1] афганда ошиқро камонваш.
Рухе чун маҳ нагӯям к-офтобе,
Аз ӯ дар ҳар диле торик тобе.
Лабе дода ба соҳибдавлатон ранг,
Даҳан чун рӯзии меҳнаткашон танг.
Чу омад сӯи ҷон он чашмаи нур,
Бар ин шакле, ки гуфтам чашми бад дур.
Ҷавони дилшуда аз ҷой барҷаст,
Зад андар домани дилдори худ даст.
Бинолид аз ғамаш нолидани зор,
Чу аз ҷон даст шуста шахси бемор.

[1] *Назъ* — ҷон кандан.

Пас аз сад нола гуфт: «Эй ман ғуломат,
Сари номи ту гардам, чист номат?...
Чӣ кабкӣ аз кадомин кӯҳсорӣ,
Ки чун рафтори хуш гуфтор дорӣ...
Фидоят ҳастии ман ҳарчӣ ҳастӣ,
Чӣ будаст он, ки дил бурдиву бастӣ.
На сулҳе арз кардиву на ҷангам,
На номам боз пурсидӣ на нангам.
Сарат гаштам напурсидӣ, ғараз чист?
Задӣ сангам нагуфтӣ, к-ин саги кист?
Намешояд дари инсоф бастан,
Бад-ин беилтифотӣ баршикастан.
Раҳо кардӣ маро дар хуну дар хок,
На аз ман шармату на аз худо бок...
Шабе толеъ нагаштӣ бар ман, эй моҳ,
На донам, бар чӣ толеъ зодай оҳ!
На аз хона хабар дорам, на аз хеш,
Зи меҳнат моядор аз сабр дарвеш.
Раҳе гум карда дар саҳрои андӯҳ,
На дар саҳрост оромам на дар кӯҳ...
Манам Маҷнун мутеи Лайлии хеш,
Агар Лайлӣ туӣ Маҷнун макун беш.
Чӣ дил бастӣ дар ин ҷон додани ман,
Чӣ хоҳад хост аз афтодани ман...
Агар сад сол бо ту роз гӯям,
Маломатҳо расад аз ту ба рӯям.
Дилат з-он гуфтугӯ озод бошад,
Маро низ он маломат ёд бошад»...
Баромад ҳой-ҳое аз чапу рост,
Аз ин сӯ нола з-он сӯ наъраҳо хост.
Бутони обкашро дид пуроб,
Ҷигар пуртобу ҷонро ришта бар тоб...

Шуд ин қисса миёни шаҳр машҳур,
Ки парвона саре дарбохт бо нур.
Ба вақти сулҳ, к-ин дарьёи ахзар,
Кушодӣ чашмаи хуршед аз сар.
Шудӣ толеъ ба расми хеш ногоҳ,
Чу моҳи Нахшаб [1] он маҳ бар сари чоҳ.
Ғариби хонумон карда фаромӯш,
Баровардӣ дигар бор аз ҷигар ҷӯш.
Ҳамон шӯру шағаб оғоз кардӣ,
Ҳамон сӯзи гузашта соз кардӣ.
Ҷигар мехӯрдиву мекӯфтӣ дил,
Замин мекандиву мебехтӣ гил...
Ду чашмаш боз монда дар рухи ёр,
Забони комгораш бар сари кор.
Назора мардумон аз ҳар қабила,
Чу роз аз парда пайдо шуд чӣ ҳила?
Ба ҳила ишқ натвон дошт мастур,
Миёни соя пинҳон кай бувад нур?..

Омадани ҷамоате аз барҳаманон ва панд додан мар ошиқро

Касе, к-аз ошиқӣ барбаст боре,
Насоеҳро надорад эътиборе...
Ғарибе бедил аз ҷон сер гашта,
Раҳи ғамро ба сад меҳнат навашта [2].
Назар мекард рӯзе аз сари чоҳ,
Аз аҳли хеш қавме дид ногоҳ.

---

[1] *Нахшаб* — номи пештараи шаҳри Қаршӣ. Моҳи нахшаб — мувофиқи ривояти Ҳаким бинни Ато машҳур ба Муқаннаъ аз чоҳе, ки дар канори Нахшаб будааст бо сеҳру найранг моҳро мебаровардааст, ки гӯё то чор фарсанг, яъне 24—28 *км* равшаной медод.

[2] Навашта аз феъли навоштан ба маънии тай кардан.

Бараҳманасл афсунхон бутe чанд,
Кушода аз дари ҳар донише панд,
Дар эшон буд корогоҳ пире,
Расонида ба ҳар пархош тире...
Насиҳатҳои пирона фурӯ рехт [1],
Ғубори ғам зи саҳни дил фурӯ рехт...
«Ки эй ғофил зи шамшери замона,
Хабар дорӣ зи хунрезиш ё на?..
Ҷавонӣ тезтабъӣ, ҳуш дорӣ,
Мадеҳ аз каф зимоми ҳушьёрӣ...
Ҳамон ёре ки ӯро дӯст дорӣ,
На дар вай дӯстӣ бинам на ёрӣ...
Чунин бутро чаро ту мепарастӣ,
Аз ин сурат назар бардор, растӣ».
Чу бишнид он ҷавон ин панд аз пир,
Нафир ангехт чун мурғони шабгир.
Бинолид аз дили ноланда чун чанг,
Дар он нолишгарӣ бардошт оҳанг.
Ки оҳ, эй носеҳон, эй пандгӯён,
Зи маъҷуни [2] фасод ислоҳҷӯён...
Маро майгунлабе кардаст сармаст,
Ҳам ӯ буньёди сабрам паст кардаст...
Ману ҷоне ба банди ишқ банде,
Чӣ хонедам ба садри ҳушмандӣ.
Шумо донеду авҷи иззату ҷоҳ,
Маро бо ман гузоред андар ин чоҳ...
Дигар бора ҳакими хубташбиб [3],
Суханро навъи дигар дод таркиб...
Бад-ӯ гуфт: «Эй ҷавон оҳистатар бош,
Зи даври осмон соҳибхабар бош.

---

[1] Шояд ба ҷои «фурӯ рехт» дар ин ҷо «бар ӯ рехт» бошад.
[2] *Маъҷун* — омехта шудан.
[3] *Ташбиб* — дар ин ҷо шояд ба маънии васфкунанда омада бошад.

Туро гарчи мувофиқ нест пандам,
Вале бипзир ҳар нақше, ки бандам»...
Аз ин девонагона нуктае чанд,
Чу дур(р) дар ҷамъи он гӯш андар афганд.
Чу диданд он расанбандони он ҳарф,
Зи дигар рӯзнома мешавад сарф,
Ҳама якбора роҳатсоз гаштанд,
Сар афганда аз он ҷо боз гаштанд.

Хабар ёфтани шаҳна аз ишқ ва банд ниҳодан

Чу ишқи бедиле бо дилситоне,
Шуд андар ҳар диёре достоне.
Зану мард аз ҳадиси он зану мард,
Ба ҳар ҷое, ки мешуд қисса мекард.
Магар марде зи наздикони он зан,
Шуда тира зи таъни дӯсту душман.
Ба пеши шаҳна омад хок бар сар,
Ки резам хуни худ бо хоки ин дар.
Бидеҳ доде, ки бедодӣ басе рафт,
Ҳама оби касон аз нокасе рафт.
Чавоне номи моро хок кардаст,
Дил аз шарме, ки бояд пок кардаст.
Пас онгаҳ кард аз он сир гиреҳ боз,
Ба пеши шаҳна аз анҷому оғоз.
Баду неке, ки пеши шаҳна буданд,
Бар он даъвиш итҳодӣ[1] намуданд.
Бихондаш шаҳна занҷире дар ӯ баст,
Ба дигар банд пояш карду ҳам даст.
Асире банди меҳнатҳо кашида,
Ҳама занҷири сабр аз худ бурида...

[1] *Итҳодӣ* — шоҳидӣ, гувоҳӣ.

Халос ёфтани ошиқ аз банд

Чу нав шуд соли султон-ас-салотин,
Муғис-ул-ҳақ[1] Ғиёси дуньяву дин[2],
Ба тахти мулки Деҳлӣ подшо шуд,
Басе мӯҳтоҷро ҳоҷатраво шуд.
Ишорат дод он гетӣ худованд,
Ки бардоред аз ҳар бандие банд...
Чу ин ҳукм омад аз Деҳлӣ ба Ногавр[3],
Ба ҳукми ин ишорат шаҳна бар фавр,
Биёмад банд аз он бечора бардошт,
Зи коҳи хушк кӯҳи хора бардошт.
Чу девона бурун омад зи занҷир,
Равон шуд чун зи доме ҷаста нахчир.
Чу ташна к-ӯ ба сӯи чаҳ хиромад,
Пас аз соле ба чоҳи худ баромад.
Ҳамон ҷо дид сарви симтанро,
Бути шаккарлабу ширинадаҳанро.
Ҳамегуфт об дар дида, ки эй моҳ,
Набудам қонеъ аз ишқат бад-ин чоҳ.
Қазо бар чоҳи ман банде барафзуд,
Ғами ин ҷою ин банде киро буд?
Дар ин бандам напурсидӣ ту як рӯз,
Ғалат кардам туро кай бошад ин сӯз,
Дар ин банд ар гусистӣ банд-бандам,
Набудӣ ин таманно судмандам.
Надонам к-аз чӣ санг омад дили ту,
Кадомин об тар кард он гили ту?..

---

[1] *Муғис-ул-ҳақ* — фарьёдрас, ҳомӣ ва муҳофизи ҳақ.

[2] *Ғиёси дуньяву дин* — ишораест ба Ғиёсуддин Балбан ном султони Деҳлӣ, ки дар байни солҳои 1265—1287 дар Ҳиндустони шимолӣ ҳукмронӣ намудааст.

[3] *Ногавр* — Ногур.

Нарм шудани дили маъшуқ ва сухан бо ошиқ ва ваъда додан ба висол

Чунин гӯянд доноёни ин дайр,
Ки чун якчанд шуд сайёраро сайр.
Бузургу хурдро равшан шуд ин ҳол,
Бад-ин ҳолат баромад чордаҳ сол...
Бути ҳиндунажод он шаб ба бозӣ,
Чу туркон ғамзаҳо дар туркгозӣ.
Ҳама шаб бо парирӯёни шабьёр,
Чу чашми ёри худ будаст бедор.
Чу вақти субҳидам шуд ёд кардаш,
Ки ёд омад аз он дамҳои сардаш.
Пушаймон гашт он маъшуқи зебо,
Ки буд аз ошиқӣ чандин шикебо...
Ба ёрон гуфт моҳи кабкрафтор,
Ки фардо бор хоҳам бурд бо ёр,
Равам дасташ бигирам з-он асире,
Чӣ хуб ояд зи хубон дастгирӣ.
Сухан гӯям в-аз ӯ ҳам роз пурсам,
Фироқи чандсола боз пурсам...
Зи лаб роҳат зи рух райҳон-ш бахшам,
Кушам в-онгаҳ ба бӯса ҷон-ш бахшам,
Дар ин андеша буд он моҳ то рӯз,
Ки сар бар кард субҳи оламафрӯз...
Фусӯсе бар висоли дӯст мех(в)ард,
Итобе бар хаёли бахт мекард...
Даромад шод пеши ёр биншаст,
Гирифташ дасту бӯсе дод бар даст.
Бипурсидаш, ки чунӣ ҳол чун аст,
Ҳисоби пор рафт, имсол чун аст?
Чӣ хунҳо хӯрдӣ андар иштиёқам,
Чӣ меҳнатҳо кашидӣ дар фироқам...

Ману ту ҷоми хуш хоҳем хӯрдан,
Ба хилват ҷои худ хоҳем кардан.
Маро ҷуфтест бозургон, ки ҳар сол,
Барад уштур хариданро басе мол...
Ҳам акнун бо шарикони сафарсоз,
Сафарро азми мутлақ мекунад боз.
Чу ӯ аз хона шуд, ту ҷо бимонӣ,
Даруни дил қадам дарнеҳ, ки ҷонӣ...
Чу он занҷири Каъбаро надида,
Раҳи ғамро биёбонҳо бурида...
Балопарвард он маҳҷури мискин,
На дил бо ӯ дар он наззора не дин...
Туӣ ё хоб дидам ё хаёл аст,
Ки сулҳи об дар оташ маҳол аст.
Кадомин оваридат эй гул ин ҷо,
Гул ин ҷо беҳ, ки бошад булбул ин ҷо.
Чӣ давлат буд к-аз ман ёд кардӣ,
Хароберо ба лутф обод кардӣ.
Чӣ раҳм омад дили кофарвашатро,
Ки нармӣ дод табъи саркашатро...
Бихандид он гул аз гуфтори ёраш,
Гирифт аз дилнавозӣ дар канораш.
Чу базми ваъда дар табъаш биёрост,
Ба ҷоми бӯса масташ карду бархост...

Вафот ёфтани маъшуқ ва сӯхтани ӯ ва хабар расидан ба ошиқ ва сӯхтани ӯ бар мувофиқати маъшуқ

Бути ҳиндусиришт аз хоб бархост,
Ниқоби абр аз маҳтоб бархост.
Ба шавҳар дид азми роҳ карда,
Басеҷи[1] кӯчи манзилгоҳ карда.

[1] *Басеҷ* — омодагӣ, қасд, ирода.

Биёмад барги[1] раҳ тартиб кардаш,
Бар-он зоде[2], ки буд аз гарму сардаш.
Аз он олоте к-андар роҳ шояд,
Бидодаш ҳар матое к-он бибояд.
Чу ҳамхона зи хона сар бурун кард,
Ту гӯй хонумонро сарнагун кард.
Ҳамон дам таб гирифт он дилситонро,
На дилро балки корафтодагонро...
Се рӯз он нозанин афтод дар тоб,
Ба якбора бимонд аз хӯрду аз хоб.
Чаҳорӯм рӯзаш он бут тиратар шуд,
Гули серобро гуна дигар шуд.
Чу ҷони ӯ зи сина қасди лаб кард,
Ба ҷон дармонд модарро талаб кард...
Маро дардеҳ, ки ҷонам бор барбаст,
Гули ман рахт аз ин дор барбаст.
Бигӯ, то з-оташу ҳезум дароранд,
В-агар з-ин сӯхта дуде бароранд.
Маро худ оташи дил ҳаст бисьёр,
Тане чун ҳезуми хушк аз ғами ёр.
Ҳамин асбоби ман бо ман писанд аст,
Касе, к-ӯ инчунин мурдаст зиндаст...
Бигуфт ину ба ҳам пайваст дида,
Қафас бар ҷову мурғ аз вай парида.
Бар оине ки бошад ҳиндувонро,
Бурун бурданд он сарви равонро.
Зи нохешону аз хешон гурӯҳе,
Бароварданд ҳезумҳо чу кӯҳе.
Ниҳоли нав бар он хошок бурданд,
Гулистоне ба хористон супурданд.

---

[1] *Барг* — асбобу сомон.
[2] *Зод* — тӯша.

Бар оташ дарзаданд он хобгаҳро,
Ба Миррихе қирон доданд маҳро.
Яке аз дӯстони он сияҳрӯз,
Чу з-он оташ расид андар дилаш сӯз,
Даромад назди он коруфтода,
Ҳам аз дил, ҳам зи дилбар уфтода,
Бигуфташ чанд пурсӣ аз сари чоҳ,
Ки дарьё мавҷ барзад, оҳ кун, оҳ...
Бимурд он маҳ, ки васлат ваъда медод,
Кунун шаҳрест аз маргаш ба фарьёд.
Чу ин шарбат бад-ин бемор доданд,
Ту гуфтӣ банд-бандаш баркушоданд...
Бад-ин ғамҳо, ки ӯро пою сар не,
Ҳамин ман номзад бошам дигар не.
Мижа пуробаму сина пурозар,
Маро аз баҳри ин мезод модар.
Гирифтанд аз ҷаҳон баҳра ҳама кас,
Маро баҳра ҳамин буд аз ҷаҳон бас.
Бад-ин сират басе фарьёдҳо кард,
Аз ин соғар басе хунобаҳо х(в)ард.
Нишоне ҷуст аз он маҳ чун нишон ёфт,
Ба саҳро ронду рӯ аз шаҳр бартофт.
Чу он оташ бар ӯ пайдо шуд аз дур,
Фиғоне баркашид он ҷони ранҷур...
Маро гуфтӣ бихоҳам сохт базме,
Ки додам бо ҳарифии ту азме.
Барои дӯстон ин базм созанд,
Ҳарифонро бад-ин маҷлис навозанд...
Зи ту ёрӣ чунин омад зиҳӣ ёр,
Чунин бошад сару корат зиҳӣ кор.
Раво бошад агар мақсудат ин аст,
Дилам бо ҷони покат ҳамнишин аст...

Бигуфт ину ба ҷои худ равон шуд,
Чу боде ҷониби оташ давон шуд.
Расиданд ақрабову авлиёяш,
Гирифтанд аз талаттуф дасту пояш.
Бизад дасту биҷаст аз пеши эшон,
Саре чун рӯзгори худ парешон.
Даруни оташ омад ёри худ дид,
Ба кори ошиқӣ ҳамкори худ дид.
Шарар з-ин сӯ расиду шӯъла з-он сӯ,
Ҳамон ҷо такья зад паҳлӯ ба паҳлӯ.
Варо пӯшиш гирифту зор месӯхт,
Фалак бин ёрро бо ёр месӯхт.

Татамма [1]

Ҳикоят хатм шуд дигар чӣ дорӣ,
Бурун ор аз харита [2] ҳар чӣ дорӣ.
Ҳанӯзат ҳаст аз он афсонаҳо ёд,
Дили вайронат аз ганҷина обод.
Ҳанӯзат лаб пур аз назми хушоб аст,
Ҳанӯзат ҳуққа пурлӯълӯи ноб аст...
Муҳаббат лавҳ буду ишқ хона,
Аз он номаш ниҳодам «Ишқнома».
Намудам андар ин чандон тафаккур,
Саводи якшаба буд ин ҳама дур.
Ба соли ҳафсад [3] ин дур шуд намуда,
Душанба, ғурраи [4] зулҳиҷҷа [5] буда.

---

[1] *Татамма* — итмом, анҷом.

[2] *Харита* — киса, ҳамьён.

[3] Соли 700 қамарӣ ба соли 1301 мелодӣ мутобиқат дорад.

[4] *Ғурра* — рӯзи аввали моҳ.

[5] *Зулҳиҷҷа* — номи моҳи 12-ӯми солшумории ҳиҷрии қамарӣ мебошад ва аввали зулҳиҷҷаи 700 қамарӣ ба аввалҳои августи соли 1301 мелодӣ рост меояд, ки ин таърихи таълифи достони «Ишқнома» мебошад.

Чу дар назм омад ин абьёти дилкаш,
Шумурдам ҳосил омад шашсаду шаш.
На аз худ кардам ин афсона манзум,
Ки машҳур аст ин қисса дар он бум.
Агар гӯӣ, ки ин гуфтан чаро буд,
Баёни ишқи бединон хато буд...
Тавон кардан ба садчашма забон тар,
Валекин ишқ дарьёест дигар.
Ки кори ошиқӣ корест ҷонӣ,
Зи куфру дин бурун аст он маонӣ...

МУНДАРИҶА

Муқаддима 3
Эй рӯи ту моҳи маҳфили мо 17
Эй сабо бӯи ту мебояд маро 18
Эй дардҳо фузуда дили дӯстдорро 19
Эй камар баста бевафоиро 20
Эй чашму чароғи дил, охир назаре бар мо 21
Эй дар ду лабат ҳама шакарҳо 22
Ба пеши сурати хуби ту моҳро чӣ бақо? 23
Боз о, ки орзӯи ту бисьёр шуд маро 24
Чандин чӣ ноз омӯхтӣ он ғамзаи ғаммозро 25
Чеҳра нигор кард гул, чеҳраи ёри ман куҷо? 26
Ман надонам худ чӣ созам ҳила то бинам туро 27
Ду рӯз шуд, ки шудам з-он маҳи ягона ҷудо 28
Навбат заданд, навбати айш аст, соқиё 29
Нест имрӯз ҳеҷ ҳуш маро 30
Назар кун ду чашми пуроби маро 31
Дил шуду дунъё шуду дин, соқиё 32
Ди сӯи сарви лоларух пайғом додам бодро 33
Моҳе кн қадаш таъна занад сарви чаманро 34
Мубтало гаштам, мани бечора, то дидам туро 35
Моҳи ман, давре бигардон аз шароб 36
Ҳаҳӣ дилбар, ки дилҳо аз ту шод аст 37

Турки ман дӣ каманд меандохт 38
Коре ки буд бо ту маро, пештар нарафт 39
Ёр, ки сад ёрӣ аз ӯ хостаст 40
Инсоф медиҳам, ки чу рӯи ту рӯй нест 41
Бинмой рӯи худ, ки ба як рӯ намуданат 42
Моҳ чунин рӯ, ки ту дорӣ, надошт 43
Соқӣ, биёр ҷом, ки ҷонам сипанди туст 44
Ё раб, ки он ниҳоли нав аз бӯстони кист? 45
Андар ғами туам, сару сомон чӣ ҳоҷат аст? 46
Маро аз зулфи ту мӯе басанд аст 47
Эй зи ҷоми лабат ҷаҳоне маст 48
Чун ҷамоли ту ҳеҷ бустон нест 49
Ҳар ки дар ишқ по наяфшурдаст 50
Он шӯх бар он ваъда, ки медод намондаст 51
Эй дӯст, туро бар сари вақтам гузаре нест 52
Биё соқӣ, ки гул меҳмони боғ аст 53
Эй кашида чу яке сарви саҳӣ боло рост 54
Бо сари зулфи ту моро сару савдое ҳаст 55
Дил, ки дар ӯ чошнии сӯз нест 56
Лаъли лаби ту мадади ҷони мост 57
Ғамат имрӯз ғамгусори ман аст 58
Ҷое ки туӣ, эй маҳи ман, ҷони ман он ҷост 59
Соқӣ, дами субҳ мушкбор аст 60
Шаби гузашта маро аз ғамат чунон бигзашт 61
Эй, чун маҳи нав ояте аз нури саодат 62
Ғаму андешаи мо бе ту кам нест 63
Нест рӯзе, к-он лаби хунхори ӯ хунрез нест 64
Он дида, ки бар ҳоли манаш ҳеҷ назар нест 65
Рӯи гул бин, сифати рӯи касе бо ӯ ҳаст 66
Моро ба ҷуз ту дар ҳама офоқ ёр нест 67
Маро дар кӯи ишқат хонае ҳаст 68
Аз банди ишқ ҳеҷ дилеро кушод нест 69
Бутам к-ислом ҳайрон кардаи ӯст 70

Биё соқӣ, ҳанӯз оҳистагӣ чист 71
Агарчи пои ман аз дасти ту ба зери гил аст 72
Дилбаре дорам, ки ғамхори ман аст 73
Мушке, ки кашид ӯ, ба ҳама мулки Хутан нест 74
Эй шӯх, туро дар лаби ширин чӣ шароб аст 75
Лаби ширинтро шаккар ғулом аст 76
Давлати мо гул накард, меҳнати хор аз куҷост? 77
Мадон к-осудадил бе ту касе ҳаст 78
Аз таффи ишқ шӯъла дарун омадан гирифт 79
Гар туро хашмест дар сар, сар кашам пеши синонт . . . 80
Эй диламро то қиёмат бо ту паймоне дуруст 81
Ё раб ин турки ҷафопешаи мо аз чӣ гил аст 82
Боз имрӯз ба майхона гузар хоҳам кард 83
Ҳикояти ғами ҳиҷрони ёр натвон кард 84
Зи чашмат чашми он дорам, ки аз чашмам наяндозад . . . 85
Дӯш аз дами ман бодӣ саборо кӣ хабар кард 86
Он қавм, ки май ҳаром гиранд 87
Эй рухат рашки маҳи зебои ид 88
Боз гул рӯи хештан бикушод 89
Суханварон, ки ҳадиси суманбарон хонанд 90
То назар боз гирифтӣ зи гирифторе чанд 91
Меҳру маҳ аз ту фол мегиранд 92
Чу маҳрӯён ба маънӣ офтобанд 93
Дарде, ки дар ӯ даво нагунҷад 94
Дилам хун кард дилдорам, чунин дилдорие дорад 95
Анвори ту дар назар нагунҷад 96
Онон ки зи ту дар гила бошанд, надонанд 97
Сиррест дар ин сина, ки пайдо натавон кард 98
Бутон, к-аз зулфи мушкин дом карданд 99
Сари зулфаш агар кушода шавад 100
Ёр дар анҷуман намегунҷад 101
Ҳар кӣ дар шаҳраҳи бало хуспад 102
Боз фасли баҳор меояд 103

Хубиву туро вафо набошад 104
Олам чу туе дигар надорад 105
Хуршед ба рӯи ту чӣ монад 106
Дил ба банди зулфи ту дармеравад 107
Алнисор, эй дил, ки дилбар мерасад 108
Фасли наврӯз асту навбар мерасад 109
Вақти он омад, ки гул берун шавад 110
Дарди ӯ дуд аз дили ман мекашад 111
Гар зи зулфат банде аз ҳам бигсилад 112
Ҳар киро аз ёди ту мастӣ бувад 113
Ғамат ба қасди мани нотавон чӣ меояд 114
Насиме аз сари зулфи ту то намеҷунбад 115
Дил пешкаш нокарда ҷон дар пеши ҷонон кай расад? . . . 116
Ҳоли ман ёри накӯрӯй накӯ медонад 117
Дӯш бар кӯят гузаре уфтод 118
Чун гул он моҳ ба ҳангоми саҳар хоста буд 119
Бирафтиву, ки меғӯяд, ки рафта боз меояд 120
Дилам қибла ҳамин рӯи ту дорад 121
Хиромон даррасид он сарви озод 122
Иди поринарӯзи мо х(в)аш буд 123
Рӯи чун субҳи ту бар нури қамар меҳандад 124
Манам аз дӯст ҷудо мондаву дил дода ба бод 125
Маро ҳавои гул аз рӯи ёр ёд диҳад 126
Бутам чун шохи гул ҳар бор меомад, намеояд 127
Имшаб аз ёқути ҷонон қути ҷон хоҳам кашид 128
Боз фасли гул расид, он гулрухи мо кай расад? 129
Боз ҷонамро ғаме сахт уфтод 130
Гуфтам магар ки кор ба сомон шавад, нашуд 131
Ваъдае кард нигорам ба вафо ҳам бирасад 132
Сабо ҷунбиду вақт омад, ки булбул аз чаман пурсад . . 133
Чӣ рӯяст он ки васфи ӯ ба ваҳми мо намегунҷад 134
Чун рухи хуби ту офтоб набошад 135
Ҳуҷуми ишқ бад-ин ҷони мубтало чӣ кунад 136

Шабе, ки ним мурода ба чанг меояд 137
Сарви ман агар турра зи шамшод набандад 138
Маҳ дар сифати ҳусн зи ту беш набошад 139
Боз он гули тар аз чамани кист, кӣ донад? 140
Дил бибурдӣ, дигар чӣ хоҳад шуд? 141
Дилам таслими дилбар шуд, бар ҳар ҳукме, ки ӯ хоҳад . 142
Гаҳе к-он рӯи гулгунро бунафша ҳамнишин бошад . . . 143
Агар аз рӯи гулранғат сабо парда барандозад 144
Ҷигар пурдарду дил пурхун тавон буд 145
Ерӣ диҳадам он бути айёр, кӣ донад? 146
Боз гул аз боғ рафт, боди сабо меравад 147
Турки дилошӯби ман тунду равон меравад 148
Эй чун ту надошта ҷаҳон ёд 149
Боз маро ишқи ту дарҳам ниҳод 150
Дилро насими зулфи ту беҳушӣ оварад 151
Боз ин дилам ба кӯи дилором меравад 152
Биё, ки ид дари айш бар ҷаҳон бикшод 153
Дилам зи даст шуду дилситон намепурсад 154
Камоли ҳусни ту дар ақли кас намегунҷад 155
Дар дили ҳар ки ғами ёри дилафрӯз бувад 156
Гулаш то ҳамнишини мушки тар шуд 157
Ғами ҷонон ғарам доман нагирад 158
Шаб маро то ба рӯз хоб набуд 159
Дер шуд ёри ман ба ман нарасид 160
Дарди моро ҳам ӯ даво донад 161
Бори дигар тири ишқ бар ҳадафи ҷон расид 162
Дило, бе васли ҷонон чун тавон буд? 163
Дӯш аз ғами ту дилам чунон буд 164
Имсол бе ту равнақи гул он чунон набуд 165
Бӯи роҳат дар ҳама олам намонд 166
Шабро чу субҳи ид азизе ба мо расид 167
Дӯстон, дардам қавӣ шуд, марҳаме ҳосил кунед 168
Ғар насиме аз сари зулфи ту сар дарҳам расад 169

Ин мужда, кӣ мегӯяд, в-ин нома, кӣ меорад? 170
Фалак бо кас дили якто надорад 171
Гузаштагони ҷаҳон ҳоли хеш чун гӯянд 172
Бутам султони хубон шуд, гадоёнро кӣ мепурсад? 173
Ҳадиси ошиқӣ пинҳон намонад 174
Ер аз мо рафту ёде ҳам накард 175
Боз навои булбулон ишқи ту ёд медиҳад 176
Боз насими савсанам бӯи ту ёд медиҳад 177
Аз чашми пурхумори ту мастӣ намеравад 178
Дилро, ки хун гирифт нигаҳ доштан чӣ суд? 179
Дил хун шуд, он хулосаи ҷонро хабар кунед 180
Ғаматро ҷой ҷуз дар ҷон набошад 181
Наврӯз расид, ёд медор 182
Машав аз ҷой, ки аз ту нашудам ҷон дигар 183
Эй зи бутони сарвқад қадди ту хуш хиромтар 184
Нест чу рӯи ту гулистон дигар 185
Не фалак бо ман мувофиқтабъ меояд, на ёр 186
Машав, эй чашми мардумро зи ту нур 187
Эй пеши дурҷи лӯлӯи ту шармсор дур 188
Гуфтам маро дасте бидеҳ, н-омад зи ҷонон ин қадар . . 189
То дидаам рухсори ӯ аз барги гул серобтар 190
Гар вуҷудам зи ғамат рафт хаёле кам гир 191
Эй, маро ҳол аз ғамат аз ҳарчи донӣ, зортар 192
Шакле аҷабе дориву рафтор аҷабтар 193
Боди хушбӯй ҳамеояду гарде чу абир 194
Ало, эй сорбон, маҳмил фурӯ гир 195
Эй рухи хуби ту аз орази гул зеботар 196
Манам имрӯзу ишқи турки танноз 197
Боз пайкони ғамза кардӣ тез 198
Маи дӯшина дар сар аст ҳанӯз 199
Дардо, ки ман аз роҳати ҷон дур шудам боз 200
Эй ҳама шаб ёди туам ҳамнафас 201
Машав, эй хоҷа, аз ин беш гирифтори ҳавас 202

Биё, соқӣ, тариқи нозро бош 203
Беҳ аз сад ҷони ширин аст лаълӣ шакаролудаш 204
Эй, бе ту маро зи дин фаромӯш 205
Дил аз ғам зор шуд, гӯ ҳамчунон бош 206
Дил, к-аз ғамат маҳрум шуд, ҳоле ҷигархун кардамаш . . 207
Рӯзи ид аст аз лаби ёқут ҳалвое бибахш 208
Дӯш хун рехтам аз дида ба ҳангоми видоъ 209
Эй дода ба ту ҳама ҷаҳон дил 210
Дӣ гузар кардам ба саҳрое, ки буд маъвои гул 211
Шамоили ту латиф асту суратат мақбул 212
Ин манам, к-аз ту саломе ба ман овард расул 213
Зиҳӣ таровати ҳусну зиҳӣ мазиди ҷамол 214
Дилам хун шуд надонам, бо кӣ гӯям? 215
Сар магардон, ки хоки пои туам 216
Маро к-имшаб туӣ ҳамрову ҳамдам 217
Чист матлуби ту то аз сари он бархезам 218
Эй мурғ, бинол, то бинолем 219
Эй гул биё, ки аз чу туӣ дур мондаем 220
Боз ба кӯи ту ватан мекунам 221
Аз ман чӣ гунаҳ омад, к-ат ёд намеоям 222
Ҷафо макун, ки ман аз ҷон сари вафои ту дорам 223
Орзӯҳост, ки як қисса ба дасти ту диҳам 224
Имрӯз чӣ рӯз аст, ки аз рӯи ту дурам 225
Ҳадиси иштиёқат чун нависам 226
Чист, ки як бор намепурсиям 227
Рӯи ту ҳамчу бағ мебинам 228
Дӯш аз ғами фироқи ту хуфтан наёфтам 229
Боз аҳди ниёз бишкастем 230
Ту шоҳу мо асири каманди ғуломием 231
Гар аз ҷаврат ба ҷон будам, бубин к-охир ба ҷон рафтам . 232
Куҷо шудӣ, ки ба сад ҷонат орзӯмандам 233
Фироқи рӯи ту бисьёр шуд, чӣ чора кунам 234
То ғамат ёфтаам ҳар нафасе шодтарам 235

Имрӯз ман он наям, ки будам 236
Ҷоно, шабаке худро дар кӯи ту ҷо хоҳам 237
Аз дасти дил ба ҷонаму аз ҷаври ёр ҳам 238
Нозе к-он бут мекунад, ҳар бор хуш меоядам 239
Эй дарат гашта қиблаи ҷонам 240
Дилам бурдиву миннат мепазирам 241
Аз дари дунёе чӣ дам занам, ки надорам 242
Рухатро ҷуз маҳи равшан нагӯям 243
Ашке чу ақиқ аз он фишонам 244
Ваҳ чӣ рӯяст ин, ки ҳар соат дар ӯ ҳайронтарам . . . 245
Чашм к-аз ёди дӯст тар дорем 246
Ман ҳамчу рӯи хуби ту рӯе надидаам 247
Омад он ёре, ки ман мехостам 248
Он дӯст к-аз дилу ҷон ман дӯстдори ӯям 249
Умресҷ ки дар сина савдои фалон дорам 250
Ерон, дилу дин зи даст додам 251
Ман, ки ғамхори туам, хорам макун 252
Эй турки гулрух, беш аз ин дарди дилам ҳосил макун . . 253
Кист аз ёрон, ки дорад дар ҷаҳон ёре чунин 254
Хуш аст, арчи натвон нигаҳ доштан 255
Эй ҷон, зи барат дурам, дурам зи барат, эй ҷон 256
Кардам ҷигар аз дарди ту хун, аз ту чӣ пиниҳон? 257
Хун шуд дили девонаам, зулфат ба бозӣ ҳамчунон . . . 258
Бо ман намесозӣ даме, эй ёди ту дамсози ман 259
Бутон султони мулки ҳусну мо дар силки дарвешон . . . 260
Эй орзӯи умедворон 261
Маҳи ид асту фасли гул, қадаҳ аз бода хандон кун . . 262
Соқӣ, сӯи мо яке гузар кун 263
Кунун ки боғ зи гул тоза шуд, гул аз борон 264
Эй ҳама шодии дилат, аз ғаму аз балои ман 265
Ало, эй мӯниси ҷони ғарибон 266
Кори ошиқ нест бе маъшуқ чандин зистан 267
Соқиё, ҷоми май овар пеши ман 268

Бӯи дили ман ё ки насими суман аст ин? 269
Ҷоно, дилам хароб ниҳодӣ, чӣ бошад ин? 270
Эй муддаии камдон, охир чӣ калом аст ин? 271
Хилъати наврӯз бин рост ба болои сарв 272
Имрӯз мову боғу гулистони рӯи ту 273
Дил бад-ӯ додем чун дилҷӯст ӯ 274
Мард най то ҳама дилхун най 275
Биё, азизи ман, аз шиша бода берун деҳ 276
Ҷигарам бе ту кабоб аст, ту ҳам медонӣ 277
Як замон гулгашт агар дар ҷониби саҳро кунӣ 278
Маро ба рӯзи ғам имрӯз ёр боистӣ 279
Бӯсе бидеҳ, аз шакар чӣ пурсӣ? 280
Диламро дар ҳавои хеш бастӣ 281
Эй ду ҷаҳон фидои ту, ту зи ҷаҳони дигарӣ 282
Эй сарви равони ҷӯйборӣ 283
Ваъдаҳо мекуниву мегузарӣ 284
Эй ба шӯхӣ ниҳода буньёде 285
Аллаҳ-аллаҳ ин туӣ, ё раб, ки меҳмони манӣ 286
Маро тоқат намемонад ба рафторе, ки меӣ 287
Назар бар ҳеҷ ғамхоре надорӣ 288
Гул хайма ба саҳро зад ҳон, гар ҳавасе дорӣ 289
Рафтиву расми вафо бардоштӣ 290

Муқаттаот 291

Рубоиёт 295

Достони «Ишқнома» (ба тариқи интихоб) . . 301

Ҳасани Деҳлавӣ

Избранные произведения

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Ш. Нодир*
Рассом *М. Серебрянская*
Муҳаррири расмхо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ Р. *Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *С. Обидова*

Ба матбаа 7/V-1964 супурда шуд. Ба чопаш 14/XII-1964 имзо карда шуд. Коғази 70x108$^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 10,25. Ҷузъи чопии шартӣ 14,35. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,41. Адади нашр 10000. Нархаш 40 тин. КЛ 04751. Супориши № 3814.

Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот

ТАСҲЕҲ

Сах.	Сатр	Чоп шудааст	Хонда шавад
2	1	Тартибдиҳанда	Тартибдиҳандагон
12	14 аз боло	асосӣ	асосиро
17	2 аз поён	туру	туро
74	2 аз боло	сарв	сарве
77	3 аз поён	луфт	лутф
108	3 аз поён	калла	килла
108	6 аз поён	калла	килла
110	7 аз боло	Новфал	Навфал
112	2 аз боло	аз ҳам	аз ғам
208	3 аз поён	шакарҳое	шакархое
237	4 аз поён	баҳон ту	бақои ту
304	16 аз поён	Ва	Ба
311	1 аз поён	Итҳодӣ	Ишҳодӣ
311	6 аз поён	итҳодӣ	ишҳодӣ

Супориши № 3814—10,000